ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 159.9+340 (575.3): 88.4

**БОБОБЕКЗОДА МЕҲРОҶИДИНИ АБДУҶАЛИЛ**

# ТАЪСИРИ ПСИХОЛОГИИ ТАЛОҚ БА ЗОҲИРШАВИИ ҲОЛАТҲОИ ЭМОТСИОНАЛИИ НАВРАСОН

## ДИССЕРТАТСИЯ

бароидарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050301 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология

**Роҳбари илмӣ:**
н.и.психологӣ, дотсенти кафедраи психологияи ДМТ, Шарипова М.Ё.

**Душанбе – 2025**

## МУНДАРИЧА

**ИХТИСОРАҲО**......................................................................................3
**МУҚАДДИМА** ......................................................................................4
**БОБИ 1. ТАҲҚИҚИ НАЗАРИЯВИИ ҶАНБАҲОИ ПСИХОЛОГИИ ТАЪСИРИ ТАЛОҚ БА ЗОҲИРШАВИИ ҲОЛАТҲОИ ЭМОТСИОНАЛИИ НАВРАСОН**......................................................................................15
1.1. Тавсифи хусусиятҳои психофизиологӣ дар синни наврасӣ......................................................................................15
1.2. Хусусиятҳои зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасони оилаҳои пурра ва нопурра......................................................................................29
1.3. Талоқ ҳамчун падидаи иҷтимоию психологӣ..................................44
1.4. Хусусиятҳои азсаргузаронии талоқ аз ҷониби наврасон ва ё вокуниши онҳо нисбат ба қарори волидайн..........................................50
**БОБИ 2. ТАВСИФИ МЕТОДҲОИ ОЗМОИШӢ ВА ТАШКИЛ КАРДАНИ ТАҲҚИҚОТ**......................................................................................66
2.1. Тавсифи гурӯҳчини таҳқиқот..........................................................66
2.2. Тавсифи методҳои дар таҳқиқот истифодашуда ….....................77
**БОБИ 3. ТАҲҚИҚИ ЭМПИРИКИИ ТАЪСИРИ ТАЛОҚ БА ЗОҲИРШАВИИ ҲОЛАТҲОИ ЭМОТСИОНАЛИИ НАВРАСОН**.........91
3.1. Таҳқиқи ҷанбаҳои ҷинсии таъсири талоқ ба ҳолатҳои эмотсионалии наврасон......................................................................................91
3.2. Омӯзиш ва таҳлили робитаи байниҳамдигарии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон аз оилаҳои пурра ва нопурра......................................................................................102
3.3. Таъсири талоқ ба рушди соҳаи эмотсионалии наврасон.................121
**ХУЛОСА**......................................................................................141
**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**......................149
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ**......................................................................................151
**Интишороти муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия**.............................169
**ЗАМИМАҲО**......................................................................................171

# ИХТИСОРАҲО:

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КОА** – Комиссияи олии аттестатсионӣ

**МТМУ** – муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ

**SPSS Statistics** – ("Бастаи оморӣ барои илмҳои ҷамъиятӣ") - як барномаи компютерӣ барои коркарди маълумоти оморӣ мебошад, ки барои гузаронидани тадқиқоти амалӣ дар илмҳои ҷаъиятӣ пешбинӣ шудааст.

**OD – майл ба монеа кардан:**

***E*** – ҳангоми ҷавоб додан монеаги мушоҳида.

***I*** – ҳолати фрустратсионӣ ҳамчун ҳолати қонеъкунанда-манфиатбахш ё сазовори ҷазо шарҳ дода мешавад.

***M*** – Душвориҳои ҳолати фрустратсионӣ ба назар намерасанд ё ба пурраг̣ӣ инкор карда мешаванд.

**ED – майл ба худҳимоявӣ:**

***E*** – хусумате, ки зидди касе ва чизи атрофи хеш равона гардидааст.

***I*** – маҳкумкунӣ ва маломаткунии ба худ равона гардида, ҳисси гунаҳкорию нокомии шахсӣ ҳукмфармо мебошанд.

***M*** – ҳисси масъулияти шахсе, ки дар ҳолати фрустратсионӣ қарор дорад ва аз маҳкумкуниҳо канорагирӣ мекунад.

**NP – майл ба қонегардонии талаботҳо:**

***e*** – интизор меравад ва каси дигар бояд вазъиятро ҳал кунад.

***I*** – субъект ҳалли ҳолати фрустратсиониро бар дӯш мегирад.

***м*** – изҳорӣ умедворӣ, то ин ки ҳолат худаш ҳал карда шавад.

**GCR** – «дараҷаи мутобиқшавии иҷтимоӣ».

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Рӯзмарагии мавзуъ дар он зоҳир мешавад, ки айни замон шумораи зиёди оилаҳои тоҷик бо сабабҳои гуногун рӯ ба ҷудошавӣ овардаанд ва он дар навбати худ омӯзиши махсуси психологиро талаб мекунад. Воқеияти имрӯза дар ҳаёти инсон бо мавҷудияти дигаргуниҳои куллӣ ва зудтағйирёбанда буданаш тавсиф мешавад. Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар назди ҷомеаи имрӯза гузошта шудааст – ин бунёди ҷамъияти нав мебошад. Барои ба ин ҳадаф расидан тамоми рукнҳои ҷомеаро инкишоф додан лозим аст, зеро оила ҳамчун рукни асосию ибтидоии ҷомеа маҳсуб меравад ва он имрӯзҳо ба солимгардонии психологӣ ниёз дорад.

Омори солҳои охир нишон медиҳад, ки теъдоди вайроншавии оилаҳо рӯ ба тамоюли зиёдшавӣ дорад. Ин далолат бо он мекунанд, ки барои пойдор кардани оилаи имрӯза корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан лозим мешавад. Илми психология дар баробари дигар илмҳо метавонад дар ҳалли ин масъалаи муҳим нақши хоссаро бозад.

Ҳамзамон, масъалаи мазкур доимо зери таваҷҷуҳи Сарвари давлат қарор дорад ва баҳри пешгирии ҷудошавии оилаҳои ҷавон чораҳои зарурӣ ва саривақтӣ андешида мешаванд. Масалан, бо пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати пешгирии пошхӯрии оилаҳо чунин санадҳои меъёриву ҳуқуқии зерин қабул гардиданд: “Қонунуи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулияти таълиму тарбияи кӯдак” (аз 20 июни соли 2024 №2049) [5] ва “Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон” [7], ки дар навбати худ далолаткунанда ва нишондиҳандаи гуфтаҳои мазкур мебошанд.

Мушоҳидаҳои илмӣ ҷиҳати нишон додани нақши осебпазири талоқ ба фарзанд вуҷуд доранд. Худи талоқи волидайн барои кӯдак чунин оқибатҳои вазнин ба мисли неврозҳо, ҳолати афсурдагӣ, ихтилоли гуногуни рафтор, аз ҷумла ғазаб, хашмгинии кӯдак ва ҳолатҳои

эмотсионалии манфӣ мегардад. Аммо бояд андеша кард, ки ин гуна ҳолатҳои эмотсионалии манфӣ муваққатӣ аст, ё чанд сол пас аз талоқ боқӣ мемонад?

Ҳолатҳои эмотсионалӣ зуҳуроти хеле гуногун доранд. Аз рӯйи дараҷаи шиддатнокӣ ва давомнокӣ онҳо метавонанд дарозмуддат, вале суст (ғамгинӣ) ё қавӣ, вале кӯтоҳмуддат (хурсандӣ) бошанд.

Таҳқиқ ва омӯзиши ҳолатҳои эмотсионалӣ дар психологияи муосир махсусан муҳим аст, зеро функсияи муттаҳидкунандаи ҳолатҳо ягонагии психикаро таъмин намуда, дар натиҷа сохтори психологии шахсият ташаккул меёбад, ки хосиятҳо, ҳолатҳо, равандҳо ва робитаҳои байниҳамдигарии онҳоро фаро мегирад. Барои амалияи психологӣ, аҳаммияти тадқиқот оид ба ҳолатҳои равонӣ бо таъсири онҳо ба самаранокии тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти инсон вобаста аст.

Таҳқиқот дар бораи ҳолати эмотсионалӣ дар давраи наврасӣ махсусан муҳим аст. Хусусиятҳои давраи наврасӣ (афзоиши низоъ, изтироб, вобастагӣ аз ҳамсолон, нигаронӣ дар бораи ҷинс, ҷустуҷӯи "симои МАН"-и шахс, ҳисси калонсолӣ, рефлексия ва ғ.) ва буҳрони наврасӣ, ки баъзе олимон (Д.Б. Элконин, Т.В. Драгунова ва дигарон) дар масири ҳаёт онро душвортарин меҳисобанд. Дар шароити муосир ба мушкилоти хоси давраи наврасӣ мушкилоти рӯзафзуни мураккабии фаъолияти таълимӣ ҳамроҳ мешавад, ки он дар афзоиши шумораи мавзуъҳои омӯхташуда, ҳаҷми умумии иттилоот ва зарурати худмуайянкунии барвақти касбӣ инъикос меёбад. Мушкилии дигар дар он аст, ки ҳангоми омодагӣ ба таҳсилоти касбӣ наврасон ҳанӯз омода нестанд, ки худро калонсол ҳисоб кунанд ва бахусус ҳолати равонии худро ба таври муассир танзим кунанд. Ин ногузир ба маҳсулнокӣ ва муносибатҳои онҳо бо дигарон таъсир мерасонад.

Ҳолатҳои эмотсионалии наврасон, ки омили ҳалкунанда дар фаъолият ва инкишоф, ташаккули вазифаҳои психикӣ ва шахсият

мебошанд, дар соҳаҳои гуногуни психология ба таври пурра омӯхта нашудааст. Ин аз ҷиҳати назариявӣ дар нопурра будани тавсифдиҳандаҳои психологии ин гурӯҳи синнусолӣ, паст шудани самараи таълим, тарбия, муомила бо кӯдакон ва инкишофи ҳаматарафа зохир мегардад.

Аз рӯйи азсаргузарониҳои таассуротҳои субъективӣ тамоми гуногунии эмотсионалиро метавон ба 2 гурӯҳ ҷудо намуд: эмотсияҳои мусбате, ки бо қонеъ гардонидани талаботҳои ҳаётан муҳимми инсон алоқамандӣ доранд ва лаззат меоранд ва эмотсияҳои манфие, ки бо қонеъ накардани талаботҳои ҳаётан муҳим алоқаманданду ноқаноатмандиро ҳосил мекунанд.

Аз рӯйи мазмуну мундарича эмотсияҳоро вобаста ба сатҳи талаботе, ки дар инсон қонеъ мегардад, ба содда ва мураккаб ҷудо кардан мумкин аст. Ба эмотсияҳои содда хашм, тарс, шодӣ, андуҳ, ҳасад, рашк ва ба эмотсияҳои мураккаб бошад, ҳиссиёт, яъне ҳиссиётҳои ахлоқӣ, эстетикӣ ва маърифатӣ дохил мешаванд.

Дар робита ба ин мавриди тазаккур аст, ки масъалаи мазкур на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар хориҷи кишвар (Руссия, Қазоқистон, Қирғизистон ва аврупо) низ мубрам маҳсуб меёбад. Таҳқиқоти муҳаққиқон А.Е. Личко [54]; Ю.А. Клейберг [40]; А.С. Арсенев [95]; С.А. Беличева [17]; И.С. Кон [43]; А.И. Захаров [34]; Д.Н. Исаев [37]; В.В. Ковалев [41] ва Ҷ. Конвей [44] далолаткунандаи гуфтаҳои боло мебошанд. Муҳаққиқони номбаргардида раванди ташаккули шахсиятро аз лаҳзаи ба дунё омадани кӯдак мебинанд, ки дар он тарбия нақши пешбарандаро мебозад. Муносибатҳои оилавӣ, хусусан муносибати волидайн нисбат ба фарзанд метавонад назари мусбатро ба вуҷуд орад. Дар баробари ин, ҳамин омил, вале дорои мазмуни психологии дигар, метавонанд боиси пайдошавии ихтилол дар инкишофи кӯдак шаванд, ба монанди: нобоварӣ нисбати атрофиён, изтироб, худбаҳодиҳии паст ва ғайра (Т.Б. Дмитриева [110]; Е.Г. Эйдемиллер [80, 90]). Тавре маълум аст,

давраи наврасӣ ба навъҳои гуногуни муносибатҳои оилавӣ ҳассос аст (А.И. Захаров [34]; М.Д. Кондратев [162]; Д.Н. Исаев [37]; Л.И. Вассерман [22, 23]; И.А. Горковая [22, 23]; ва Е. Ромитсина [22, 23]). Гузариш ба синни балоғат душвор буда, ба авҷ гирифтани аксентуатсияҳо (ифрот), психопатия, ихтилоли невротикӣ ва психосоматикии наврасон мусоидат мекунад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Мавзуи таҳқиқот ду ҷанбаи меҳвариро дар бар мегирад, яке талоқ, яъне пошхӯрии оилаҳо ва дигаре давраи наврасӣ. Чуноне ки маълум аст, давраи наврасӣ аз ҷиҳати психологӣ яке аз давраҳои пурҷӯшу хурӯш ба ҳисоб меравад ва бештари муҳаққиқон ба масъалаи омӯзиши давраи наврасӣ машғул ҳастанд. Масъалаи мазкур ҳам аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва ҳам аз ҷониби муҳаққиқони русу хориҷ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, аммо хусусан масъалаи таъсири талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври пурраю амиқ пажӯҳиш нашудааст.

Муҳаққиқони ватанӣ, ки ба масъалаҳои наздик ба ин мавзуъ пажӯҳиш гузаронидаанд: А.Р. Атахонов [15], Н.М. Юнусова [152, 173], М.Т. Давлатов [32], Б. Маҷидова [56], Н.Қ. Амонов [13], Г.Ю. Баротова [50], Б.Х. Саидзода [74, 75], Н.М. Раҷабзода [167], Н.Ф. Абдурашитов [8, 9] ва дигарон мебошанд.

Дар робита ба ин, муҳаққиқони ватанӣ мавзуъҳои мазкурро зери таҳқиқот қарор додаанд, ба монанди:

- психологияи муносибатҳои оилавӣ (М.Т. Давлатов [32], Н.М. Юнусова [152, 173], Б. Маҷидова [56], М.Ё. Шарипова [87, 150], Ҳ.А. Зайтметов [113], З.Р. Сафарова [77,129,139,170], Ш. Исмоилов [158], М.Ҷ. Фозилова [171], ва дигарон);
- нақши оила ва муносибатҳои волидайн дар бозтарбиянамоии наврасон (Н.Ф. Абдурашитов [8,9,92,153], Н.М. Раҷабзода [167]);

– коркард ва мутобиқ намудани воситаҳои ташхисӣ ҷиҳати ташхиси хусусиятҳои психологии наврасон (Р.А. Атохонов [15], Н.Қ. Амонов [13], Б.Х. Саидзода [74,75] ва дигарон).

Муҳаққиқони рус ба хусусиятҳои таъсири талоқ ба зану шавҳар, рафтори онҳо дар ҳолати талоқ, инчунин сабабҳои талоқ диққати махсус доданд. Ин проблемаҳоро психологҳо А.Я. Варг [137,155], А.С. Спиваковская [81] ва В. Сисенко [136], пажӯҳиш кардаанд. Ҳамзамон, ба ҳиссиётҳое, ки кӯдак пас аз ҷудошавии волидайн аз сар мегузаронад (ғазаб, ҳисси гунаҳкорӣ, андуҳ, тарс), оқибатҳои он дар инкишофи психикии кӯдак ва азсаргузарониҳои ҳодисаи ҷудошавӣ (В. Сатир [76], Г.Т. Хоментаускас [84],) низ диққати махсус дода шудааст. Хусусиятҳои рафтори падар пас аз ҷудошавӣ ва аҳаммияти ҳузури ӯ барои инкишофи психикии кӯдак низ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст (Г. Фигдор [82]).

Аз ҷониби муҳаққиқони рус (А.И. Захаров [34], Г. Фигдор [82], Д.Н. Исаев [37], В.М. Тселуйко [86]) дар бораи таъсири манфии талоқ ба шахсияти кӯдак таҳқиқот гузаронида шудааст. Ҳамзамон, далели ҷудошавӣ ва хусусиятҳои ҳаёти оилаи нопурра, ки дар он модари танҳо сарварӣ мекунад, метавонад дар рафтор, ҳолати эмотсионалӣ ва солимии соматикии кӯдакон инҳирофоти гуногунро ба вуҷуд биёрад. Бо дарназардошти хусусияти густурдаи чунин зуҳурот ба монанди оилаи нопурра, саволи он, ки оё талоқ барои ташаккули шахсияти кӯдак оқибатҳои устувор ва табиӣ дорад, аҳаммият пайдо мекунад.

Таъсири талоқ ба фаъолияти ҳаётии аъзоёни оила бештар аз ҷониби мутахассисони соҳаҳои гуногун (демографҳо, ҷомеашиносон, психологони амалӣ ва табибон) ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-психологӣ, инчунин омили осеби психикии бардавоми кӯдак таҳлил карда мешавад. Айни замон дар адабиёти илмӣ ихтилофҳои зиёде мавҷуданд, ки ҳалли илмиро талаб мекунанд (таъсири талоқ ба инкишофи психикии кӯдак, мутобиқшавии иҷтимоии наврас ва ғ.). Имрӯз масъалаи устувории

воқеии кӯдак ба зиндагӣ торафт бештар матраҳ шуда, вазъи ҷудошавиро ҳамчун душворие дида мешавад, ки вай метавонад бо сафарбар намудани захираҳои ботинию берунии худ аз он мубориза барад (С.В. Зеленчукова [157], Т.А. Гурко [31], Б.Н. Алмазов [12] ва дигарон).

Гузашта аз ин, дар корҳои илмии ватанӣ робита ва вобастагии байни ҷудошавии зану шавҳар, ҳолатҳои эмотсионалии наврасон ва инкишофи минбаъдаи шахсияти онҳо ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд.

Дар рисолаи мазкур таҳлили назариявии таҳқиқотҳои илмии соҳаҳои психология, сотсиология ва тиб, ки маҳз ҷанбаҳои психологии таъсири талоқ ба ҳолати эмотсионалии наврасонро фаро мегирад, оварда шудааст. Ҳамзамон, дар ин кор масъалаи таъсири талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасони оилаҳои нопурра аз нигоҳи илми психология дида баромада мешавад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Кори диссертатсионӣ дар чорчӯбаи корҳои илмӣ – таҳқиқотии солҳои 2015-2020-и кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки ба омӯзиши ҷанбаҳои психологии рушди ҷомеа дар шароити ҷаҳонишавӣ равона шудаанд, таҳия ва иҷро гардидаст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот:** муайян намудани таъсири талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

– таҳлили назариявии раҳёфтҳои илмӣ ҷиҳати омӯзиши рушди психофизиологии наврасон;
– таҳлили назариявии талоқ ҳамчун омили зоҳиршавии эмотсияҳои манфӣ дар наврасон;
– ташкил кардани гурӯҳи мувофиқи озмудашавандагон;
– интихоби методҳои омӯзишӣ ҷиҳати таҳқиқ ва ташхиси ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасон аз оилаҳои пурра ва нопурра;

– муайян намудани таъсири талоқ ба зухуроти ҳолатҳои эмотсионалии наврасписарон ва наврасдухтарон;
– муайян ва муқоисаи хусусиятҳои зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасони оилаҳои пурра ва нопурра.

**Объекти таҳқиқот:** ҳолатҳои эмотсионалии наврасон.

**Предмети таҳқиқот:** таъсири талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон.

**Фарзияи таҳқиқот:** ба наврасоне, ки талоқи волидайнро аз сар гузаронидаанд, шиддати баландтари зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии манфӣ хос аст. Дар асоси фарзияи умумӣ чунин фарзияҳои ҷузъӣ муқаррар карда шудаанд:

1. Соҳаи эмотсионалии наврасон вобаста ба муҳити оилавӣ ба таври гуногун рушд мекунад;
2. Ба наврасон аз оилаҳои ҷудошуда дараҷаи баландтари изтиробнокӣ, агресивнокӣ ва баангезишоӣ хос аст;
3. Наврасоне, ки дар оилаҳои пурра тарбия ёфтаанд, дараҷаи баландтари устуворӣ ба фрустратсияро доранд;
4. Таъсири талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон хусусияти ҷинсӣ дошта, дар наврасписарон ҷанбаи эмотсионалӣ – рафторӣ ва дар наврасдухтарон бошад, ҷанбаи эмотсионалӣ – маърифатии он афзалият дорад.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар се марҳила гузаронида шуд.

Дар марҳилаи аввал – таҳқиқ ва таҳлили адабиёти илмии соҳавии хориҷ ва ватанӣ оид ба мавзуи таҳқиқот гузаронида шуд, инчунин, мазмуну моҳияти давраи наврасӣ ва хусусиятҳои психофизиологии он, ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасон ошкор гардид.

Марҳилаи дувум – омӯзиши назария ва амалияи зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасонро дар бар гирифт. Интихоб намудани методҳои касбӣ ҷиҳати ташхиси психологии ҳолатҳои

эмотсионалӣ дар наврасон, хусусан ҳолатҳои агрессия, фрустратсия, ҳолати изтиробнокӣ, стресс ва муқобилият ба он. Ҳамзамон, бо наврасони (хонандагони синфи 9-уми) муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷиҳати муайян кардани таъсири талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии онҳо бо дар назардошти принсипҳои психометрикӣ таҳқиқ гузаронида шуд.

Марҳилаи сеюм – марҳилаи хотимавӣ маҳсуб рафта, дар ин марҳила ҷамъбасткунӣ, коркард ва ба низом даровардани натиҷаҳои таҳқиқоти гузарондашуда сурат гирифт.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Таҳлили назариявии адабиёти психологӣ, психологияи иҷтимоӣ, психологияи синнусолӣ ва тафриқавӣ оид ба масъалаи таҳқиқот; методҳои эмпирикӣ ва ташхиси психологӣ; таҳлили сифатӣ ва миқдори натиҷаҳо бо истифода аз усулҳои омори математикӣ ҷиҳати коркарди маълумоти эмпирикиро дар бар мегирад.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** назарияи иҷтимоию маърифатӣ ва ғоя дар бораи худсамаранокии (самоэффективность) шахс (А. Бандура [16]), раҳёфти байнисоҳавӣ ба назарияи муборизаи психологӣ бо стресс ва ҳолатҳои душвори ҳаётӣ: раҳёфти шахсию арзишнокӣ (Л.И. Антсиферова [94]), раҳёфти клиникию психологӣ (Д.Н. Исаев [37], Ю.Е. Алёшина [11]) асосҳои назариявии психологияи иҷтимоии оила (Р.Я. Гозман [29], В.Н. Дружинин [112], А.И. Захаров [34], Л.А. Регуш [168], В.Н. Мясишев [61]) ва раҳёфти системавию оилавӣ (Е.Г. Эйдемиллер [80, 90], А.Я. Варга [155]) ташкил медиҳад.

**Пойгоҳҳои таҳқиқот.** Таҳқиқот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ш. Душанбе, мушаххасан дар МТМУ №90 ва 92 ташкил ва гузаронида шуд.

**Навгонии илмӣ иборат аст, аз:**

– дар шароити Тоҷикистон бори нахуст аз ҷиҳати эмпирикӣ таъсири манфии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон ошкор гардид;

– таҳлили тафриқавии хусусиятҳои зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасони оилаҳои пурра ва нопурра гузаронида шуд;

– алоқамандии (таносуб) фаҳмиши худи тарбия аз ҷониби наврасон ва хусусиятҳои зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон муайян гардид;

– таъсири талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасони оилаҳои нопурра вобаста ба хусусиятҳои гендерӣ муайян гардид.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Хусусиятҳои тарбияи кӯдак дар оилаи нопурра омили таъсиррасони манфии бардавом буда, боиси зоҳиршавии эмотсияҳои номувофиқ ва манфӣ мегардад.
2. Моҳият ва хусусиятҳои зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасони оилаҳои ҷудошуда хусусияти миқдорӣ ва сифатӣ доранд, ки ин яке аз тафовут аз наврасони оилаҳои нисбатан пурраро нишон медиҳад.
3. Ба наврасписарони оилаҳои нопурра дараҷаи пасти муқовимат ба стресс, майл ба худайбдоркунӣ, зоҳиршавии агрессияи ботинии пӯшида (аутоагрессия), изтироби баланд ва ҳолати фрустратсионӣ нисбат ба ояндаи худ хос мебошад. Онҳо дар муносибатҳои байнишахсӣ бо муҳити иҷтимоии худ ба мушкилоти ҷиддӣ дучор мешаванд.
4. Наврасдухтарони оилаҳои нопурра бо бартарияти навъҳои фаъоли агрессия, ҳолати ҳаяҷони доимӣ, шиддати ботинӣ, инчунин ҳодисаҳои номусоиди эмотсионалӣ дар ҳолатҳои таълимӣ фарқ мекунанд. Онҳо ба қонеъ кардани талаботҳои вазъият диққати аз ҳад зиёд медиҳанд ва ҳангоми кӯшиши ҳалли вазъиятҳои душвор барои кумак ба дигарон муроҷиат намекунанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии кор аз он иборат аст, ки ҷанбаи муқоисавии омӯзиши масъалаи мазкур

барои муайян кардани таъсири талоқ ба хусусиятҳои зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон дар оилаҳои пурра ва нопурра имкон медиҳад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот бошад дар фаҳмидани хусусиятҳои инкишофи насли наврас дар оилаи нопурра; дар машварати психологӣ ба назар гирифтани хусусиятхои ҷинсии зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасони оилаҳои нопурра ҳамчун механизми психологии бартарафнамоии ҳолатҳои номусоиди эмотсионалӣ; натиҷаҳои таҳқиқот барои машварати психологӣ, педагогӣ, психотерапевтӣ ва кори иҷтимоӣ бо наврасони оилаҳои ҷудошуда манфиатовар буда, метавонад ва дар ташкили курсҳо ва семинарҳои махсус барои донишҷӯёни ихтисосҳои психология, сотсиология, кори иҷтимоӣ ва психологияи педагогию психологияи иҷтимоӣ нафъовар бошад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия.** Эътимоднокӣ ва дурустии натиҷаҳои бадастомада тавассути коркарди омории додаҳо натиҷаҳои ташхис бо истифода аз бастаи барномаи таъминотии SPSS 13.0 таъмин карда шуданд. Барои коркарди маълумотҳои эмпирикӣ усулҳои муосири омори математикӣ истифода шуданд, ба монанди: муқоисаи арзишҳои миёна бо истифода аз t-test Student, коррелятсия ва таҳлили омилҳо.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 19.00.01 – психологияи умумӣ, психологияи шахс ва таърихи психология, аз ҷумла ба банди 15 «Интиқоли ҳолати эмотсионалӣ. Ташхиси ҳолати эмотсионалӣ. Ташхиси ҳолати аффект. Бошиддатии эмотсионалӣ, фрустратсия, стресс. Аксуламал ба фрустратсия. Психологияи ҳиссиёт. Психологияи азсаргузаронихои таассуротҳо» шиносномаи ихтисоси болозикр мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии довталаб аз муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, матраҳсозии масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлил ва таҳвили иттилооти бадастоварда иборат мебошад. Асосҳои назариявӣ ва методологӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳо, ки муҳтавои диссертатсияро ташкил медиҳанд, маҳз натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи довталаб маҳсуб меравад.

**Тасвиб ва амалисозӣ.** Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар таърихи (15.10.2025 №3) муҳокима гардида, он пас азислоҳи эродҳои ҷойдошта ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст.

Аз рӯйи мавзуи таҳқиқ довталаби дараҷаи илмӣ дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ баромад намудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муҳтавои калидӣ ва хулосаҳои кори диссертатсионӣ дар 4 мақолаи дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйиншуда чоп шудаанд. Ҳамзамон, дар конференсияҳои байналмилалию ҷумҳуриявӣ бо маърузаҳо зери унвони "Ҳолатҳои эмотсионалӣ ҳамчун зуҳуроти психологӣ", "Хусусиятҳои зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасон" ва "Исторический взгляд на использование психологических знаний в области семейных отношений» иштирок ва баромад намудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 9 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат аст. Матни диссертатсия 24 ҷадвал ва 12 диаграммаро дар бар мегирад. Ҳаҷми умумии кор аз 170 саҳифаи чопӣ иборат мебошад.

# БОБИ 1. ТАҲҚИҚИ НАЗАРИЯВИИ ҶАНБАҲОИ ПСИХОЛОГИИ ТАЪСИРИ ТАЛОҚ БА ЗОҲИРШАВИИ ҲОЛАТҲОИ ЭМОТСИОНАЛИИ НАВРАСОН

## 1.1. Тавсифи хусусиятҳои психофизиологӣ дар синни наврасӣ

Наврас – шахсияти номукаммалест, ки ба саволҳои дар ҳаёти худ муҳим: “Ман кӣ ҳастам”, “Ман чӣ гунаям” ва дигар саволҳои ба ин монанд, ҷавоб меҷӯяд. Синни наврасӣ даврест, ки дар он муносибати бошууронаи фард нисбат ба мавқеи иҷтимоии худ ҳамчун узви ҷомеа шакл мегирад. Аз ин бармеояд, ки аз тарзи гузаронидани ин давра ташаккули мавқеи иҷтимоии ояндаи инсон вобастагии зиёд дорад, бо ибораи дигар ба он замина мегузорад [43, с.132].

Шахсони 11-12 то 14-15 – сола ба ин зинаи синнусолӣ рост меоянд [43, с.78]. Ин зинаи синнусолӣ дар адабиёти психологӣ «давраи гузариш» ва давраи «пойдоргардии ҳаёти инсонӣ» ба қалам дода мешавад. Гарчанде дар ин синну сол организми наврасон аз ҷиҳати зоҳирӣ ба калонсолон хеле монанд шавад ҳам, бо вуҷуди ин дар байни онҳо тафовути куллӣ мавҷуд аст. Ин аз як тараф ва аз тарафи дигар, наврасон ҳоло на шахси баркамоланду на бачаи хурдсол. Онҳо дар «зинаи гузариш» буда, тағйиротҳои куллии анатомию физиологӣ, психологӣ ва биологиро аз сар мегузаронанд. Аз ин рӯ, душвории давраи наврасӣ пеш аз ҳама дар тағйирёбии имконоти маънавӣ, иҷтимоӣ ва шаклҳои нави муоширати байниҳамии онҳо бо ҳамсолон ва бо атрофиён (волидайн, муаллимон ва шахсони калонсол) зоҳир мегардад. Зиёда аз ин, дар ин синну сол шароити зист, фаъолияти таълимӣ бакуллӣ тағйир меёбад. Ин тағйиротҳо пеш аз ҳама дар системаи асаб, фаъолияти психикӣ, дар тарзҳои муошират бо атрофиён ва дар ҷараёни таълим бо муаллим ба вуҷуд меоянд. Табиист, ки чунин тағйирот аз наврасон дараҷаи баланди фаъолияти фикриро талаб мекунад. Онҳо бояд мантиқан фикр карда, аз маводи таълимӣ хулосаҳои амиқу асоснок бароранд, моҳияти таносуби байни мафҳумҳоро ошкор созанд ва мафҳумҳои навро аз бар намоянд.

Ба ҳар як синну сол навъи фаъолияти пешбаранда хос аст ва маҳз ҳамин фаъолият ба инкишофи мақсаду ҳадафҳои дарпешгузоштаи шахс таъсири қатъӣ расонида, расидан ба онро таъмин менамояд. Ба синни наврасӣ фаъолияти шинохтан ва қабули меъёри муносибати байни ҳамсолон хос аст. Ин тарафи ҳаёти фард дар худ фаъолияти иҷтимоиро дар бар мегирад, ки ба рафтор ва талаботи шахсияти наврас манфиат оварда, ҳамзамон, водоркунандаи худмуайянкунӣ (худмуайянкунии ахлоқӣ), хештансозӣ ва эҳтироми калонсолон мегардад. Ин давраи инкишофёбии буҳронӣ, шароити мусоид барои зоҳир ва устувор гардидани асли иҷтимоии инсон мебошад [27, с.118].

Дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои биологию физиологӣ ва психологии наврасон, муаллимон, волидайн ва дигар шахсони калонсол вазифадоранд, ки ба наврасон дар бораи тағйиротҳои биологию психологӣ ва дигар тағйиротҳое, ки дар организми онҳо (наврасон) аз рӯйи қонуниятҳои физиологию табиӣ ба амал меоянд, маълумот пешниҳод намоянд.

Дар заминаи тағйиротҳои куллӣ-биологии дар организми наврасон бавуҷудоянда, як қатор хусусиятҳои нави психологӣ шакл мегиранд.

Дар ибтидои асри XX доир ба масъалаҳои инкишофи психикии наврасон психологи амрикоӣ С. Холл ва психиатри австриягӣ З. Фрейд назарияи «универсализми биологӣ»-ро пешниҳод мекарданд. Онҳо ҳамаи тағйиротҳои синни наврасиро ба ҷанбаҳои биологӣ вобаста донист, бо ҳамин омили муҳиту тарбия ва таъсири муҳити иҷтимоиро ба эътибор нагирифтанд [174]. С. Холл ва З. Фрейд фаъолнокии наврасонро ба қонеъкунонии талаботҳои биологӣ-ҷинсӣ ва омилҳои ташаккули шахсиятро ба ирсият вобаста медонистанд. Муҳаққиқони болозикр ишора мекунанд, ки дар давраи наврасӣ буҳрони синнусолӣ дар муошират ва рафтору кирдори наврасон ба вуҷуд меоянд. Ба ақидаи онҳо буҳрони синнусолӣ ногузир ва зарур буда, ба омилҳои биологӣ вобаста мебошанд.

Солҳои 20-ум ва 30-юм асри XX як қатор равияҳо ба миён омаданд, ки онҳо хилофи равияи биогенетикии С. Холл ва З. Фрейд баромаданд. Тарафдорони ин равияҳо ақидаеро ҷонибдорӣ мекунанд, ки ба ташаккули сифатҳои маънавӣ-психологии шахсият на танҳо омилҳои биологӣ, балки ичтимоӣ, яъне муҳит ва тарбия ҳам таъсир мерасонад. Чунин назарияро психолог Л.С. Виготский тарафдорӣ намуда, қайд карда буд, ки дар синни наврасӣ се чиз бояд бо ҳам мувофиқ бошад [26, с.196]:

- инкишофи ҷинсӣ;
- инкишофи умумии организм;
- инкишофи иҷтимоии наврасон.

Инчунин, дар асоси омӯзиш ва таҳқиқи тарзи ҳаёт ва муҳити зисти наврасони ҷазираи Самоа антропологи амрикоӣ М. Мид ба назарияи биогенетикии С. Холл ва З. Фрейд зарбаи сахт зад. Ба ақидаи М. Мид ҳама гуна тағйиротҳое, ки дар ҳаёти наврасони ҷазираи Самоа ба вуҷуд меомаданд, пеш аз ҳама аз муҳити зист ва омили иҷтимоӣ вобастагӣ дошт [59, с.35]. М. Мид дар асоси мушоҳидаҳои хеш ба хулосае меояд, ки давраи гузариш аз овони бачагӣ ба давраи наврасӣ бе ягон душворӣ ба амал меояд.

М. Мид давраи синнусолӣ ва ба балоғатрасии духтаронро мушоҳида карда, ба давраи бачагӣ ва калонсолӣ муқоиса менамояд ва синни наврасиро давраи ором ва муътадил ба қалам медиҳад. Ин муҳаққиқ дар бораи давраи балоғати ҷинсии духтарон изҳори ақида карда мегӯяд, ки дар ин давра ягон ҳодисаи табии фавқуллода ба вуҷуд намеояд ва ин давра бе ягон дигаргунӣ мегузарад. Муҳаққиқ муайян кардааст, ки давраи балоғатрасии духтарон аввал барои онҳо ҳодисаи ниҳоят муҳимми субективӣ ба шумор намеравад ва ҳатто ин ҷараён ба таври ноаён сурат мегирад ва минбаъд ҷараёни балоғати ҷинсӣ дар ҳаёти духтарон аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Аз як тараф, бабалоғатрасии наврасон дар шакли нишонаи камолот ва тайёрии онҳо ба никоҳ ифода

шавад, аз тарафи дигар дар тағйирёбии доираи ҳуқуқӣ, имтиёзҳо ва вазифаҳои он зоҳир мегардад.

Р. Бенедикт дар асоси омӯзиш ва ҷамъбасти маводҳои этнографӣ ду ҷиҳати давраи гузариши бачаҳоро ба зинаи калонсолӣ ҷудо кардааст, ки онҳо чунинанд [174, с.65]:

- муттасилӣ;
- тафовутгузорӣ ё фарқият.

Дар гурӯҳи якуми давраи гузариш бачаҳо тарзҳои рафтор ва талаботҳоеро иҷро мекунанд, ки ҳам ба кӯдакон ва ҳам ба калонсолон хос аст. Дар ин давра инкишофи кӯдакон мутаносиб, ором ва якранг мегузарад. Дар гурӯҳи дуюми давраи гузариши наврасон аз рафтору кирдори кӯдаку калонсолон фарқ мекунад.

Ҳамин тавр, назарияи давраи гузариши бачагони зинаи калонсолӣ ба шароити мушаххаси ҳаёти иҷтимоӣ, инкишофи ҷисмонӣ, биологӣ ва мавқеи ишғолкардаи ҷамъиятии онҳо вобаста мебошад.

Дар давраи гузариш дар синни наврасӣ шаклгирии сифатҳои шахсӣ ба вуҷуд меояд. Азнавсозиҳои муҳимми ин марҳила, ташаккулёбии худбаҳодиҳӣ, муносибати танқидӣ ба муҳити иҳотакарда, кӯшиши ба «калонсолӣ» ва мустақилӣ, маҳорати риоя кардани меъёрҳои ҳаётӣ ва гурӯҳӣ мебошад.

Доир ба ин масъала таҳқиқот, фарзияҳо ва назарияҳои бисёре мавҷуданд. Психологи машҳур С. Холл қайд мекунад, ки давраи наврасӣ дар тараққиёти шахсият бо давраи романтизм дар таърихи инсоният мувофиқат мекунад. Ин марҳилаи мобайнии байни кӯдакӣ – давраи шавқу рағбат ва ҳолати калонсолӣ – давраи инкишофёбии фарҳангӣ мебошад. Дар наврас фаъолии назаррас метавонад ба заифӣ, хурсандӣ ба маъюсӣ, боварӣ ба худ, ба тарсончакӣ, майл ба муошират, ба хомӯшӣ, ба ҳассосӣ ва ба нафрат мубаддал гардад. С. Холл ин марҳилаи ҳаётиро «давраи тӯфонии ҳаёт» номидааст [174, с.42].

Таҳқиқотчии дигари синни наврасӣ, файласуф ва психологи немис

Э. Шпрангер соли 1924 китоби худ «Психологияи синни ҷавонӣ»-ро аз чоп баровард, ки то ҳанӯз арзиши худро гум накардааст. Ӯ синни наврасиро дар дохили синни ҷавонӣ, ки дар духтарон аз 13 то 19 – солагӣ ва дар писарон аз 14 то 21 – солагӣ давом мекунад, дида мебарояд. Ба андешаи Э. Шпрангер "ин синну сол бо буҳроне тавсиф дода мешавад, ки ба озодшавӣ аз давраи кӯдакӣ вобаста аст» [174, с.96].

Э. Шпрангер консепсияи маданӣ-психологии синни наврасиро кор карда баромад. Ба ақидаи ӯ синни наврасӣ ин давраи дохилшавӣ ба фарҳанг аст. Масъалаи онро, ки оё синни наврасӣ ҳама вақт «давраи туфонии ҳаёт» аст ё не, таҳлил карда се типи инкишофёбии айёми наврасиро ишора мекунад [174, с.57].

Типи якум бо ҷараёнгирии якуякбора, тезутунд ва буҳронӣ тавсиф дода мешавад, вақте, ки айёми наврасӣ ҳамчун тавлидшавии дуюмбора аз сар гузаронида мешавад ва дар натиҷаи он «Ман»-и нав ба вуҷуд меояд.

Типи дуюм – инкишофёбии ором: оҳиста, муътадил, вақте ки наврас бе ягон такони сахт ба ҳаёти калонсолон ворид мешавад.

Типи сеюм чунин раванди тараққиётро дар бар мегирад, ки наврас худаш фаъолона ташаккул меёбад, худашро тарбия мекунад ва ҳамзамон, изтироби ботинӣ ва буҳронро идора мекунад.

Ба ақидаи Э. Шпрангер азнавсозии асосии ин синну сол оғозшавии «Ман», бавуҷудоии рефлексия ва шинохтани фардияти худ мебошад.

Ҳамин тариқ, метавон ишора намуд, ки бабалоғатрасии ҷисмӣ дар писарон аз 14 то 16 – солагӣ ва дар духтарон аз 13 то 15 – солагӣ давом мекунад. Албатта, дар байни аҳолии шаҳр, деҳот ва мамлакатҳои гуногун фарқият вуҷуд дорад. Махсусан таъсири иқлим дар ин бобат зиёд ба назар мерасад. Ҳудуди поёнии бабалоғатрасии муқаррариро синии 10-14 – солагӣ ва ҳудуди болоии онро 18 – солагӣ шуморидан мумкин аст.

Чун қоида, аломату нишонаҳои психикии давраи гузариш

барвақттар сар мешаванд. «Аломату нишонаҳои писихикӣ»-и давраи наврасӣ аллакай дар 11-12 солагӣ пайдо мешаванд: наврасон худсар ва ҷангара мешаванд, бозии намояндагони синни калони наврасӣ ҳоло номаълум аст, аммо барои бозиҳои кӯдакона онҳо худро калон меҳисобанд. Ин марҳиларо Ш. Бюлер муқаддима ба давраи балоғатрасии психикӣ номидааст [174, с.34].

Хусусиятҳои психологии наврас дар доираи муқарраршуда дар вобастагӣ бо хусусиятҳои равандҳои психикӣ ба вуҷуд меоянд.

Калимаи қадимаи наврас ифодакунандаи кӯдакон, наврасон ва ҳам аз ҷавонон буд. Дар бархе луғатҳо наврас ҳамчун «тифли наврасида» 14-15 – сола, ҷавон бошад, ҳамчун 15-20 сола шарҳ дода мешавад. Аммо ин ҷудокуниҳо куллан шартианд [43, с.7]. Категорияҳои биологӣ ҳама вақт ифодакунандаи синну сол ва дараҷаи инкишофи биологӣ набуда, ифодакунандаи вазъияти иҷтимоӣ ва мавқеи иҷтимоии шахс низ мебошанд. Айни замони наврас гуфта, бачаҳои синашон аз 11 то 15 – соларо дар назар доранд.

Синни наврасӣ пеш аз ҳама бо маъноибиологиаш давраи гузариш аст. Дар ин давра мавқеи иҷтимоии наврас аз давраи кудакӣ он қадар фарқ намекунад. Ҳамаи наврасон мактаббачаанд ва таҳти таъминоти волидайн ва давлат қарор доранд. Фаъолияти асосии онҳо муоширати дӯстонаи шахсӣ мебошад.

Аз ҷиҳати психологӣ ин давраи синнусолӣ нисбатан пурихтилоф аст, вай ба дараҷаи баланди номутаносибӣ ва суръати тараққиёт тавсиф дода мешавад. Хусусияти асосии психологии ин марҳила «ҳисси калонсолӣ» аст. Қайд кардан зарур аст, ки ҳангоми дар бораи наврасон сухан гуфтан хусусиятҳои умумии психологию физиологиро ба назар мегиранд, гарчанде ки проблемаи тафовути фардӣ мавҷуд аст.

Ҳангоми таҳлили синни наврасӣ фарқияти байни синни хурди наврасӣ ва синни калони наврасиро ба ҳисоб гирифтан лозим аст. Донистан лозим аст, ки ягон хел синни «миёнаи наврасӣ» вуҷуд надорад. Аз як тараф вобаста ба дараҷа ва хусусиятҳои психикиаш синни наврасӣ

ин давраи типикии кӯдакӣ аст, аз тарафи дигар, одамони инкишофёбандаи дар зинаи ҳаёти калонсолӣ истода, бо муракабии фаъолияташ барои намудҳои гуногуни муносибатҳои ҷамъиятӣ равона шудаанд.

Дар синни наврасӣ қаду қомат бошиддат сабзида, организм бисёр тез инкишоф меёбад. Номувофиқии инкишофи ҷисмӣ, махсусан номутаносибии инкишофи склет боиси як қатор хусусиятҳо мегардад: лавандӣ, дағалӣ, гум кардани мувозинат ва ғайра. Ин хусусиятҳоро фаҳмида, наврас кӯшиши пинҳон кардани онҳоро мекунад. Худро ғайритабиӣ нишон дода, кӯшиш мекунанд, ки бо дағалиаш диққати дигаронро ҷалб кунад, то намуди зоҳириашон мавриди диққат қарор нагирад. Ҳатто кинояи ночизе ба сохти анатомӣ (тарҳи бадан) ва рафторашон дар онҳо вокунишҳои пуршиддатро ба вуҷуд меоранд, баъзан наврасон фикр мекунанд, ки онҳо хандаоваранд ва беҳтараш ба чашми дигарон натобанд.

Синни наврасӣ – ин давраи кунҷкобии ақл, кӯшиш ба донистагирӣ, синни қувваи зиёди пурҷушу хурӯш ва фаъолии организм мебошад. Дар ин синну сол тафаккур бештар мустақилу фаъол ва эҷодӣ мешавад. Сифатҳои иродавӣ тараққӣ ёфта, нағз аён мешаванд: дар бамақсадрасӣ ноустуворию қатъиятӣ, бартараф карда тавонистани монеаҳо ва мушкилиҳо.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми синни наврасӣ шаклгирии «ҳисси калонсолӣ» мебошад. Пайдо шудани «ҳисси калонсолӣ» дар наврасон ҳодисаи фавқуллода нест. Наврас ҳис мекунад, ки қадаш баланд шуда, вазнаш афзуда истодааст, тобоварии ҷисмониаш зиёд шуда, аломатҳои инкишофи ҷисмонӣ дар ӯ ба суръати тез инкишоф меёбанд, сохти организмаш ба калонсолон баробар шуда истодааст. Наврас хуб дарк мекунад, ки сатҳи дониш, маҳорат ва малакаи меҳнатӣ, ҷаҳонбиниаш васеъ шуда истодааст, ки инҳо ба ҳамаи калонсолон хосанд. Дар синни наврасӣ бачаҳо ба ҷамъияти калонсолон ҳамроҳ шуда, дар навбати худ

аз калонсолон талаб мекунанд, ки ба ӯ ҳамчун калонсолон муносибат карда, дар оила ақида ва нуқтаи назари ӯро ба эътибор гиранд.

Пайдо шудани «ҳисси калонсолӣ» ба он оварда мерасонад, ки наврас доираи ҳуқуқи калонсолонро маҳдуд карда, бо ҳамин доираи ҳуқуқҳои худро васеъ мекунад, то калонсолон шахсияти ӯро эътироф кунанд, шаъну шарафи ӯро нигоҳ доранд ва ба ӯ бештар озодию мустақилият диҳанд. Аз тарафи дигар «ҳисси калонсолӣ” боиси он мегардад, ки наврас рафтору хулқу одоби ба кӯдакон хосбударо тағйир дода, барои монанд будан ба калонсолон кӯшиш мекунад. Наврасон дар муносибат бо калонсолон меъёрҳо ва қоидаҳои маънавиро аз бар карда, саъй мекунанд, ки сазовори баҳои мусбати калонсолон шаванд.

«Дар синни наврасӣ – қайд мекунад Л.С. Виготский – марҳилаи вайроншавӣ ва набудани шавқу ҳавасҳои куҳна ва марҳилаи сабзиши асосҳои нави биологӣ ҷой доранд, ки дар асоси онҳо шавқу ҳавасҳои нав инкишоф меёбанд. Ӯ якчанд гурӯҳи асосии шавқу ҳавасҳои ифодаёфтаи наврасонро ҷудо карда, онҳоро «устувор» номидааст, ки онҳо чунинанд” [26, с.135]:

- «худпарастии устувор» – майли наврас ба шахсияти худ;
- «дурии устувор» – гузариши наврас ба доираи васеи нигоҳ, ки барои вай назар ба марҳилаҳои наздик, марҳилаи ҷорӣ ва имрӯза аҳаммиятноктар маҳсуб меёбад;
- «доминантаи мустаҳкамкунӣ» – майли наврас ба муқобилият, бартарафнамоӣ, ба шиддатнокии иродавӣ, ки аксаран дар якравӣ, авбошӣ, эътироз ва дигар зуҳуротҳои манфӣ ифода меёбанд.

Ҳамин тавр, хусусиятҳои психологии синнусолӣ аз ҷиҳатҳои маҷмуӣ пеш аз ҳама аз шароити ҷамъиятӣ ва тарзи ҳаёти наврас иборат аст, ки худтарбиякунӣ ва характери фаъолияти ӯ муайян мегардад. Дар ин муддат ҷустуҷӯи фаъолиятҳои нав пайдо мешаванд ва ҳар навъи аз ин фаъолиятҳо дар ҳаёти наврас пешбаранда буда, дар навбати худ ба ташаккули шахсияти ӯ мусоидат мекунанд.

***Хусусиятҳои зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасон.*** Омӯзиши соҳаи эмотсионалии шасх дар маҷмуъ яке аз масъалаҳои мубрами илми психологияро ташкил медиҳад. Дар масъалаи болозикр, яъне хусусиятҳои зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасон муҳаққиқони ватанию хориҷӣ таҳқиқотҳои муайянро гузаронидаанд (В.К. Вилюнас [25], П.В. Симонов [132], П.М. Якобсон [91], Н.М. Юнусова [152] ва дигарон).

Азсаргузарониҳои эмотсионалӣ метавонанд номуайян ва зиддиятнок бошанд. Ин падидаро ҳиссиёти амбивалентӣ меноманд. Мушкилот одатан аз норавшании худи объект ба амал меояд (масалан, нафареро барои меҳнаташ эҳтиром кардан ва ҳамзамон, ӯро барои зуд ба ғазаб омаданаш танқид намудан). Ҳиссиёти амбивалентӣ инчунин метавонад дар натиҷаи зиддият байни ҳиссиёти устувор нисбат ба объект ва ҳиссиёти вазъиятӣ ба вуҷуд ояд (масалан, ишқ ва нафрат бо рашк якҷоя мешаванд).

Ба эмотсияҳои бунёдӣ лаззат, шодӣ, ранҷу азоб, тааҷҷуб, нафрат, хашм, шарм, таваҷҷуҳ ва тарс дохил мешаванд.

Шакли қадимтарин, содатарин ва паҳншудаи азсаргузарониҳои эмотсионалӣ дар байни мавҷудоти зинда қаноатмандӣ мебошад, ки аз қонеъ кардани талаботи табиӣ ба даст меояд (ё норозигии марбут ба қонеъ нашудани онҳо). Қариб ҳамаи эҳсосоти органикӣ тобиши эмотсионалиро соҳибанд. Алоқаи зичи байни эмотсияҳо ва фаъолияти организм аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳар як ҳолати эмотсионалӣ бо тағйироти физиологии организм ҳамроҳ мешавад.

Ҳар яке аз эмотсияҳои зикргардидаро мухтасаран шарҳ медиҳем.

*Шодӣ* ҳолати эмотсионалии мусбӣ мебошад, ки бо имконияти ба таври кофӣ қонеъ кардани ниёзҳои фаврӣ алоқаманд буда, эҳтимолияти он қаблан паст ё номуайян буд.

*Ранҷу азоб* ҳолати манфии эмотсионалиест, ки бо гирифтани маълумот дар бораи имконнопазирии қонеъ кардани талаботи ҳаётан муҳим алоқаманд буда, то ин вақт эҳтимоли зиёд ё камтар ба назар мерасид ва аксар вақт ҳамчун фишори эмотсионалӣ зоҳир мегардид.

*Ҳайрат (тааҷҷуб)* ин вокуниши эмотсионалӣ ба ҳолатҳои ногаҳонӣ мебошад, ки аломати мусбӣ ё манфии мушаххас надорад. Ҳайрат ҳама гуна эмотсияҳои қаблиро боздошта, диққатро ба объекте, ки онро бедор кардааст, равона мекунад ва метавонад ба шавқ табдил ёбад.

*Нафрат* як ҳолати манфии эмотсионалӣ буда, аз ҷониби ашёе, ки алоқаи онҳо ба принсипҳои идеявӣ, ахлоқӣ ё эстетикии субъект мухолиф аст, ба вуҷуд меояд. Нафрат, вақте ки бо хашм ҳамроҳ мешавад, метавонад рафтори хашмгинро дар муносибатҳои байнишахсӣ барангезад.

*Ғазаб* ҳолати эмотсионалии ҳамчун аффект зуҳуршаванда буда, дар натиҷаи ногаҳонӣ пайдо шудани монеаи ҷиддӣ дар роҳи қонеъ гардонидани талаботи барои субъект ниҳоят муҳим ба амал меояд.

*Фориғболӣ* ҳолати манфии эмотсионалӣ мебошад, ки дар муносибатҳои байнишахсӣ ба вуҷуд меояд ва дар натиҷаи номутобиқатии мавқеи ҳаёти субъект ва объекти эҳсос мегардад. Охирин аз ҷониби субъект ҳамчун асос қабул карда мешавад, ки ба меъёрҳои ахлоқии қабулшуда ва меъёрҳои эстетикӣ мувофиқат намекунад.

*Шарм* ҳолати эмотсионалии манфиест, ки дар огоҳӣ аз тафовут байни амал ва намуди зоҳирии худ ва интизориҳои дигарон ё андешаҳои худ дар бораи рафтор ва намуди зоҳирии мувофиқ ифода меёбад.

*Шавқу ҳавас* (ҳамчун эмотсия) ҳолати мусбати эмотсионалӣ мебошад, ки ба рушди маҳорат, малака ва азхудкунии дониш мусоидат намуда, ба омӯзиш маром мебахшад.

*Тарс* – ҳолати манфии эмотсионалӣ, ки дар зери таъсири иттилоот дар бораи хатари эҳтимолии воқеӣ ё тасаввуршуда ба вуҷуд меояд. Дар

тафовут аз эмотсияи ранҷу азоб, эмотсияи тарс танҳо бо пешгӯии эҳтимолии зарари эҳтимолӣ ба вуҷуд меояд.

Ҳар яке аз ин эмотсияҳои ишорагардида метавонад дар як қатор ҳолатҳои гуногун, шиддатнокии гуногун зоҳир шавад (масалан, шодӣ метавонад ҳамчун қаноатмандӣ, лаззат, ваҷд ва ғайра зоҳир шавад).

Феълан дар илми психология чунин таснифоти равияи эмотсионалии шахс пазируфта шуда, мавриди истифода қарор дорад:

1. Эмотсияҳои алтрустӣ. Ин таассурот дар асоси талабот ба ҳамкорӣ, ёрӣ расонидан ба дигарон пайдор мешавад.
2. Эмотсияҳои коммуникативӣ. Эмотсияҳои зерин дар асоси талабот ба муошират пайдо мешавад.
3. Эмотсияҳои глорикӣ (аз кал. лот. gloria – шуҳрат). Ин эмотсияҳо ба талабот ба худсобитсозӣ ва шуҳрат алоқаманд мебошад.
4. Эмотсияҳои праксикӣ. Мафҳуми “ҳиссиёти праксикӣ” аз тарафи П.М. Якобсон ба илм ворид гаштааст. Якобсон бо ин ном он таассуротҳоеро тасниф медиҳад, ки аз иҷроиши фаъолият тағйирёбии ҷараёни он бомуваффақият ва ё бемуваффақият амалӣ гаштани вай ба вуҷуд меояд.
5. Эмотсияҳои пугникӣ (аз кал. лот. pugna – мубориза). Ин эмотсияҳо аз талабот ба паси сар намудани хатар пайдо мешаванд, ки дар асоси он баъдтар шавқу ҳавас ба мубориза бурдан ба миён меояд.
6. Эмотсияҳои романтикӣ. Умуман, мафҳуми “романтизм” бо идеаликунонии ҳаёти воқеӣ алоқаманд аст. Романтик шахсест, ки ба хаёлпарастӣ майли калон зоҳир мекунад.
7. Эмотсияҳои гностикӣ (аз кал. юнонӣ gnosis – дониш). Эмотсияҳои гностикиро мо на танҳо бо талабот ба ахбороти нав, балки бо талабот ба “мувозинати маърифатӣ” алоқаманд месозем...” [73, с.31-34].

Рушди соҳаи эмотсионалӣ дар инкишофи шахсияти наврас нақши калон мебозад. Ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасон ин азсаргузаронии таассуротҳое мебошад, ки дар маҷмуъ идрок, тафаккур ва фаъолиятро маромнок ташкил ва равона мекунад. Муҳаққиқон аксар вақт ба ҳолатҳои эмотсионалӣ нақши маромнокиро медиҳанд. Масалан, муҳаққиқон муайян намудаанд, ки рафтори наврасон дар асоси ҳолатҳои эмотсионалии онҳо зоҳир мешавад. Ва ё чуноне муҳаққиқи ватанӣ М.Т. Давлатов бомаврид ишора мекунад: «Қаноатмандии эмотсионалӣ шарти муҳимми пастшавии шиддати руҳӣ ҳангоми муоширати байнишахсӣ ва корӣ ба шумор меравад» [32, с.36].

Оила барои кӯдак, хусусан барои наврасон як мактаби муҳимми аввалин ба шумор меравад. Маҳз оила дар рушди шахсияти наврас нақши ҳалкунандаро мебозад. На ҳамаи оилаҳои пурра ҳамчун оилаи мусоид барои рушди шахсияти наврас баромад карда метавонанд. Оилаҳое вуҷуд доранд, ки пурра ҳастанд, яъне падару модар бо ҳам зиндагӣ мекунанд, аммо мутаассифона, аз нигоҳи психологӣ онҳо ҷудо мебошанд, яъне фазои солими психологӣ вуҷуд надорад. Зери мафҳуми оилаи нопурра оилае фаҳмида мешавад, ки он аз як волидайн иборат буда, зану шавҳар аз ҳам ҷудо шудаанд, ё яке аз онҳо фавтидааст [119, с.65].

Муҳаққиқони ба ин масъала сарукордошта ба чунин андеша омаданд, ки хусусиятҳои зоҳиршавии эмотсияҳои манфӣ дар наврасони оилаҳои нопурра ин пеш аз ҳама ҳолатҳои номусоиди даврони кӯдакӣ ба шумор меравад. Ихтилофҳои оилавӣ, набудани меҳру муҳаббат, ҷудошавии оила, марги яке аз волидайн ба зоҳиршавии ҳолатҳои манфии эмотсионалии наврасон таъсири амиқи худро мерасонад [118, с.78]. Аз ин лиҳоз, кӯдак бояд дар оила меҳру муҳаббату дастгирии эмотсионалиро аз шахсони барои ӯ аз ҳама наздик – волидайн ҳис кунанд.

Ҳолати эмотсионалии наврасон дорои як қатор хусусиятҳо хос аст: осонии пайдоиши шиддати эмотсионалӣ ва стресси психологӣ,

тағйирёбии доимии кайфият, зуд-зуд пайдо шудани ҳолатҳои аффективӣ, бештар гирифтор шудан ба таъсири рағбат эътибори бештар диҳем, ки наврас ба эмотсияҳои худ худро дар доираи азсаргузарониҳои беохир шомил месозад. Дар хонандагони синни калони мактабӣ дар тафовут аз дигар давраҳои синнусолӣ дараҷаи баланди изтиробнокӣ мушоҳида мешавад, ҳамзамон, аксар вақт ҳисси гунаҳкориро аз сар мегузаронанд, ки вобаста ба ин онҳо бештар чунин ҳолати эмотсионалиро ба монандӣ фрустатратсияро аз сар мегузаронанд. Аммо дар баробари ин, дар онҳо майл ба зоҳиркунии эмотсияҳои шодӣ нисбат ба эмотсияҳои манфӣ мушоҳида мегардад.

Ҳолати эмотсионалӣ бо сабаби мушаххас муайян карда мешавад ва бо мурури замон мегузарад. Вобаста аз суръат, шиддат ва давомнокӣ, ҳолатҳоро ба таври зерин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

*Кайфият* – ба тафаккур, рафтор, амал ва дигар вокунишҳои инсон таъсир мерасонад. Ин ҳолати нисбатан заиф буда, хеле суст инкишоф меёбад ва метавонад муддати тӯлонӣ нигоҳ дошта шавад. Ба кайфият саломатии инсон, рӯйдодҳои ҳаёт, одамони дигар, фаслҳо, обу ҳаво ва ғайра таъсир мерасонад.

*Аффект* – таркиши эмотсионалӣ мебошад, ки зуд ба вуҷуд меояд, ниҳоят шадид аст ва муддати кӯтоҳ давом мекунад. Ҳангоми аффект худдорӣ суст ё гум мешавад. Баъзан, шахс баъдан дар хотир надорад, ки дар вақти таъсир чӣ рӯй дод. Вобаста аз ҳодиса, таъсир метавонад мусбат ё манфӣ бошад.

*Фрустратсия* – ҳолати шиддатнокест, ки вақте инсон ба сабаби ягон монеаи беруна наметавонад ба ҳадафе ноил шавад, ба вуҷуд меояд. Ноқаноатмандӣ боиси эмотсияҳои манфии хашмгинӣ ё ноумедӣ мегардад.

*Стресс* – як вокуниши мутобиқшавӣ, вокуниши бадан ба талаботи муҳити зист мебошад. Ду намуди стресс вуҷуд дорад:

*Эустресс* – таъсири мусбат дорад ва ба мутобиқшавӣ мусоидат мекунад;

*Дистресс* – ба фаъолият халал мерасонад ва ба некӯаҳволю саломатӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳамин тариқ, стресс метавонад мусбат ё манфӣ бошад; он метавонад маромнок ва ҳавасманд гардонад, аммо инчунин метавонад оқибатҳои ногуворро (изтироб, депрессия, вайроншавии хоб, бемориҳои соматикӣ ва ғайра) ба вуҷуд орад.

*Рағбат* – ҳолати хеле шадид ва дарозмуддати эмотсионалӣ мебошад, ки фикру ақида ва неруи одамонро ба ҳадафи мушаххас равона мекунад. Рағбат метавонад як умр ё танҳо як муддати кӯтоҳ давом кунад. Бо дар назардошти андешаҳои боло, бояд ишора намуд, ки тарбияи наврасон дар оилаи нопурра бо як қатор хусусиятҳо тафовут доранд. Ин наврасон аксаран бо худбаҳодиҳии паст, мушкилотҳои ноустувории ҳолатҳои эмотсионалӣ, бошиддатии асабию психикӣ тавсиф дода мешаванд. Дар воқеъ ҳолатҳои номбаршуда ба муносибатҳои байнишахсии наврасон ва мутобиқшавии онҳо таъсири худро мерасонад.

Яке аз ин гуна хусусиятҳоро зоҳиршавии чунин ҳолатҳои эмотсионалӣ ташкил медиҳад:

– дараҷаи баланди фрустратсионӣ;

– кайфияти паст;

– кундзоҳиршавии эмотсионалӣ;

– депрессия ва тарс.

Наврасони оилаҳои нопурра нисбати қувва ва имконоти худ каноРагир, шармгин ва нобовар мешаванд. Бештари вақт танҳоиро интихоб мекунанд ва танҳоӣ барои онҳо форам аст. Ҳамзамон, дар бархе таҳқиқот нишон дода мешавад, ки наврасони оилаҳои нопурра тезтар мустақил мешаванд. Дар давраҳои аввали ҷудошавии волидайн дар онҳо тарси ҷудошавӣ аз калонсолон, мушкилот дар хоб, агрессивнокӣ ва дигар ҳолатҳои манфии эмотсионалӣ, ки барои ҷалби диққати атрофиён

равона гардидааст, зоҳир мешавад, ба монанди: канорачӯйӣ, майл ба танҳоӣ, ғаму андуҳ, зиқӣ, ҳисси аздастдиҳӣ, бахотироварихо ва тахаюлоти азобдиҳанда ва ғ.

Хулоса, муҳити устувори оилавӣ яке аз омилҳои муҳимми устувории эмотсионалии наврасонро ташкил медиҳад. Чуноне ки болотар ишора намуда будем, қобилияти иҷрои вазифаҳои оила дар ташаккули шахсияти наврас нақши бузург мебозанд. Зеро оилае, ки қобилияти иҷрои вазифаи тарбиявиро надошта бошад, боиси зоҳиршавии ҳолатҳои манфии эмотсионалӣ ва ё оқибат вайроншавиҳои соҳаи эмотсионалии наврасро ба бор оварда метавонад. Илова бар ин, бештари таҳқиқотчиён ба чунин хулоса омадаанд, ки талоқ ба зоҳиршавии чунин ҳолатҳои манфии эмотсионалӣ боис мегардад: агрессивнокии баланд, изтиробнокӣ ва дигар ҳолатҳои номусоиди эмотсионалӣ.

## 1.2. Хусусиятҳои зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасони оилаҳои пурра ва нопурра

Дар адабиёти илмӣ ҳангоми таҳлили хусусиятҳои ҳаёти кӯдакон дар оилаи нопурра, муҳаққиқон аксар вақт таъсири талоқро ба хусусиятҳои инкишофи кӯдак дар тарбияи он бештар ба инобат нагирифтаанд. Дар оилаи моноволидайнӣ (зиндагӣ кардани наврас бо як волидайн) вазифаҳое, ки хоси оилаҳои пурра мебошад, яқинан иҷро намегарданд. Ҳамзамон, боиси ба вуҷуд омадани як қатор мушкилотҳо мегарданд ва муҳаққиқон вобаста ба ин мушкилотҳои гуногунро муайян намудаанд. Масалан, як зумра муҳаққиқон (Т.И. Пухова [128], Т.В. Харитонова [148], Л.М. Прокофева [127], А.В. Семенова [78], В.М. Тселуйко [86], Н.А. Тсветкова [85]) ба доираи ин мушкилотҳо мушкилоти педагогӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, тиббӣ ва психологиро ворид месозанд. Оилаи нопурра дар алоқамандӣ бо тағйирёбии сохтори он ва

ташкил шудани вазъияти махсуси тарбиявӣ ба эҳтимоли пайдоиши мушкилот дар рушди психикии наврас замина мегузорад.

Таҳқиқотҳои психологии Е.О. Смирнова [133], В.С. Собкин [133], А.И. Захаров [34] ва А.С. Спиваковская [81] далолаткунандаи онанд, ки дар оилаҳои ятим хусусиятҳои дар рушди кӯдак таҷассумёбанда ин пеш аз ҳама хусусияти гузаштани кӯдак аз давраи ғамгинии шадид (ҳангоми аз даст додани шахси наздик) ба шумор меравад.

Ба андешаи як қисми муҳаққиқони дигар (Е.В. Вроно [102], С.Л. Гирин [104], Р.А. Гарднер [27], В.М. Закирова [115]), марги волидайн дар муқоиса бо талоқи волидайн як омили камосебпазир барои рушди кӯдакон маҳсуб меёбад.

Муҳаққиқони дигар, дар оилаҳое, ки танҳо никоҳ доранду дар мақомоти асноди ҳолати шаҳрвандӣ сабт нашудаанд (яъне, оилаи дуюм) ба шумор меравaнд (Е.О. Смирнова [133], В.С. Собкин [133], И.Л. Первова [126], М.Ю. Казарян [117], А.И. Сайфугалиева [117]) кӯдак дар ин гуна ҳолатҳо дар муқоиса бо кӯдакони дигар оилаҳои нопурра дар ҳолати ногувортарини иҷтимоӣ қарор мегиранд. Табъизи иҷтимоӣ ба инкишофи мутаносиби кӯдакон халал мерасонад. Набудани падар ва маълумоти муҳим дар бораи ӯ метавонад боиси халалдоршавии хислатҳои шахсият, вайроншавии рафтор, мушкилоти ҳолатҳои эмотсионалӣ гарданд.

Ба гуфтаи муҳаққиқон (Д.Р. Моррисон, А.Ҷ. Черлин, А.А. Ҷойс, Р.Л. Саймонс, Р.Д. Конгер, Ф.О. Лоренз [174]), дар оилаи нопурра раванди муайянкунии ҷинсии писарон ва духтарон ба қадри зарурӣ муяссар намегардад. Яъне рушди нишонаҳои занонаи характер дар писарон ва «рафтори ҷубронкунандаи мардонагӣ» дар духтарон, ҳамзамон, омӯхтани малакаҳои муошират бо намояндагони ҷинси муқобил барои наврасон мушкилтар мегардад ва эҳтимолияти баланди ташаккули дилбастагии аз ҳад зиёд ба модар имконпазир мегардад. Аммо, муҳаққиқон А. Черлин, П.Л. Чейз-Лансдейл ва Р.Э. Эмери [174]

дар чунин андеша қарор доранд, ки сабаби мушкилоти болозикрро набудани падар не, балки мушкилоти доимии психологӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ташкил медиҳад, ки аз ҷониби аъзоёни оилаи нопурра аз сар гузаронида мешавад.

Тибқи омор, аксарияти оилаҳои нопурра дар сурати талоқ ва аз сабаби рафтани падар оилаҳои модарӣ ташкил медиҳанд. Дар асри XX, ҷуфти ҳамсарон, ки мунокишаҳои ҷиддии издивоҷ доштанд, аксар вақт ба хотири фарзандон якҷоя зиндагӣ мекарданд. Дар партави тағйироти зиёди иҷтимоӣ дар солҳои 60-70 асри XX чунин ақида пайдо шуд буд «...фарзандон танҳо аз ҷудошавӣ манфиат мегиранд» [102, с.12). Бо вуҷуди ин, мушкилоти талоқ назар ба он ки муаллифон дар адабиёти оммавӣ пешниҳод мекунанд, то андозае мураккабтар аст.

Хусусиятҳои вокуниш ба талоқи волидайн ва инкишофи минбаъдаи кӯдакону наврасон дар оилаҳои ҷудошуда, ки дар олами илмӣ пешниҳод шудаанд, хеле гуногунанд. Таваҷҷуҳи асосӣ дар таҳқиқоти марбут ба оилаҳои ҷудошуда (Е.В. Вроно [102], О.А. Гаврилитсина [103], А.И. Антонов [14], В.Н. Архангелский [96]) ба мушкилоти умумии оилаҳои нопурра вобаста аст. Дар баробари ин, таҳқиқоти махсус, ки маҳз ба вазъи воқеии кӯдакон дар ҳолати пас аз талоқ равона шуда бошанд, ангуштшуморанд. Аксари сарчашмаҳои илмӣ, ки дар бораи хусусиятҳои вокуниш ба талоқ ва инкишофи кӯдак дар оилаи ҷудошуда маълумот медиҳанд, бештар аз маълумоти таҳқиқоти хориҷӣ сарчашма мегиранд (В. Сатир [76], Г. Фигдор [82], Г.Т. Хоментаускас [84], Н. Сандон [174], Ҷ.У. Тейп [174]). Самти пажӯҳиши муҳаққиқони зеринро бештар масъалаи омӯзиши таъсири оқибатҳои талоқ ба кӯдакон (хусусиятҳои рушди онҳо) ташкил медиҳад.

Эмотсияҳои наврасон аз сабаби тағйирёбии гормоналӣ ва шакл нагирифтаи қисмати префронталии системаи марказии асаби майна бо шиддатнокии баланд, ноустуворӣ ва зуд-зуд тағйирёбии кайфият маънидод мегарданд. Ин боиси душвории идоракунии эмотсияҳо, баланд

шудани ҳолатҳои эмотсионалӣ ва майл ба рафтори хатарнок мегардад. Калонсолон аз ин гуна масъалаҳо хабардор бошанд, ба наврасон гӯш диҳанд, ба рушди зеҳни эмотсионалӣ кумак расонанд ва роҳҳои солими мубориза бо стрессро барои тарбияи шахсони муваффақ ва мутавозинро пайдо намоянд.

П.К. Анохин эмотсияро ҳамчун ҷузъҳои марҳилаҳои гуногуни ташкили системавии амалҳои рафтори ба ҳадаф нигаронидашудаи мураккабии гуногун муайян мекунад. Ӯ тасдиқ мекунад, ки «Хусусияти халкунандаи холати эмотсионалӣ хусусияти интегративии он, ягонагии он нисбат ба дигар холатхо ва реаксияхо мебошад» «Онҳо (эмотсияҳо) тамоми организмро фаро гирифта, ба ҳамдигарӣ қариб дар як лаҳзаи тамоми функсияҳои бадан ҳосил мекунанд...». Маълумоти берунии воридшаванда (таъсир) фавран баҳо дода мешавад ва бо ҳолати дохилии организм алоқаманд аст. Аксуламали импулсивии шахс ҳамеша эмотсионалӣ мебошад. Аксуламалҳои эмотсионалӣ ин вокунишҳои кӯтоҳмуддат ба объект, вазъият ё ҳодисаи мушаххас мебошанд, ки вазъи мавҷудаи корҳоро дар маҷмуъ арзёбӣ мекунанд.

Бо ибораи дигар, вокунишҳои эмотсионалӣ зуҳуроти гуногуни моторию вегетативии навъи аффективиро дар бар мегиранд, ки нисбатан ба осонӣ такроршаванда мебошанд. Аксар вақт онҳо табиатан мақсаднок нестанд ва онҳоро метавон ҳамчун порчаҳои алоҳидаи шаклҳои модарзодии рафтор баррасӣ кард.

Нуқтаи умумӣ дар таърифи вокунишҳои эмотсионалӣ ҳадафи функсионалии онҳо ҳамчун вокуниш ба ҳама гуна таъсирот ва ҷараёни муайяни муҳити зист мебошад. Натиҷаи ҳамгироии протсессҳои психикӣ, асабӣ, нейрогуморӣ ва соматикӣ намудҳои вокунишҳои эмотсионалӣ (шодӣ, ханда, тарс ва ғайра) ба хусусиятҳои таркибии онҳо вобаста аст.

Дар психология ва илмҳои ба он алоқаманд (В.А. Сисенко [136], С.И. Голод [30], А.С. Спиваковская [81]) ба вижагиҳои таъсири талоқ ба зану шавҳар, инчунин сабабҳои талоқ таваҷҷуҳи асосӣ дода мешавад. Аммо ба таъсири талоқ ба ҳолатҳои эмотсионалии кӯдак, инкишофи психикӣ ва рафтори ӯ ба таври бояду шояд мавриди назар қарор дода нашудааст. Ин мавзуъ бештар хусусияти порагӣ дорад, яъне дар баъзе таҳқиқотҳо дар умум масъалаи мазкур, яъне масъалаи таъсири талоқ ба ҳолатҳои эмотсионалии наврасон ишора гардидаасту халос. Аз ин лиҳоз, ҳангоми баррасии масъалаи мазкур ба мо лозим омад, ки таҷрибаи мутахассисони илмҳои гуманитарӣ (ҷомеашиносон, демографҳо, педагогон ва ҳатто духтурон)-ро низ ба инобат гирифта бошем. Ҳангоми ташхис, суҳбат ва мушоҳидаи наврасони оилаҳои аз ҳам ҷудошуда дар онҳо зуҳуроти гуногуни манфии ҳолатҳои эмотсионалӣ мушоҳида мегарданд. Аз нигоҳи мо бартарият доштани ҳолатҳои манфии эмотсионалӣ эҳтимолияти пайдошавӣ ва ё рушди вайроншавиҳо вуҷуд дошта метавонад.

Таҳлили маъхазҳои илмӣ дар ҷаҳони илм мавҷудияти ду нуқтаи назари ба ҳам мухолифро дар масъалаи таъсири талоқ ба инкишофи кӯдак муайян намуд. Як зумра коршиносон (И.Ф. Дементева [108], С.А. Королева [118] ва дигарон) бар ин назаранд, ки талоқ яке аз азсаргузарониҳои фоҷиавӣ дар ҳаёти кӯдак буда, барои рушди ӯ оқибатҳои ҷубронногпазирро ба бор меорад. Дар баробари ин, муҳаққиқони дигар (Д.Р. Кингма [39] ва дигарон) чунин андешаро тарафдорӣ мекунанд, ки худи будан ва ё набудани талоқ аз ҷиҳати этиологӣ таъсири манфии шадидро ба ҳолатҳои эмотсионалии наврасон намерасонад. Ихтилофҳои пуршиддати волидайн, ки то ҷудошавӣ идома меёфтанд, низ ҳамин гуна таъсиротро расонида метавонанд.

Бештари муҳаққиқон дар масъалаи таъсири осебпазир доштани талоқ таҳқиқот гузарониданд ва дар натиҷа, ин гуна таъсироти манфиро

ба зуҳури ҳолатҳои эмотсионалии наврасон исбот намуданд (L.J. Waite, L.A. Lillard, 2001; S.M. Stanley, F.D. Fincham, 2002) [174].

Ба гуфтаи А.И. Захарова (2000) таъсири талоқ ба зуҳуроти чунин ҳолатҳои эмотсионалии вазнин ба монанди неврозҳо, ҳолатҳои депрессивӣ ва ихтилоли гуногуни рафтор асос шуда метавонад. Аммо масъалаи оне, ки ин гуна ҳолатҳои эмотсионалии манфӣ муваққатӣ аст ё пас аз чанд соли қатъи ақди никоҳ зоҳир мешавад, имрӯз яке аз масъалаҳои рӯзмара боқӣ мондааст.

Ба гуфтаи муҳаққиқони хориҷӣ (A.J. Cherlin, P.L. Chase-Lansdale, 1998; P.R. Amato, Booth A., 2001), таъсири талоқ ба психикаи кӯдак аз як қатор омилҳо вобаста аст, ба монандӣ [174, с.121]:

– тасаввуроти субъективии кӯдак дар бораи хушбахтии оила пеш аз талоқ;

– синну соли кӯдак;

– синну соли модар;

– ҷинси кӯдак;

– қобилияти азсаргузарониҳои амиқи таассуротҳо;

– таъмини муҳити бехатар барои кӯдак.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон чунин хулоса баровард, ки таъсироти манфӣ ҷиҳати зуҳуроти ҳолатҳои манфии эмотсионалӣ аз типҳои ҷудошавии оила вобастагӣ дорад. Агар дар оила зӯроварӣ вуҷуд дошта бошад ва ё яке аз волидайн мубталои бемории руҳӣ бошад, дар ин маврид метавон ба таъсири нисбатан мусбати талоқ (озод кардани кӯдак аз муҳити осебпазир) ишора намуд. Аммо бинобар сабабе, ки «Дар бештари оилаҳои ҷудошуда зуроварӣ дида намешавад, аз лиҳози мазкур, ҷудошавӣ аллакай ҳамчун стресс қабул мегардад, ки дар натиҷа боиси изтироб ва азсаргузарониҳои таассуроти манфӣ мегардад» [82, с.37].

Ба гуфтаи Р.Л. Симонс, Р.Д. Конгер (2001) [174] аксари кӯдаконе, ки талокро аз сар гузаронидаанд, барои мубориза бо мушкилоти рушд ба қадри кофӣ устуворанд, аммо замина ба инкишофи вайроншавиҳои

психологӣ аз эҳтимол дур нестанд. Талоқ ҳамчун ҳолати стрессӣ ба рушди вайроншавиҳои мазкур мусоидат мекунад. Яъне, талоқ омили хатари инкишофи рафтори девиантӣ ва вайроншавии шахсиятро фаро гирифта метавонад.

Ба ҳамаи марҳилаҳои ин синну сол ҳолатҳои фаъол, хушахлоқӣ, шавқмандӣ, танбалӣ, шодмонӣ, хоболудӣ, тарс, хурсандӣ ва хастагиро метавон шомил сохт. Ҳолати махсуси шавқ ва ҳаяҷон хоси давраи тонаврасӣ мебошад; ба оғози давраи наврасӣ – бепарвоӣ, ҳаяҷон ва дилтангӣ; барои давраи миёнаи наврасӣ – ошиқӣ, афсурдагӣ, асабоният ва қаноатмандӣ; барои давраи дери наврасӣ – бепарвоӣ, шиддатнокӣ, хастагӣ ва оромӣ хос мебошад.

Бояд ишора намуд, ки дар давраи наврасӣ зиёд шудани ҳолатҳои тарсу ваҳм, хоболудӣ ва хастагӣ бо паст шудани шиддати протессҳои психикӣ, вокунишҳои физиологӣ, азсаргузарониҳои таассуротҳо ва рафтор, баланд шудани ҳолатҳои шодӣ, фаъолшавӣ, ҳаяҷон ва шавқу ҳавас бо афзоиши ин равандҳо алоқамананд.

Дар марҳилаҳои наврасӣ сохторҳои гуногуни ҳолатҳои эмотсионалӣ хосанд: дар давраи пеш аз наврасӣ нишондиҳандаҳои рафтор, дар давраи наврасӣ ва миёнаи наврасӣ ҷанбаҳои равандҳои психикӣ ва дар давраи охири наврасӣ бошад, хусусиятҳои азсаргузарониҳои таассуротҳо бештар бартарӣ пайдо мекунанд.

Ҳамзамон, тағйирёбии шиддатнокии таъсири мутақобила байни ҳолатҳои эмотсионалӣ ва равандҳо шиддатнокии таъсири мутақобила аз давраи пеш аз наврасӣ то давраи миёнаи наврасӣ кам шуда, дар давраи охири наврасӣ зиёд мешавад. Хусусияти муносибатҳои байни нишондиҳандаи ҳолатҳои эмотсионалӣ ва протсессҳо низ мушоҳида мешаванд. Дар давоми давраи наврасӣ, хусусиятҳои хотир бо ҳолати психикӣ робитаи устувортар мешавад.

Муносибатҳои байни ҳолати эмотсионалӣ ва хислатҳои шахсият дар давраи наврасӣ мушоҳида мегардад. Хусусиятҳои муайяни шахсият

ба ҳолати эмотсионалии тамоми давраи наврасӣ таъсир мерасонанд (боварӣ, ҳисси камолот, коллективизм, худбаҳодиҳӣ, муошират, ирода, сифатҳои зеҳнӣ ва эмотсионалӣ), инчунин хислатҳои мушаххасе, ки дар марҳилаҳои гуногуни синну сол таъсир мерасонанд. Дар давраи тонаврасӣ ҳолатҳои эмотсионалӣ бештар бо ҳисси камолот, хислатҳои эҳсосӣ ва ихтиёрӣ алоқамандӣ дошта, дар давраи наврасӣ бо муошират, ақл ва эмотсияҳо вобаста аст, дар синни миёнаи наврасӣ бо ҳисси камолот, хислатҳои эҳсосӣ ва зеҳнӣ ва дар давраи наврасӣ бо нишондодҳои муошират, ихтиёрӣ, эмотсияҳо, зеҳн ва худбаҳодиҳӣ.

Д.Р. Моррисон [174], чунин мешуморад, ки кӯдак аз марҳилаҳои гуногуни қабули талоқ ва мутобиқ шудан ба тарзи нави зиндагӣ, одат кардан ба муносибатҳои тағйирёфта бо волидони ҷудошуда мегузарад. Дар адабиёти илмӣ (Е.А. Руденкова [106], Е. Свон-Ҷексон [131], П.Р. Амато [93]) вокунишҳое қайд шудаанд, ки дар кӯдак ҳам ҳангоми ҷудошавӣ ва ҳам баъд аз ҷудошавӣ зоҳир мешаванд. «Дар марҳилаи вокуниши шадид дар кӯдак метавонад бепарвоӣ, бехобӣ, анорексия, яъне тамоми нишонаҳои депрессия зоҳир шаванд» [27, с.178].

Масъалаи бухрони пас аз талоқ ду ҷузъи муҳимро дар бар мегирад. Аввалан, дар ҳаёти кӯдакон тағйироти назаррас ба амал омада, вокунишҳои мураккаби эмотсионалиро ба вуҷуд меоранд. Сониян, тағйирот дар ҳаёти ҳарду волидайн боиси камтаваҷҷуҳӣ ба кӯдак мегардад, ки ба рушди ӯ таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳамзамон таъсири талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасон аз ҷониби муҳаққиқон ба таври мухталиф сурат мегирад, ки онҳоро дида мебароем.

Ба ақидаи муҳаққиқон (Г. Фигдор [82], Ҷ.В. Келли [174]), пайдоиши вокунишҳои психологию соматикӣ вуҷуд доранд. Ба ин гуна аксуламалҳо тарс, изтироб, ғамгинӣ, мутаассиршавӣ, агрессия, ҳолати фрустратсионӣ, эҳсоси хатари аз даст додани волидайни боқимонда ва эҳсоси гунаҳкорӣ дар бораи ҷудошавии волидайн дохил мешаванд.

Азсаргузаронихои саршори эмотсияхои манфӣ метавонанд ба саломатии кӯдак таъсири манфӣ расонанд. Аксуламали кӯдак ба талоқ аксар вақт дар вайроншавии хоб инъикос меёбад. Хобҳои даҳшатоваре, ки вазъияти осебпазирии психикиро дар бар мегиранд, як зуҳуроти маъмулии хусумати фурӯшуда нисбати волидон ҳангоми аз ҳам ҷудо шудани оила маҳсуб меравад.

Муҳаққиқон Ҷ.С. Такер ва Х.С. Фридман вокунишҳои наврасонро ба ҷудошавии волидон [174] пажӯҳиш намуда, муайян карданд, ки наврасон метавонанд нишонаҳои (вокунишҳо) невротикиро нисбат ба ҷудошавӣ зоҳир намоянд. Аксар вақт, дар кӯдакони хурдсол сохтори вокунишҳои невротикӣ, зуҳуроти изтироб ва кайфияти паст дар маҷмуъ зоҳир шуда, ба хастагии психикию ҷисмонӣ ва парешонӣ оварда мерасонад. Ҳамзамон, иштиҳояшон гум мешавад. Дар баробари ин Д.Н. Исаев [37] дар ин маврид чунин қайд мекунад: «вокунишҳо метавонанд тавассути ҷисм зоҳир шаванд, ба монанди: паридани абрӯвон, кашиши чашм, ларзиши сар ва ҳатто то оқибатҳои тиббӣ бурда расонида метавонад – дошта натавонистани пешоб ва лакнати забон» [174, с.99].

Муҳаққиқони дигар (Simons R.L., Conger R.D., Lorenz F.O., 2000, Hening M., 2002), дар кӯдакон дар муносибат ба ҷудошавии волидайн чунин вокунишҳоро муайян намудаанд [174, с.87]:

– пайдошавии аломатҳои ҷисмонии хусусияти такроридошта;

– дилбеҳузурӣ;

– қайкунӣ;

– дарди шикам;

– дарди сар.

Дар навраcписарон ва наврасдухтарон ҷиҳати зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ тафовут мушоҳида гардид, яъне таъсири талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ вобаста ба ҷинс гуногун аст. Ба ибораи дигар, азсаргузаронихои таассуротҳои эмотсияҳои манфиро кӯшиш мекунанд, ботинан нигоҳ доранд ва эмотсияҳоро зоҳир накунанд,

ҳатто кӯшиши дар рафтор зоҳир накардани онро мекунанд. Яъне пинҳон доштани онро авзалтар мешуморанд. Аммо дар робита ба ин, муҳаққиқ И.В. Дубровина [69] чунин мешуморад, ки дар ин маврид эҳтимоли чунин мушкилоти мутобиқшавӣ, аз қабили пастшавии коршоямии корӣ, хастагӣ, депрессия, даст кашидан аз муоширaт, гирёнчакӣ ва мутаассиршавандагӣ вуҷуд доранд. Муҳаққиқи мазкур, зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии манфии болозикрро идома дода, чунин ишора мекунад, ки баратараф накардани ин гуна эмотсияҳои манфӣ метавонанд боиси беморӣ гарданд.

Тибқи баъзе маълумот (В.М. Тселуйко [86], И.Н. Сандлер [174], Л.Ҷ. Уэйт [174], Л.А. Лиллард [174] ва дигарон) талоқ аз наврасдухтарон дида, бештар ба наврасписарон таъсири манфӣ мерасонад. Бо ибораи дигар, наврасписарон «…аз ду моҳ то як соли баъди ҷудошавӣ онҳо идоранашаванда, агрессивӣ, худро идора карда натавонистан, зоҳир намудани номустақилӣ, изтиробнокӣ ва инфантил мешаванд» [86, с.46].

Ҳамзамон, муайян гардидааст, ки кӯдак дар айёми навзодӣ қодир аст осеби психикиро, ки модар ҳангоми талоқ ё дар натиҷаи талоқ ҳис мекунад, шадидан аз сар гузаронад ва ё «...натиҷаи вокуниши ҳолати модар ба афсурдагии баъди талоқ, эҳтимол марги кӯдак шуда метавонад» [86, с.46]. Кӯдакони синни томактабӣ низ талоқро ҳамин гуна вазнин аз сар мегузаронанд.

Муҳаққиқон Э.О. Смирнова [133] ва В.С. Собкина [133] дар пажӯҳишҳои худ муайян кардаанд, ки вокунишҳои кӯдакони хурдсол аниқтараш дар кӯдакони 2,5-3,5 – сола вокунишҳои депрессивӣ ба монанди ихтилоли хоб, зиёд шудани тарсу ҳарос, паст шудани равандҳои маърифатӣ ва ақибмонии инкишофро нишон медиҳанд. Кӯдакони 3,5-4,5 – сола бошанд, агрессивнокии баланд, азсаргузарониҳои ҳисси аздастдиҳӣ, изтироб ва таназзули шаклҳои бозиро зоҳир мекунанд. Дар кӯдакони 5-6 – сола, ҳиссиёти шадиди иловагии аздастдиҳӣ ва вайроншавии хоб ва иштиҳо мушоҳида мешаванд. Тибқи ин пажӯҳиш,

осебпазиртарин нафар дар ҷудошавии оилаҳо фарзанди ягона ба шумор меравад. Агар кӯдак бародару хоҳар дошта бошад, барои талоқро ба осонӣ аз сар гузарондан, агрессия ва изтиробро ба онҳо равона мекунад, ки дар натиҷа бошиддатии эмотсионалиро сабук мекунад ва эҳтимоли вайроншавии асабиро бошад, коҳиш медиҳад.

Кӯдакони синни 7-8-сола бештар ҳисси хашмгинӣ ва ранҷуршавандагиро нисбати падарашон аз сар мегузаронанд. Кӯдакон дар 10-11-солагӣ худро партофташуда ҳис карда, хафагӣ ва аз мушкилоти оилавиашон шарм мекунанд. Кӯдак бо калон шуданаш вокунишҳои эмотсионалии манфии худро нисбати ҷудошавии волидайн аз оила ба муҳити иҷтимоии худ интиқол медиҳад. Наврасон танҳо дар синни 13-18-солагӣ ҳисси аздастдиҳию ранҷуршавандагиро аз сар гузаронида, оқибатҳои талоқро ба таври кофӣ тасаввур карда метавонанд.

Гарчанде ки бисёре аз муҳаққиқон (Wallerstein J., Kelly J., Taanila A., Laitinen E., Moilanen I.) [174] ба таъсири манфии талоқ ва вайроншавии оилаҳо ба кӯдакони наврас ишора мекунанд, аммо ба ин савол ҷавоби дақиқе вуҷуд надорад. Муҳаққиқон (Zill N., Morrison D., Coiro M.J., Wallerstein J.S., Lewis J.M.) [174] пешниҳод мекунанд, ки пеш аз ҳама, чунин ҳолатҳои манфии эмотсионалӣ ба инобат гирифта шаванд:

– вокуниши бевоситаи эмотсионалии наврас ба ҷудошавии волидайн;

– мушкилотҳое, ки дар раванди мутобиқшавӣ ба амал меоянд;

– оқибатҳои дарозмуддат ва таъсири талоқ ба зоҳиршавии манфии ҳолатҳои эмотсионалии наврас;

– назари наврас баояндаи худ.

Муҳаққиқон (N. Wauterickx, A. Gouwy, P. Bracke) [174] қайд мекунанд, ки вокунишҳои эмотсионалии бевоситаи наврас дар аксари ҳолатҳо ба мисли тӯфон мегузарад. Аз рӯйи арзёбии худи наврасон дар байни ҳодисаҳои зиндагӣ, ки боиси стресс мешаванд, талоқи волидайн

пас аз марги волидон, бародарон ва дӯстон дар ҷойи чаҳорум қарор мегирад. Вокунишҳои маъмултарин ба талоқи волидайн ин рад кардани ҳодисаи рухдода, инчунин хашм ва нафрат нисбат ба волидон мебошад. Мавҷудияти тарс, изтироб ва нобоварӣ нисбати ояндаи худ мушоҳида мешавад.

«Аз сабаби дарки эгосентрикӣ доштани наврас, ӯро пеш аз ҳама, он тағйироте, ки дар хаёти шахсиаш ба амал меояд, метарсонанд» [104, с.68]. Шояд наврасон аз ибрози мушкилоти оилавии худ дар назди ҳамсолонашон шарм кунанд. Ҳолати худайбдоркунӣ яке аз ҳолатҳои маъмул ба талоқи волидайн маҳсуб меравад. Баъзе наврасон чунин хулосабарории хато мекунанд, ки гӯё барои аз ҳам ҷудо шудани калонсолон худи онҳо гунаҳкор мебошанд. Масъалаи талоқ ва гунаҳкор кардани волидайни дигар метавонад боиси фурӯнишонӣ ва саркӯби мушкиле, ки барои наврас аҳаммият дорад, гардад ва дар натиҷа пайдоиши ҳолати неврозӣ ва таҳрифи рушди шахсияти ӯ аз эҳтимол дур нестанд.

Таъсири дарозмуддати талоқ ба наврас дар ҷаҳони илмӣ ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст. Мувофиқи андешаи баъзе муаллифон (М. Кент, Ҷ.Б. Келли Р.Э. Эмери, ва Ҷ.Х. Конвей) [174] оқибатҳои талоқ метавонанд ба кӯдак муддати хеле тулонӣ таъсир расонанд ва ҳатто дар солҳои аввали ба воя расидани ӯ ё дар ҳаёти оилавии ӯ зоҳир шаванд.

Хусусиятҳои инкишофи кӯдакеро, ки дар оилаи ҷудошуда аз ҷониби модари танҳо ба воя расидааст, дида мебароем. Одатан кӯдаконе, ки дар оилаи ҷудошуда ба воя расидаанд, бештар бо мушкилоти эмотсионалӣ дучор мешаванд. Заминаи эмотсионалии фаъолият ва муошират дар кӯдакон коҳиш ёфтааст. Кӯдакони оилаҳои нопурра, дар муқоиса бо кӯдакони оилаҳои пурра, дорои хислатҳои то андозае равшантар ба монанди ҳаяҷон, итоаткорӣ, ҳассосият, афсурдагӣ ва изтироб буда, бепарвоиро камтар зоҳир мекунанд. Онҳо худро на он қадар боҷуръат, хурсанд ва ором мешуморанд. «Кӯдакони оилаҳои

нопурра дар мутобиқ шудан ба зиндагӣ душворӣ мекашанд, вале онҳо мекӯшанд, ки бо ҳамсолони худ муносибатҳои гарму эмотсионалиро барпо намоянд» [118, с.34].

Кӯдакони оилаҳои ҷудошуда аз ҷониби калонсолон дастгирии эмотсионалиро ҳис намекунанд, дар оила ё дар байни ҳамсолон онҳоро эътироф намекунанд; нопайдарпайӣ дар зоҳирнамоии ҳиссиётҳо мушоҳида мешавад, дар онҳо қобилияти ба осонӣ барқарор кардани робитаҳо ва нигоҳ доштани онҳо дида намешавад ва барои ин барои наврасон муддати муайяни вақт лозим аст. Ва ё бо ибораи дигар, «Наврасписарон дар оилаҳои нопурра нисбат ба наврасдухтарон ва кӯдакони оилаҳои пурра дар муоширaт бештар ҳисси танҳоӣ ва мушкилиро аз сар мегузаронанд» [27, с.103].

Таъсири манфии талоқ дар мутобиқшавии иҷтимоии кӯдак дар доираи муносибатҳои байнишахсӣ бо волидон ва одамони гирду атроф зоҳир мешавад. «Кӯдак пас аз талоқ ҳангоми дар модар аломатҳои афсурдагӣ зоҳир шудан, метавонад ихтиёран нақши волидайни набударо бар дӯш гирад. Ё ин ки ӯ метавонад бо кӯшиши ҷалби таваҷҷуҳи бештар ба сифати ҷуброни аз ҷониби падар партофташуда ақибнишинӣ кунад» [126, с.107].

Дараҷаи мунокишаи волидайн як омили асосии таъсири талоқҳои волидон ба рушди кӯдакон мегардад. Рафтори модаре, ки намегузорад наврас бо падараш муошират намояд, метавонад боиси дар кӯдак ташаккул ёфтани ҷаҳонбинии ноустувор гардад.

Таносуби равшан миёни дараҷаи баланди рафтори агрессивӣ дар кӯдакон ва дараҷаи депрессияро дар модарони ҷудошуда метавон мушоҳида намуд. Рафтори агрессивии фарзандони модарони талоқшуда – ин як кӯшиши ҷуброни камтаваҷҷуҳӣ ба онҳо дар оила аст, ки метавонад дар рушди кӯдак дар давраи наврасӣ мушкилоти ҷиддиро ба бор орад.

Як катор муаллифон (В.Н. Мясищев [61], Е.К. Яковлева [61], Г.Н. Пивоварова [98], Э.Г. Эйдемиллер [80]) чунин мешуморанд, ки таъсири талоқ дар оила ба инкишофи вокунишҳои невротикии кӯдак бурда мерасонад.

Дар масъалаи таъсири талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои манфии эмотсионалӣ ҳатто таҳқиқотҳои соҳаи тиб низ гузаронида шудааст ва ин пажӯҳишҳо низ далолаткунандаи таъсири манфӣ доштани талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон мебошанд. «Тибқи андешаи муҳаққиқони тиб, ҳолати ҷудошавии волидайн, ҳатто пас аз 1-2 сол, дар наврас, махсусан дар наврасдухтароне, ки аз ҷиҳати эмотсионалӣ ба падари худ вобастагӣ доранд, метавонад шакли вазнини неврозро ба вуҷуд оварад» [174, с.89].

Бо зиёд шудани тарсу ҳарос мумкин аст, ки неврозҳои тарс ва неврозҳои истерикӣ пайдо шуда, дар давраи наврасӣ ба ҳолати неврози безобитакунанда табдил ёбанд. Дар охири давраи наврасӣ – оғози навҷавонӣ аломатҳои невротикии депрессивӣ дар шакли табъи хира, ҳолати фрустатсионӣ, азсаргузарониҳои саршори эмотсияҳои манфӣ ва мушкилоти муошират бо ҳамсолон зоҳир мешаванд. Маъмулан, инчунин изтироб дар шакли тарсу шубҳаҳои доимӣ ва дудилагӣ дар қабули қарор мушоҳида мешавад.

Тибқи омори муҳаққиқони амрикоӣ кӯдаконе, ки аз ҷониби модари танҳо ба воя расидаанд, нисбат ба кӯдакони оилаҳои пурра дараҷаи инкишофи пасттари зеҳниро доранд [174, с.33].

Дар асоси таҳлили таҳқиқоти зиёд (В.В. Бойко [20], Д.О. Видра [24], С.В. Березин [18], К.С. Лисетский [18], М.Е. Серебрякова [18]), метавон тахмин кард, ки дар маҷмуъ, дар кӯдакони дар оилаҳои нопурра ва бепарастор тарбияёфта, инкишофи мутаносиби соҳаи интеллектуалӣ, қобилиятҳои математикӣ, фазоӣ ва таҳлилӣ суст мегардад. Умуман, кӯдаконе, ки бе падар тарбия ёфтаанд, дар таҳсил натиҷаҳои бадро

нишон медиҳанд, ҳамзамон, дар санҷишҳои малакаҳои маърифатӣ низ натиҷаҳои заруриро дода наметавонанд.

Дар ҷаҳони илмӣ дар бораи хоҳиши суст инкишофёфта барои ноил шудан ба ҳадафҳои муҳимми ҳаёт дар кӯдаконе, ки талоқи волидайнро аз сар гузаронидаанд, як нуқтаи устувор вуҷуд дорад, ки борҳо бо маълумоти эмпирикӣ тасдиқи худро ёфтаанд. Дар ИМА, қайд мекунад П.Р. Амато «80%-и наврасони оилаҳои вайроншуда дар беморхонаҳои руҳӣ табобат мегиранд. Дар баъзе мавридҳо, талоқҳои волидайн сабаби мустақим ё таҳрики рушди бемории психосоматикӣ ба монанди астмаи бронхиалӣ дар сеяки кӯдакон мебошанд» [93, с.98].

Омори амрикоӣ қайд мекунад, ки наврасон пас аз талоқ 5 маротиба бештар кӯшиши худкушӣ ва 32 маротиба бештар кӯшиши аз хона гурехтанро кардаанд. Набудани падар дар ҳаёти наврасони зоҳиркунандаи аутоагрессия аз ҳолати психологии ноустувори модари танҳо вобастагӣ дошт. Ин дар заминаи оссеби иловагии психикӣ ҳисси буҳрони экзистенсиалию нотавонӣ ва ҳолати фрустатсиониро ба вуҷуд оварда, боиси амалҳои аутоагрессивӣ гардиданд.

Дар Руссия, «аз шумораи умумии наврасдухтарон (86%), ки аз сеяки онҳо бо ду волидайн зиндагӣ мекарданд, дар 27% онҳо ақибмонии таълимӣ мушоҳида мешавад. Дар аксарияти онҳо «ҳадди ақал як аломати равонӣ» дида мешавад. Ҳамзамон, дар давоми як сол, тақрибан 15% бо сабаби кӯшиши такрории худкушӣ дар беморхонаи руҳӣ бистарӣ шуданд ва 21%-и дигарашон бошад, табобати тавсияшударо нагирифтанд» [33].

Хулоса, дар адабиёти хориҷӣ масъалаи азсаргузаронии таассуроти талоқ аз тарафи кӯдак хеле кам баррасӣ мешавад. Таъсири манфии талоқ ба рушди соҳаи ҷинсӣ дар наврасон низ қайд карда шудааст. Наврасоне, ки дар оилаҳои нопурра зиндагӣ мекунанд, бештар ба фаъолияти ҷинсии худ барвақттар шуруъ мекунанд.

Ҳамин тариқ, дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти болозикр, мо метавонем хулоса намоем, ки хатари ташаккули сохтори шахсияти

невротикӣ дар кӯдаке, ки дар оилаи ҷудошуда тарбия ёфтааст, хеле баланд аст ва аз мутахассисон нисбати ин гурӯҳи осебпазири кӯдакон таваҷҷуҳи хосса талаб карда мешавад.

### 1.3. Талоқ ҳамчун падидаи иҷтимоию психологӣ

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар назди ҷомеаи имрӯза гузошта шудааст, бунёди ҷомеаи нав ба шумор меравад. Барои ба ин ҳадафи наҷиб расидан бояд тамоми рукнҳои ҷомеа масъулият ва саҳми худро гузоранд. Чуноне болотар ишора намуда будем, оила рукни асосию ибтидоии ҷомеа маҳсуб меёбад ва он дар замони муосир ба солимгардонии психологӣ эҳтиёҷи зиёд дорад.

Талоқ на танҳо падидаи иҷтимоӣ, балки падидаи психологӣ низ ба шумор меравад. Таҳқиқотҳои иҷтимоию психологӣ нишон медиҳанд, ки дар ҷаҳон кӯдакони аз оилаҳои волидайнашон ҷудошуда аз се як ҳиссаро ташкил медиҳанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ҳар сол насли наврас дар натиҷаи ҷудошавии оилаҳо осебҳои психикию ҷисмонӣ мебинанд. Бояд қайд кард, ки қатъи ақди никоҳ ба пешрафт, тараққиёти иҷтимоӣ ва ҳолатҳои эмотсионалии кӯдакон таъсири манфӣ мерасонад. Ҷудошавӣ дар воқеъ вазъияти ҷиддии бухронӣ мебошад, ки одам ба он дучор мешавад.

Тибқи ин нишондиҳанда солҳои охир теъдоди издивоҷи шаҳрвандон кам шуда, вайроншавии оилаҳо бошад, рӯ ба тамоюли зиёдшавӣ дорад. Чунин вазъият далолат ба он мекунад, ки барои пойдор кардани оилаи муосир корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан лозим аст. Илми психология дар баробари дигар илмҳо метавонад дар ҳалли ин масъалаи ҳассос ва ҳалталаб нақши муҳимро бозад.

Доир ба ин масъала таҳқиқоти муайяне аз ҷониби психологҳои кишварҳои мухталиф гузаронида шудааст ва бештари онҳо ба ҷанбаҳои психологии ин масъала эътибор додаанд. Яке аз ин муҳаққиқон

психологи рус Л.Я. Гозман мебошад. Ӯ ба чунин хулоса меояд, ки раванди талоқ аз се зина иборат аст ва онҳо [29, с.158]:

а) талоқи эмотсионалӣ – ин зинаи талоқ онро ифода мекунад, ки ҳамсарон то андозае аз якдигар дур шуда истодаанд, нисбат ба якдигар бепарвоӣ зоҳир мекунанд ва ниҳоят меҳру муҳаббату дилбастагиро аз даст дода истодаанд;

б) талоқи ҷисмонӣ – ин ба он маъно аст, ки ҳамсарон аз якдигар ҷудо зиндагӣ мекунанд ва ҳеҷ гуна муносибате ба якдигар надоранд;

в) талоқи қонунӣ – ба он маъно аст, ки ҳамсарон баъди ба ҳолати бухронӣ расидани ҳаёти оилавӣ дигар имконияти бо ҳам зистанро надоранд ва зарурати ба таври расмӣ ҷудошавӣ пеш меояд.

Психолог Л.Я. Гозман таъкид менамояд, ки бояд ҳанӯз дар зинаи якуми талоқ (яъне, талоқи эмотсионалӣ) корҳои муайяни психологиро ба нақша гирифт [29, с.96]. Хуб мешавад, ки дар ин ҳолат ба психологҳои оилавӣ муроҷиат карда шавад, то мушкилии оилавӣ ба зинаи дуюм нагузарад ва вазъият боз ҳам мураккабтар нагардад.

Бояд қайд кард, ки дар масъалаи зинаи сеюм (талоқи қонунӣ) андешаҳои муайяни психологӣ низ вуҷуд доранд. Дар адабиёти психологӣ чунин масъалагузорӣ низ мавҷуд аст: талоқ хушбахтӣ аст ё бадбахтӣ? Ба ин суол ҷавобҳои гуногун дода мешавад. Ба қавли мутаххасисони ин соҳа, дар як ҳолат талоқ ин хушбахтӣ аст ва дар ҳолати дигар, бадбахтӣ аст. Муҳокимаҳои мазкур таҳлилҳои муайянро мехоҳанд.

Гурӯҳи дигари психологҳо, чун Л.А. Драгунова қайд мекунанд, ки зинаҳои ҷудошавӣ ё худ талоқ ҳар гуна мегузаранд. Зинаҳои якум ва дуюме, ки дар боло зикр кардем, ифодагари он аст, ки ҳоло ҳиссиётҳои ҳамсарон нисбат ба якдигар гум ва кунд нашудаанд ва барои сабзиши он бояд мусоидат кард. Бинобар ин Л.А. Драгунова чунин мегӯяд: "талоқи эмотсионалӣ ин худ як бемории ҳиссиётҳо ба шумор меравад ва онро

бояд табобат кард. Ин як навъ бонги хатар аст, ки аз бемории оила дарак медиҳад ва онро бояд табобат намуд” [33, с.25].

Имрӯз барои мустаҳкам шудани оила ёрии илм зарур аст, чунки асри XX1 дар назди тамоми инсоният масъалаи оммавии иҷтимоию психологии талоқро гузоштааст. Талоқ дар замони муосир то дараҷае афзудааст, ки дар тули мавҷудияти никоҳи моногамӣ ин гуна афзудан мушоҳида намешавад. Шумораи талоқ зиёд шуда истодааст. Бештари оилаҳо бо як сабаб вайрон мешаванд: зану шавҳар байни худ муросо карда наметавонанд. Як қатор ҷомеашиносон чунин ақида доранд, ки оила умуман қариб барҳам мехӯрад. Дар мамлакатҳои сармоядорӣ муносибатҳои занушавҳарӣ боиси пайдоиши шаклҳои нави ҳаёти оилавӣ мешавад, ки баъзан хусусиятҳои аҷиб пайдо мекунад.

Модоме, ки мо дар хусуси вазъияти оилаи ҷамъияти сармоядорӣ сухан рондем, қайд кардан ҷоиз аст, ки дар онҷо оид ба ояндаи оила ақидаҳои тамоман мухолиф ҳам вуҷуд доранд. “Таскиндиҳандаи азими дарди сахт аст, ки ҷамъият ба вуҷуд меорад. Оила ҷоест, ки одамӣ баъди мубориза барои ҳаёт, маъноан харобу афгоршуда ба он ҷо бармегардад” [174]. Баъзе олимони хориҷӣ мегӯянд, ки оила на танҳо барҳам намехӯрад, балки мустаҳкам шуда, ба “асри тиллоӣ” – и худ наздик мешавад.

Олимони давраи муосир оилаи ҷамъияти демократиро меомӯзанд. Вазифаи чунин омӯзиши ҳаматарафа маълум аст: ҳамаҷониба мустаҳкам намудани оилаи имрӯза, инкишоф додани асосҳои демократии он ва аз ин нуқтаи назар масъалаи талоқ диққати ҷиддии олимони ҳамаи соҳаҳои номбурдаро талаб менамояд.

Дар адабиёти психологӣ ба сабабҳои ҷудошавӣ ва мустаҳкамшавии оила эътибор дода шудааст. Мувофиқи баъзе андешаҳо, муҳаббати “дуюм” назар ба муҳаббати “якум” пойдор мегардад. Комилан фаҳмост, ки номувофиқии феълу атвор, муносибати нодуруст барои зиндагии

оилавии муҳимми зану шавҳар дар оиладорӣ баъди якчанд соли хонадоршавӣ маълум мешавад.

Ҷавонон чунин меҳисобанд, ки ҷудошавӣ ин натиҷаи саҳвкунӣ ва кӯр-кӯрона интихоб намудани ҳамсар ва ғайра мебошад. Дар воқеъ, ин тавр маънидод кардани сабабҳои ҷудошавии ҳамсарон ҳодисаи эмотсионалӣ мебошад, ҳол он ки ҷудошавӣ (талоқ) пеш аз ҳама ҳодисаи иҷтимоӣ ба шумор меравад.

Ба андешаи мо, ба сабабҳои асосии иҷтимоии ҷудошавии ҳамсарон пеш аз ҳама рушди мустақилияти иқтисодии зан дохил мешавад. Ин ҳодиса, албатта, мусбат аст ва он бояд ба гуманизатсияи муносибатҳои инсонӣ оварда расонад. Вале суст шудан ё барҳамхӯрии тобеияти иқтисодии зан аз шавҳар ин сустшавӣ, ё ки барҳамхӯрии он омилест, ки дар бисёр давраҳо барои мустаҳкамии риштаи дӯстии оила нақши муҳим мебозид. “Сабаби дигар баландшавии дараҷаи рушди шахсияти зан, ки ҷараёни мусбат мебошад, вале он ба зиёдшавии шумораи чудошавии ҳамсарон оварда мерасонад. Чаро? Барои он ки баробари баландшавии дараҷаи маънавии зани муосир меъёри баҳодиҳӣ ба мард ва алалхусус ба шавҳар зиёд мешавад” [3-М, 103].

Дар ин ҷо душвории дигаре ҳаст, ки зан модар чун қоида, ҳашт соатро дар корхона мегузаронад, баъди ба хона омадан кори хоҷагидориро иҷро мекунад. Қайд намудан зарур аст, ки имкониятҳои иҷтимоӣ ва вазифаи занро аз нав дида баромадан зарур аст. Гарчанде ки аз тарафи ҷамъият ба оила ёрии калон расонда шавад ҳам, барои зан ду вазифаи гуногун идомадиҳандаи насл, хоҷагидорӣ ва коргар буданро иҷро кардан душвор мебошад. Ҳарду вазифа ҳам барои оила ва ҳам барои ҷамъият ҳаётан муҳим ва заруранд. Бинобар ин, барои дар ҳар оила ба ҳам вобаста шудани ин ду вазифа маҷмуи чораҳои мусоидро андешидан лозим аст. Маҳз онҳо ба ҳодисаҳои демографӣ таъсир намудани ҷамъияти моро роҳи асосӣ ҳисоб мекунанд.

Доир ба масъалаи талоқ психолог А. Маслоу андешаҳои мушаххас гуфтааст ва амсилаи вайроншавии муносибатҳои ҳамсариро пешниҳод менамояд, ки аз ҳафт зина иборат аст: [58, с.80]

1. Талоқи эмотсионалӣ. Дар ин зина эҳсоси ноқаноатмандӣ байни ҳамсарон ба амал меояд, дуршавиҳо аз якдигар мушоҳида мешавад, эҳсоси тарс ва ноумедӣ ба вуҷуд меояд, кӯшиши назорат намудани якдигар оғоз мегардад ва баҳсу мунозираҳо байни онҳо ба вуҷуд меояд.

2. Дар ин зина ҳамсарон пеш аз ҷудошавӣ баҳсу мунозираҳои сахт мекунанд. Ин ҳама бо қаҳру ғазаб ва бадбиниҳо ҷараён мегирад. Баъзан як эҳсоси холигӣ байни онҳо мушоҳида мешавад. Минбаъд кӯшиши баргардонидани муҳаббатро мекунанд, ба дӯстон ва аъзоёни оила бо мақсади кумакрасонӣ ба онҳо муроҷиат менамоянд.

3. Талоқи қонунӣ. Яъне, ҳамсарон ба таври расмӣ муносибатҳои оилавиашонро тавассути сохторҳорҳои марбута қатъ мекунонанд.

4. Талоқи иқтисодӣ. Чунин маъноро дорад, ки ҳамсарон бурдани хоҷагидории ягонаро қатъ мекунанд.

5. Муқаррар намудани баробарӣ байни уҳдадориҳои волидайн ва ҳуқуқи онҳо дар таъмини муносибатҳои байниҳамдигарӣ бо кӯдакон ва тақсим намудани сарҳадҳои масъулияти онҳо. Яъне, ба вуҷуд овардани муносибатҳои нав байни волидайн ва кӯдакон.

6. Дар ин зина волидайн танҳо зиндагӣ мекунад ва дар онҳо ҳиссиётҳои амбиваленӣ (духурра) ба вуҷуд меояд, чун беҷуръатӣ, афсусхӯрӣ, кунҷкобӣ, шодӣ, ғаму ғусса ва ғайра. Дар ин зина ҳамсарони ҷудошуда дар ҷустуҷӯйи дӯстони нав мешаванд, соҳаи фаъолии навро меҷӯянд ва кӯшиши тарзи ҳаёти нав мекунад.

7. Талоқи психологӣ. Дар дараҷаи эмотсионалӣ вайроншавии муносибатҳоро дарк менамоянд ва ҳолати эмотсионалӣ бошад, шиддат мегирад ва ҳиссиётҳои манфие, ки ба талоқ вобастаанд дида мешаванд. Ҳамсарон дар дараҷаи когнитивӣ ва рафторӣ омодаанд, ки амал кунанд,

ба қувваашон боварӣ доранд, ҳисси мустақилият ба вуҷуд меояд ва дар ҷустуҷӯйи муносибатҳои нав омодагӣ мегиранд.

Ин зинаҳои зикршуда раванди талоқ ба мисли як занҷирае, ки аввал устувор асту баъдан зери таъсири омилҳои гуногуни иҷтимоӣ ва психологӣ ноустувор мегардад ва ниҳоят канда мешавад, ифода мекунанд.

Ҳамин тариқ, ҷудошавии волидайн ин як тарафи масъалаи ҳаёти оилавӣ аст. Тарафи дигари онро тақдири кӯдакон ва манфиатҳои онҳо ташкил медиҳад.

Вобаста ба ногузирии талоқ ё худ қатъи ақди никоҳ чунин масъалаҳои ҳалталаб ба вуҷуд меояд ва онро ҳамчун хулосаи зербоб ишора мекунем:

1. Мутаассифона, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки рафти қатъи ақди никоҳ дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон ниҳоят мураккаб мегузарад ва оқибатҳои сахтеро ба бор меорад.

2. Пеш аз ҳама бояд қайд кард, ки масъалаҳои ҷудошавӣ то ба расмият даровarданашон дар шароити бевоситаи оила бисёр пуршиддат мегузарад ва на танҳо ба худи волидайн, балки ба фарзандон таъсири сахти психикӣ мерасонад.

3. Кӯдакон ба ҳолатҳои гуногуни ногувори психикӣ гирифтор мешаванд: ҳисси тарсу ваҳм онҳоро фаро мегирад; бо волидайн хоҳиши машварат кардан пайдо намешавад, яъне аз муносибат намудан бо онҳо дурӣ меҷӯянд; тарсу мешаванд; ҷуръати сухан гуфтан намекунанд, кӯдакони мизоҷашон гуногун ҳар хел вокуниш нишон медиҳанд. Онҳо ҳар гуна ангезаи аз ҷониби волидайн равонашударо ба худ қабул мекунанд ва ин агар мунтазам сурат гирад, он гоҳ кӯдакро дамдузду дарундор менамояд. Чунин ҳолати ногувори психикӣ ниҳоят метавонад ба пайдоиш ва зуҳуроти ҳолати афсурдаҳолӣ, яъне депрессия оварад [3-М, с.104].

4. Кӯдаконӣ дар ҳолати тоҷудошавӣ қарордошта, агар хонандаи мактаб бошад, он гоҳ муттамарказияти онҳо ба дарс вайрон мешавад,

парешонхотир мегарданд, тамоми хусусиятҳои диққат, чун тақсимоти диққат кӯчонидан ва устувории диққат халал меёбанд. Ҳамин тавр, чунин хонандагон ба қатори талабагони сустхон дохил мешаванд.

5. Агар хонанда намояндаи типи мизоҷи холерикӣ бошад, он гоҳ зудранҷ мешаванд, тез ба қаҳру ғазаб меоянд ва ҳамин тавр рафтори агрессивии ӯ бештар мегардад.

6. Бояд зикр кард, ки агар ҷудошавӣ ба таври расмӣ сурат гирад, он гоҳ волидайн аз ҳам ҷудо мешаванд, кӯдакон бо дарназардошти синну солашон ду тақсим мегарданд ва ин боз ҳам муносибатҳоро мураккабу мушкилтар мегардонад.

## 1.4. Хусусиятҳои азсаргузаронии талоқ аз ҷониби наврасон ва ё вокуниши онҳо нисбат ба қарори волидайн

Талоқ яке аз роҳҳои радикалии қатъи мавҷудияти оилаи комил аст. Дар натиҷаи ҷудошавӣ оилае ташкил меёбад, ки бо истилоҳ «нопурра» аст ва дар он тамоми вазифаҳои дар оилаи пурра ба зиммаи зану шавҳар вогузошта шуда (тарбия, иҷтимоикунонӣ, таъмини фарзандон ва ғайра), расман ба уҳдаи яке аз онҳо ё ба падар ё ба модар (бештар ба модар) гузошта мешавад. Мо талокро ҳамчун як ҳолати ҳаётии ташкилкунандаи омили ҷиддии патогенӣ дида мебароем, ки ба аъзоёни он таъсири манфӣ ба монанди зоҳиршавии ҳолатҳои манфии эмотсионалӣ мерасонад. Вазъияти талоқ ҳолати сарҳадӣ дар ҳаёти шахс (оила) мебошад, ки дар он тамоми мушкилоти асосии оила зоҳир мегардад. Талоқ дар натиҷаи вайроншавии оила дорои хусусияти гуногунҷабҳа (ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, демографӣ, психологӣ ва ғ.) буда, то ҳол якранг арзёбӣ намегардад.

Аз нигоҳи ҷомеа (Ю.А. Королев [119] ва О.Е. Лебедев [51]) талоқ мисли оилаи нопурра падидаест, ки онро метавон як мушкили шадиди иҷтимоӣ арзёбӣ кард.

Психологон (А. Бут, Ҷ.М. Готтман ва Р.В. Левенсон) [174] бар ин назаранд, ки дараҷаи баланди талоқ дар ҷомеа ба оилаҳои обод таъсири

манфӣ мерасонад. Дар аксари онҳо ҳамсарон аз эҳтимолияти талоқ огоҳанд ва одамонро водор мекунад, ки муносибатҳои издивоҷи худро муваққатӣ созанд.

Муҳаққиқон (Л.М. Прокофева [127], В.А. Сисенко [136] ва П. Фести [144]) аксар вақт талоқро ҳамчун далели номуташаккилии оила маънидод карда, танҳо ба оқибатҳои манфии он, махсусан барои кӯдакон таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Дар баробари ин, С.И. Голод [30] талоқро ҷузъи муҳимми низоми оилаи муосир мешуморад, ки барои пешгирии низои доимӣ дар шароити раванди харобиовар дар муносибатҳои байни зану шавҳар ё қадами зарурӣ ҷиҳати аз нав ташкил кардани оилаи бе ин ҳам харобшуда мусоидат мекунад. Дар чунин мавридҳо талоқ метавонад нақши муҳим бозад. Ин назари норавшан дар бораи таъсири талоқ ба аъзои оилаи пароканда шавқу ҳаваси зиёдро ба азсаргузарониҳои таассуротҳои мухталифе, ки бо талоқ ҳамроҳӣ мекунанд, ба вуҷуд меорад. Сабабҳои маъмултарини талоқ, ба гуфтаи Д.Я. Райгородский [70] мушкилоти психологӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ, моддӣ, хиёнат ва ғайра дар муносибатҳои оилавӣ маҳсуб мераванд.

Ба ақидаи пажӯҳишгарон (Г. Фигдор [82], Д. Видра [101] ва Р.А. Гарднер [27]) новобаста аз сабабҳои қатъи ақди никоҳ, талоқ барои ҳамаи иштирокчиёни он, новобаста аз синну сол ва ҷинс, як ҳодисаи осебпазир аст, ки метавонад ба осеби психикӣ оварда расонад. Яке аз зуҳуроти ин падидаро муҳаққиқон (Г. Фигдор [82], Э. Свон-Ҷексон [131] ва Ҷ. Конвей [44]) дар кӯдакон “комплекси ятим” меноманд (азсаргузарониҳои таассуроти танҳоӣ, қобилияти заиф ҷиҳати ба роҳ мондани муносибатҳои наздик дар оила, ҳисси бехатарӣ дар оила), ки дар натиҷа дар оянда барои барпо намудани оила ва ба роҳ мондани муносибатҳои мусоиду хуби оилавӣ мушкилӣ эҷод мекунад.

Мувофиқи тадқиқотҳои гузаронидашуда (A.M. Hines, P.R. Amato, J.S. Wallerstein) [174] талоқро азсаргузарониҳо ва шароитҳои гуногун, ки ба

вокунишҳои бухрон монанд аст, ҳамроҳӣ мекунад ва дар худ маҷмуи вокунишҳои ҷисмонӣ, психикӣ ва рафториро фаро мегиранд.

Вокунишҳо ба талоқ хеле гуногунанд. Як қатор муаллифон (М. Кент [38], Р. Гарднер [27] ва Л.Л. Герашенко [28]) рафтори зиддиҷамъиятӣ, кам шудани шумораи робитаҳои байнишахсӣ дар ҳаёти шахсии нафари ҷудошуда, «худҷудонамоӣ» ва дезадаптатсияро қайд мекунанд.

Ба гуфтаи Д.Р. Кингма [39] дар натиҷаи талоқ, инҳироф дар рафтори иҷтимоӣ-психологӣ метавонад ба миён ояд, яъне зуҳуроти агрессияи фаъол нисбати аъзоёни оилаи пароканда, зуҳуроти хашми беназорат аз сабаби вайрон шудани одатҳо ва аз даст додани нақшҳои одатишуда дар ҳаёти ҳамсарони собиқ, инчунин тағйироти манфӣ дар муносибат бо фарзандон вуҷуд дорад.

Дар робита ба ин, вокунишҳо ба талоқ бештар метавонанд дар чунин шаклҳо зоҳир шаванд [174, с.61]:

–неврозҳо;

–депрессияҳо;

–вокунишҳои невротикӣ;

–вокунишҳои рафтории аз ҷиҳати эмотсионалӣ ноустувор;

–тарс;

–изтироб;

–ҳолати безобитакунанда.

Аксуламалҳои депрессивӣ дар навбати худ бештар дар занон мушоҳида мешаванд [174, с.59]. Ҳолати “шок” аксар вақт ҳамчун ҳолати ҳимоявии системаи асаб ба чунин стресс баромад мекунад. Ин метавонад боиси сар задани ҳолатҳои вазнини азсаргузарониҳои саршори эмотсияҳои манфӣ, ба монанди ҳисси гунаҳкорӣ ва ҳисси танҳоӣ гардад.

Талоқ метавонад бо бошиддатии асабию психикӣ ҳамроҳ шавад. Тибқи маълумоти тадқиқотӣ (О.А. Гаврилитсина [103], Г.А. Бондарская [100] ва Т.В. Логушко [55]), занон нисбат ба мардон бештар ба ин гуна ҳолатҳо гирифтор мешаванд. Талоқ боиси паст шудани худбаҳодиҳӣ ва шиддат

гирифтани ҳолатҳои эмотсионалии манфии аллакай мавҷудбуда – стресс, изтироб ва ҳолати фрустратсионӣ мегардад. Ҳамаи ин вокуниши ҷисм ба стресс мебошанд. Дар баробари ин, як қатор муҳаққиқон (А.Р. Михеева [123], Ф.Ф. Ферстенберг [143] ва Р.А. Гарднер [27]) бар ин назаранд, ки худро бемор вонамуд кардан метавонад ҳамчун роҳи ҷудо кардани худ аз воқеияти номусоид истифода шавад.

Стрессе, ки дар натиҷаи пошхӯрии оилаҳо ба вуҷуд омадааст, метавонад боиси ҳолати бошиддатии эмотсионалӣ гардида, ба ҳолати аутоагрессивӣ бурда расонад.

Қатъи ақди никоҳ яке аз зарбаҳои фалокатовартарин барои фарзанд дар давраи наврасӣ мебошад. Айни замон, ин падида хеле норавшан баррасӣ мешавад. Мисли ҳама гуна падидаҳои дигар, талоқ ҳам ҷанбаҳои мусбат ва ҳам манфӣ дорад. Аз ҷиҳатҳои мусбат сар карда, мо метавонем бигӯем, ки баъзан оилаҳо дар натиҷаи равандҳои харобиовари байни ҳамсарон ба бунбаст мерасанд ва дар ин маврид ба манфиати умум, ҷудошавӣ бартарӣ пайдо мекунад. Аммо агар ба он аз нигоҳи манфӣ назар кунем, пас, талоқ, бешубҳа, пеш аз ҳама ба оила ва ҷомеа зарар мерасонад.

Вазъи ҷудошавии волидайн беихтиёр насли наврасро водор мекунад, ки ба худ ва волидонаш, ки ҳоло дар алоҳидагӣ зиндагӣ мекунанд, куллан ба таври дигар нигоҳ кунад. «Ман»-и наврас дар ҳолати ҷудошавии волидонаш сахт азоб мекашад [174, с.68]. Вай дар вайрон шудани оила худро айбдор мекунад. Ба худтанқидкунӣ оғоз мекунад. Ба ақидаи наврас сабабгори ҷудошавии оила маҳз худи ӯ мебошад. Маълум аст, ки наврасони ба чунин ҳолатҳо дучоргардида, одатан бо ҳолатҳои эмотсионалӣ ба монанди, стресс, изтироб ва фрустратсия мубориза мебаранд [174, с.65]. Ҳатто аксар наврасон ҷиҳати барқарор кардани эҳтироми худ, ки бар асари вайрон шудани оила сахт зарар дидааст, ба тамокукашӣ, нӯшидани машрубот ва истеъмоли маводи мухаддир даст мезананд.

Ба набудани яке аз волидайн дар хона, дар ҳаёти ҳаррӯза ва ғайра одат кардан барои наврас боз ҳам мушкилтар аст. Аксар вақт волидайне, ки наврас ба ӯ бештар вобастагӣ дошт, хонаро тарк карда меравад. Агар волидайни ҷудошуда аз нав издивоҷ кунад, наврас бо зарурати мутобиқ шудан ба модарандар ё падарандар рӯбарӯ мешавад. Барои он ки наврас пошхӯрии оиларо осонтар аз сар гузаронад, суҳбати ошкоро бо наврас бо назардошти оне, ки ӯ худро ҳамчун калонсолон муаррифӣ мекунад, ба роҳ мондан зарур аст. Ҳамзамон, аз мавзуи ҷудошавӣ набояд канорагирӣ намуд ва набояд яке аз волидонро гунаҳкор намуд, зеро ҳамаи ин метавонад ба наврасе, ки худаш ҳолатҳои номусоиди эмотсионалиро аз сар мегузаронад, бештар ҳолаташро вазнинтар кунад.

Бо афзоиши мизони талоқ ва баҳсҳо дар бораи он, ки талоқ ба кӯдакон чӣ таъсир мерасонад, муҳаққиқон кӯшиши муайян намудани ин таъсиррасониро кардаанд. Пас аз ба инобат гирифтани тамоми хусусиятҳои демографӣ, психологӣ ва иқтисодӣ маълум гардид, ки фарзандони волидайни ҷудошуда нисбат ба фарзандони волидайни ҷудонашуда ду маротиба бештар дар издивоҷи худ ба мушкилот дучор мешаванд. Яке аз сабабҳои ин мушкилот аз байн бурдани идеали муносибатҳои ошиқона бо мисоли волидайн аст. Пас аз ҷудо шудани ҷуфти идеалии волидайни худ, бисёр одамон, аз наврасӣ сар карда, ба муносибатҳои шаҳвонӣ, зинокории худ «ғарқ» шуда, солҳои дароз онро идома медиҳанд [174, с.11].

Вақте ки модару падар ошкоро низоъ мекунанд, барои ғолиб омадан тамоми воситаҳоро истифода мебаранд, беҳбудӣ ва ҳолати оромии фарзандашонро фаромӯш мекунанд. Баъзан онҳо фарзанди худро ҳамчун силоҳ истифода мебаранд, ки хатои бузург аст. Бо ибораи дигар, дар оилаи нопурра муносибати ғайриадекватӣ бо кӯдак метавонад шаклҳои зерин дошта бошад [174, с.16]:

• фарзанде, ки шавҳарро иваз мекунад. Модар аз кӯдак таваҷҷуҳи доимӣ ва ғамхорӣ талаб мекунад, мехоҳад ҳамеша дар назди кӯдак

бошад, аз ҳаёти шахсии ӯ огоҳ бошад, кӯшиш мекунад, ки муносибатҳои ӯро бо ҳамсолон назорат кунад;

• гиперопека (парастории аз ҳад зиёд) ва симбиоз (робитаи мутақобила ва пайвастагии ниҳоят зич дар раванди ҳаёт). Дар ин ҳолат модар бо ҳар роҳ кӯшиш мекунад, ки кӯдакро ба худ наздик нигоҳ дорад, мустақилияти ӯро маҳдуд созад. Амалҳои мазкур аз ҷониби модар бинобар сабаби тарси аз даст додани фарзанд дар оянда сурат мегирад. Модар бешуурона қобилиятҳои фарзандашро нодида мегирад, гӯё барои ӯ зиндагӣ кардан мехоҳад, медонад, ки чӣ беҳтар ва чӣ гуна аст. Албатта, чунин рафтор кӯдакро дар ҳама самтҳои рушдаш ба қафо тела медиҳад;

• назорати таълимӣ тавассути нописандӣ. Ин шакли муносибати номувофиқ бо кӯдак тавассути маҳрум сохтани кӯдак аз муҳаббати волидайнӣ роҳандозӣ мегардад. Албатта, кӯдакро нодида мегиранд, хоҳишу ҳиссиётҳои кӯдак беарзишу беқадр карда мешаванд;

• назорати таълимӣ бо истифода аз ҳисси гунаҳкории кӯдакон. Волидон рӯз ба рӯз ба фарзанд мегӯянд, ки ӯ «ношукр», худхоҳ аст ва танҳо дар бораи худаш фикр мекунад. Тарс, ки дар ин замина дар наврас ба вуҷуд меояд, ба рушди минбаъдаи ӯ, пеш аз ҳама, мустақилият монеъ мешавад;

• изолятсия (ҷудошавӣ). Ин шакл дар набудани қарорҳои умумии оилавӣ зоҳир мешавад. Аз ин ҷо, кӯдак дар оянда беш аз пеш танҳоиро афзалтар мешуморад; онҳо кӯшиш мекунанд, эмотсия ва азсаргузаронииҳои таассуротҳои худро ба волидайн нишон надиҳанд.

Яке аз вокунишҳое, ки бо талоқ дар наврас алоқаманд аст, ҳолати шок ва бовар накардан ба ҳодисаи рухдода мебошад. Ҳолати мазкур вақте рӯй медиҳад, ки кӯдак умқи пурраи мушкилотро намефаҳмад ва ба воқеаи рӯйдода бовар намекунад. Сабаби ин гуна вокунишҳо он аст, онҳо баҳсу мунозираи волидони худро надидаанд ва аз мушкилоту муноқишаҳо огоҳ набуданд. Барои кӯдакон ин боиси аз даст додани ҳисси бехатарӣ ва муҳаббат гардида метавонад.

Аксуламали дигар тарс, изтироб ва номуайянӣ дар бораи оянда аст. Кӯдакон намедонанд, ки чӣ тавр бо волидайни ҷудошуда муошират хоҳанд кард, оё онҳо умуман муошират мекунанд, оё ӯ онҳоро дӯст медорад ва бо онҳо вақт мегузаронад ва ё не.

Наврасон инчунин метавонанд нисбати он волидоне, ки аз нигоҳи онҳо (наврас) сабабгори ҷудошавии оила шудааст, хашм ва нафрат пайдо кунанд ва ё нисбат ба ҳардуи онҳо ин гуна вокунишҳоро равона созанд. Наврас метавонад падар ё модари худро дар тарки оила айбдор кунад, изҳор кунад, ки аз онҳо нафрат дорад, ҳеҷ гоҳ онҳоро намебахшад ва ғайра. Чунин омилҳои таъсири ҷудошавии волидон ба шахсияти наврас мавҷуданд: рафтори волидон, фазо дар оила, азсаргузаронихои таассуротҳои волидайн, мавҷудият ё набудани ғамхорӣ нисбат ба кӯдак, сабабҳои вайроншавии оила ва дараҷаи ҷудошавии оила иштирок дар муноқишаи байни падару модар, масъалаи васоят.

Наврасоне, ки талоқи волидайнро аз сар гузаронидаанд, нисбат ба наврасоне, ки дар оилаҳои устувор ба воя мерасанд, хатари мушкилоти психикиро бештар азсар мегузаронанд. Гармии муносибатҳо, услуби нигоҳубини волидайн ва фазои оилавӣ аз ҷониби наврасони талоқи волидайнро аз сар нагузаронида мусбат арзёбӣ мешавад [20, с.12].

Ҳолати ҷалби кӯдак ба муноқиша аз тарафи волидон яке аз ҳолатҳои осебпазир маҳсуб меёбад. Бинобар сабабе, ки наврас гоҳ бо модар, гоҳ ба падар бо навбат зиндагӣ мекунад, дохили ин низоъҳо ҳис мекунад. Аммо агар волидайн якҷоя амал кунанд, ҳатто агар наврас бо ҳарду волидайн муносибати наздик дошта бошад ҳам, эҳтимоли ҷалби кӯдакон ба низои онҳо кам нест. Агар раванди талоқ мусоид гузарад, он метавонад ҳам ба волидон ва ҳам ба фарзандон таъсири мусбат расонад ва сатҳи низоъро дар оила коҳиш диҳад.

Мутобиқшавии наврас дар вазъияти ҷудошавии волидайн аз қобилияти мутобиқ шудан ба вазъияти нав таъсир мерасонад – ҳар қадаре ки изтироби волидайн бештар бошад, ҳамон қадар мувозинати

психикии кӯдакон низ халалдор мегардад. Аммо вақте ки талоқ барои ҳарду ҳамсар сабукӣ меорад, ба фарзандони онҳо низ таъсири мусбат мерасонад. «Талоқ аксаран бо мотам ҳамроҳ мешавад» [71, с.51], мегӯяд Ф. Райс. Дар наврасон ҳисси талафот, ғамгинӣ ва депрессия пайдо мешавад. Пас аз талоқ, бояд ба набудани яке аз волидон одат кард”.

Агар баъди ҷудошавӣ ҳам падар ва ҳам модар имконияти бе мамониат бо фарзандонашон вохӯрӣ дошта бошанд (ба шарте ки таъсири мусбат расонанд), ин ҳолат муфид арзёбӣ мегардад. Албатта, агар яке аз волидайн ба ин гуна вохӯриҳо ба қадри кофӣ омода набошад ё рафтори ношоиста дошта бошад (суханҳои таҳқиромез баён кунад), дар он сурат муошири ӯ бо кӯдакон бояд қатъиян маҳдуд карда шавад. Дар шароити мусоид, агар ба кӯдакон иҷозат дода шавад, ки волидайни худро дар алоҳидагӣ ҳар вақт, ки мехоҳанд, бубинанд, ин боиси коҳиш ёфтани ҳолатҳои номусоиди эмотсионалӣ мегарданд.

Ҷудо шудани наврас бо яке аз волидайн эҳтимоли гирифтор шудан ба мушкилоти психикӣ ва шахсии кӯдакро афзоиш дода, майли амалҳои аутоагрессивӣ, майзадагӣ ва нашъамандӣ, аз даст додани худшиносӣ ва нодида гирифтани қобилиятҳои худро зиёд мекунад. Дар наврас низ метавонад нисбати волидайн муносибати манфӣ пайдо шавад ва ба машварати психолог ниёз пайдо кунад. Набудани падар ё модар дар оила ба муайян кардани нақши гендерии наврас таъсир мерасонад. Писарбачаҳое, ки аз ҷониби модар тарбия ёфтаанд, нақши мардонагии худро дар оила ва ҷомеа норавшан дарк мекунанд, ҳангоми муошират бо ҳамсолон ҳисси нобовариро аз сар мегузаронанд, агрессияро кам зоҳир мекунанд ва аз дигарон вобастагӣ доранд. Агар наврасдухтарро падар тарбия кунад, то андозае худро бо ҷинси мард ҳаммонанд мекунад, хусусиятҳои рафтори занонаро қариб, ки аз даст медиҳад ва дар оянда метавонад дар муносибатҳои наздик бо ҷинси муқобил низ мушкилӣ дошта бошад [174, с.96].

Дар байни низоъҳои оилавӣ ва тамоюли наврасон ба ҷинояткорӣ, паст шудани маром ба таҳсил ва сатҳи пасти хоҳиши касбӣ робита вуҷуд дорад. «Ман»-и наврас дар ҳолати ҷудошавии волидайн осеби сахт мебинад, хусусан вақте худро дар ҳодисаи руху дода гунаҳкор меҳисобад ё дар муносибати дигарон ба чунин ҳолатҳо дучори мушкилот мегардад. Барои барқарор кардани эҳтироми худ, раҳоӣ аз ихтилофҳои оилавӣ ва мубориза бо фишори онҳо, наврасон аксар вақт ба тамокукашӣ, нӯшидани машрубот ва моводи мухаддир даст мезананд.

Наврасон пас аз талоқ бо чунин мушкилот рӯбарӯ мешаванд:

1. Осеби психологӣ.
2. Стресс ва ихтилофе, ки боиси ҷудошавии оила гардидаанд.
3. Талоқ тағйироти дарозмуддат дар тарзи ҳаёти кӯдакро дар бар мегирад. Кӯдакон бо волидон тарзе муносибатро ба роҳ мемонанд, ки бо ягонтои онҳо канда нашаванд.

Бисёр омилҳо бо низоъ алоқаманданд. Аз ҷумла баҳсу мунозираҳои тез-тез бо волидон, низоъҳои байни ҳамсарон ва ғайра, ҳамаи ин ба наврасон таъсири манфӣ мерасонад. Аксари наврасон аз оқибатҳои тулонии вазъи пуршиддати оилавӣ пеш аз талоқ ва мушкилоти ҳамроҳ, аз қабили агрессияи волидон нисбат ба ҳамдигар, бад шудани муносибатҳои байни фарзандону волидон ва бетаваҷҷуҳӣ азият мекашанд. Ин мушкилотро стресс пас аз талоқ ва муносибатҳои душвор байни волидон ҳамроҳӣ мекунанд.

Ҳамчунин, ҷудошавии волидайн ба рафтори ояндаи наврас дар оилаи худаш таъсир мерасонад. Азбаски арзишҳои оилавӣ дар айёми наврасӣ ташаккул меёбанд ва дар натиҷаи талоқ ин арзишҳо дар назари наврас нопадид мешаванд. Наврасони оилаҳои нопурра ҳисси масъулият дар назди оила ва масъулиятҳои худро камтар доранд.

Илова бар ин, кӯдаконе, ки талоқро аз сар гузаронидаанд, аксар вақт ба издивоҷи бармаҳал ворид мешаванд, зеро онҳо мехоҳанд набудани муносибати эмотсионалиро ҷуброн кунанд, оилаи мустаҳкам

ва хушбахтӣ пайдо кунанд, аммо, чуноне таҳқиқот нишон медиҳад – чунин ҳолат на ҳамеша ба издивоҷи хушбахт оварда мерасонад.

Тибқи натиҷаҳои як пажӯҳиши амрикоӣ талоқи волидайн ба мутобиқшавии иҷтимоии фарзандони онҳо таъсир мерасонад: бо дарназардошти тамоми шароитҳои демографӣ, психологӣ ва иқтисодӣ, фарзандони волидони ҷудошуда нисбат ба фарзандони волидони ҷудонашуда ду маротиба бештар бо мушкилот дучор мешаванд. Масалан:

- байни ҷавонони 18-22 – сола, ки талоқи волидайни худро аз сар гузаронидаанд, 40% ба психолог муроҷиат кардаанд;
- 25% мактабро ҳангоми таҳсил дар синфҳои болоӣ тарк карданд;
- 65% бо падар муносибати бад доштанд;
- 30% бо модарашон муносибати бад доштанд [174, с.97].

Ба гуфтаи И.Кон дар кӯдаконе, ки бе падар ба воя расидаанд, аксар вақт дараҷаи пасти иддао ва дараҷаи баланди изтироб, аломатҳои невротикӣ бештар мушоҳида мешаванд. Наврасписарон дар муошират бо ҳамсолонашон душворӣ мекашанд, онҳо нақшҳои ҳақиқии мардонагиро бо душворӣ меомӯзанд, вале баръакс баъзе хислатҳои мардонагӣ ба монанди дағалию агрессивнокиро бештар зоҳир мекунанд. Аксар вақт кӯдак ба муқобили вобастагии шадид аз модар саркашӣ мекунад ё ғайрифаъол, суст, ҷисман заиф мешавад [43, с.76]. Писарони наврас дар оилаҳое, ки падарашон онҳоро тарк кардааст, аксар вақт нақши сардори оиларо ба ухда мегиранд; муноқишаҳо дар чунин оилаҳо назар ба оилаҳое, ки оила бе модар мондааст, камтар рух медиҳад. Духтароне, ки ба чунин вазъият дучор мешаванд, бештар бо модаронашон ҷанҷол мекунанд ва ба таври қобили мулоҳиза худбаҳодиҳии онҳо коҳиш меёбад. Аммо бисёре аз пажӯҳишгарон бар ин назаранд, ки духтарон нисбат ба писарон ба вазъияти талоқи волидонашон осонтар мутобиқ мешаванд.

Дар оилаи нопурра, набудани эътимод ва устуворӣ ба фарогирии иҷтимоӣ метавонад хеле муҳим бошад, зеро касби падар одатан заминаи воқеӣ ва рамзи дастгирии иқтисодии оиларо ифода мекунад ва устувории он кафолати эътимод аст. Ҳамин тариқ, наврасони оилаҳои нопурра нисбат ба дигарон аз як сӯ масъултар, қатъӣ ва мустақилтар аз волидайн ҳастанд, вале аз тарафи дигар, онҳо метавонанд барвақттар аз хона дур шаванд, дар ҷустуҷӯи новобаста будан аз волидайн ва мустақил шаванд, ки дар навбати худ боиси мунокишаҳои минбаъдаи оила мегардад.

***Таъсири талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои манфии эмотсионалӣ дар наврасон.*** Дар воқеъ, чуноне аз таҳлилҳои болозикр маълум мегардад, талоқ ба наврасон хусусан ба зоҳиршавии ҳолатҳои манфии эмотсионалии онҳо таъсири амиқ мерасонад ва он дар маҷмуъ метавонад боиси рӯ овардани наврас ба олами ҷинояткорӣ гардад, зеро дар солҳои аввали баъди ҷудо шудани волидайн наврасон сарфи назар аз дараҷаи ихтилофи оилавӣ ҳолат ва рафторҳои импулсивию зиддиҷамъиятӣ, агрессивию оштинопазирӣ ва вобастагию мутаассиршавандагиро зоҳир мекунанд. Наврасоне, ки талоқи волидайнро аз сар мегузаронанд, маҷбур мешаванд, ки то ҳадди имкон ба як намуди тамоман дигари муносибат ба онҳо мутобиқ шаванд. Одатан, волидайн бар чунин боваранд, ки онҳо ҳуқуқи дахолат кардан ба ҳаёти фарзандони худро доранд ва ҳатто дар ҳолатҳои дур будан аз фарзандон онҳоро сарварӣ кунанд. Ба таври ошкоро зуҳури мутаассиршавандагӣ ва агрессивнокӣ дар кӯдак дар давраи наврасӣ нисбат ба чунин волидайни ҳаёти онҳоро назораткунанда бешак метавонад боиси афсурдагӣ ва ҳисси нотавонӣ дар эҷоди равобити судманд бо волидон гардад.

Аксар вақт, ба наврас чунин менамояд, ки нигоҳ доштани оила ва муносибатҳои байни волидон дар дасти онҳост ва тамоми кӯшишро ба харҷ медиҳанд. Наврас ба ин боварии қатъӣ дорад. Баъдан мефаҳмад, ки дар ҷое имкони худро аз будаш зиёд баҳо додааст ва дар натиҷа ҳолати ноумедӣ ӯро фаро мегирад. Худбаҳодиҳии наврас якбора паст шуда,

хоҳиши дӯст доштани худ аз байн меравад. Дар ин вақт агар ба наврас сари вақт кумак расонида нашавад, эҳтимоли баланди гирифторшавӣ ба ҳолати депрессивии тулонӣ вуҷуд дорад. Наврасон аз талоқи волидони худ сахт хашмгину асабӣ мешаванд, тоқатнофарсо азоб мекашанд, худро танҳо ва нотавон ҳис мекунанд. Мувофиқи андешаи бархе табибон ҳолатҳои ишорагардида боиси сар задани дарди сар, вайрон шудани иштиҳо гардида метавонад [174, с.56].

Бояд гуфт, ки ҳангоми талоқи волидайн байни рафтори духтарону писарон тафовути хосса мушоҳида мешавад. Наврасписарон бештар ба стресс таъсирпазиранд ва қобилияти мутамарказият дар онҳо суст мешавад. Онҳо нисбат ба пештара бо ҳамсолони худ бештар дар ҳолати низоъ қарор мегиранд. Ҳамзамон, метавонанд нисбат ба ҳайвони дӯстдоштаи худ агрессия зоҳир кунанд. Наврасписарон дар пайи ҷудошавии волидайн эҳтиёткор мешаванд ва аз ҳар гуна нокомиҳои ночиз ҳам худдорӣ мекунанд. Илова бар ин, дар онҳо майл ба азсаргузарониҳои саршори эмотсияҳои манфӣ дида мешавад [174, с.111].

Наврасдухтарон ба ҳолати ҷудошавии волидонашон нисбат ба наврасписарон зудтар мутобиқ мешаванд. Наврасдухтарон ҳиссиёти воқеии худро фурӯ нишонида, вонамуд мекунанд, ки онҳо калонсол ҳастанд ва ҳама чизро ба таври комил мефаҳманд, аммо аксар вақт ҳиссиёти фурӯнишонидашуда баъдтар дар синни балоғатрасӣ аз худ дарак медиҳад. Наврасдухтарон дар ҳолатҳои фрустратсионӣ ба қонеъ кардани ниёзҳои дар ин вазъият бавуҷудомада диққати аз ҳад зиёд медиҳанд. Хусусияти фарққунандаи азсаргузарониҳои ҷудошавии волидони наврасдухтарон нисбати наврасписарон ин шиддати манфии таълимӣ мебошад: тарс ҳангоми баҳодиҳӣ ё санҷиши қобилиятҳо, изтироб ва ғайра.

Волидони кӯдак ҳар қадар зудтар ҷудо шаванд, ҳам наврасписарон ва ҳам наврасдухтарони оилаҳои нопурра баояндаи худ ҳамон қадар манфӣ муносибат мекунанд. Дар ин росто, муносибати

наврасе, ки бо модар ва ё падар зиндагӣ мекунад, фарқиятҳои назаррас вуҷуд доранд.

Муносибати байни модари танҳо ва фарзанди наврасӣ ӯ ба ташаккули хислатҳои номусоиди шахсияти зиддиҷамъиятӣ дар наврас таъсир мерасонад [101, с.52]. Модарон аксар вақт кӯшиш мекунанд дар писарашон он чизеро пайдо кунанд, ки дар собиқ шавҳари худ пайдо карда натавонистанд. Чунин модарон аксар вақт меҳри бепоёни худро ба писарони худ интиқол медиҳанд ва самимона умедворанд, ки онҳо такягоҳи воқеии модаронашон мешаванд. Барои он ки писарашро муддати тулонӣ дар назди худаш нигоҳ дорад, модар аз манипулятсия низ истифода мекунад. Масалан, вай фарзандашро бовар мекунонад, ки ӯ умуман мустақил нест ва бе модараш аслан ягон корро карда наметавонад. Ин гуна муносибат ба изтироб табдил меёбад, аммо навраcписарон ба ин гуна муносибати модар муқовимат карда, ҳамин тариқ зуҳуроти мардонагии худро дар шакли дағалӣ, партофтани таҳсил, рафтори девиантӣ ва агрессия исбот карданӣ мешаванд [174, с.78].

Муносибати дезадаптивии модар нисбат ба наврас дар вазъияти пас аз ҷудошавӣ аз таъсири омилҳои психологии зерин бармеояд [174, с.102]:

- бегонагӣ;
- мушкилоти кӯдакӣ;
- имкониятҳои амалинашуда;
- рашк нисбат ба ҳамсар;
- ҳамдигарнофаҳмӣ;
- рад кардани модар;
- айбдоркунии модар.

Мавриди зикр аст, ки падар дар оила ҳамеша аз ҷиҳати психологӣ вуҷуд дорад. Ин маънои онро дорад, ки набудани падар дар оила аз ҷиҳати ҷисмонӣ аён аст, будани падар дар шакли ягон образ ё символ дар шуури кӯдак боқӣ мемонад. Бисёре аз муҳаққиқон пешниҳод

кардаанд, ки робитаи бешуурӣ бо падар ва падаркалон (бобо) метавонад дар давоми чанд насл мушоҳида гардад. Чунин робита ё муттасилии наслҳо, интиқоли байни наслҳо дар падидаҳои «синдроми солгардӣ», ки аз ҷониби Д. Хилгард, А. Шутзенбергер «крипт ва арвоҳ», аз ҷониби Н. Абраҳом, М. Терек «вафодории пинҳонӣ ба оила» ҳамчун ҳаммонандкунии худ бо аъзоёни оила ва аз ҷониби И. Бузореми-Надем, дар шакли «афсонаҳои оилавӣ” тасвир ёфтааст [174, с.67].

Ҳамин тавр, метавон чунин ишора намуд, ки падар дар ҳаёти навраиписар ҳамеша вуҷуд дорад. Муошират бо падар, ба шарте ки пошхӯрии оила бе зӯроварӣ сурат гирифта бошад, бояд ба сифати анъанаи ҳатмӣ баромад кунад. Хусусияти муошрати байни наврас ва падараш дар ҳисси нороҳатӣ ва гунаҳкорӣ таҷассум меёбад, ки падар ҳангоми муошират бо кӯдак онро ҳис мекунад. Ин як лаҳзаи муҳим ва авҷи муошрати наврас бо падар хоҳад буд, зеро муҳаббат ва меҳрубонӣ ба таври комил, махсусан пас аз талоқ, танҳо аз тарафи модар эҳсос гардида истодааст у халос.

Вазъияти талоқ барои наврасдухтарон, ба мисли наврасписарон низ метавонад хеле фоҷиабор бошад, агар онҳо бештар бо падарашон муносибати зич дошта бошанд. Дар робита ба ин, изтироби танҳоӣ ва ҷудошавии иҷтимоӣ шадидтар мешаванд. Аксар вақт наврасдухтарон (ва наврасписароне, ки ба падари худ монананд) модари худро раҳо намекунанд изтироби шадидро ҳис мекунанд. Тарси умумӣ меафзояд, тарси синни барвақтӣ шиддат мегирад ва эҳтимоли ҳолатҳои неврозҳои изтироб ва неврозҳои истерикӣ низ вуҷуд доранд, ки дар даврони калонсолӣ дар шакли неврозҳои безобитакунанда зоҳир мешаванд [174, с.78].

Дар қабули психологии писар аз ҷониби волидайн, падарон, дар муқоиса бо модарон, набудани майл ба пешвоӣ бартарӣ доранд, зеро онҳо кӯшиш мекунанд, ки бидуни истифодаи зӯрӣ ба илтифот ва эҳтироми қудрати худ бирасанд, дар муқоиса бо модароне, ки дар

ҳолатҳои истисноӣ дар муносибатҳои байнишахсӣ ба худ авторитаризмро «ба манфиати» кӯдак роҳ медиҳанд.

Дар баробари ин, писарон қайд мекунанд, ки модарон ба онҳо муносибати интиқодӣ доранд ва ҳамчун манфиати мусбат аз ҳад зиёд ҳимоят мекунанд, дар ҳоле ки падарон мустақилияти бештар ва мавқеи устувор доранд. Дар модарон, бар хилофи рафтори падарон, майли сарпарастӣ ба ҷойи аввал меояд, зеро модарон бештар ба кӯдакон бо усулҳои индуктивӣ таъсир мерасонанд. Модарон ба ҳар гуна созиш тайёранд ва падарон бо неру ба мақсади худ мерасанд.

Дар асоси адабиёти илмии таҳлилшуда метавон қайд намуд, ки давраи наврасӣ давраи муҳимми инкишоф буда, дар ташаккули шахсият нақши хоссаро дорад. Инкишофи пуршиддат ва мавқеи иҷтимоии кӯдак ба монанди «Ман ва ҷомеа» фаъолиятҳои манфиатноки иҷтимоиро таъмин намуда, дар он наврас имконияти ба худ ҷалб намудани таваҷҷуҳ ва ҳамзамон, худро зоҳир кардан пайдо мегардад. Инчунин, наврас дар ин замина арзёбии «Ман»-и худро дар дигарон мебинад ва ҳам ҳис мекунад.

Ин механизми ташаккули мавқеи иҷтимоии наврас нисбат ба ҷомеа буда, мавқеи ибтидоӣ, шарти зарурии ботинии инкишофи минбаъдаи фаъолияти ӯро ҳамчун шакли ифодаи шуур, худшиносӣ, худмуайянкунии шахсият, ки муҳимтарин лаҳзаи шомилшавии шахс ба ҷомеа маҳсуб меравад.

Ҳамзамон, ишора намудан зарур аст, ки ҳангоми талоқи волидайн байни рафтори духтарону писарон тафовути хосса мушоҳида мешавад. Наврасписарон бештар ба стресс таъсирпазиранд ва қобилияти мутамарказият дар онҳо суст мешавад. Онҳо нисбат ба пештара бо ҳамсолони худ бештар дар ҳолати низоъ қарор мегиранд. Ҳамзамон, метавонанд нисбат ба ҳайвони дӯстдоштаи худ агрессия зоҳир кунанд. Наврасписарон дар пайи ҷудошавии волидайн эҳтиёткор мешаванд ва аз ҳар гуна нокомиҳои ночиз ҳам худдорӣ мекунанд. Илова бар ин, дар

онҳо майл ба азсаргузарониҳои саршори эмотсияҳои манфӣ дида мешавад.

Наврасдухтарон ба ҳолати ҷудошавии волидонашон нисбат ба навраписарон зудтар мутобиқ мешаванд. Наврасдухтарон ҳиссиёти воқеии худро фурӯ нишонида, вонамуд мекунанд, ки онҳо калонсол ҳастанд ва ҳама чизро ба таври комил мефаҳманд, аммо аксар вақт ҳиссиёти фурӯнишонидашуда баъдтар дар синни балоғатрасӣ аз худ дарак медиҳад. Наврасдухтарон дар ҳолатҳои фрустратсионӣ ба қонеъ кардани ниёзҳои дар ин вазъият бавуҷудомада диққати аз ҳад зиёд медиҳанд. Хусусияти фарққунандаи азсаргузарониҳои ҷудошавии волидони наврасдухтарон нисбати навраписарон ин шиддати манфии таълимӣ мебошад: тарс ҳангоми баҳодиҳӣ ё санҷиши қобилиятҳо, изтироб ва ғайра.

Дар интиҳо метавон чунин нуқтаҳоро ҳамчун хулосаи боби мазкур ишора намуд:

1. Оила омили асосӣ ва ивазнашавандаи ташаккули шахсияти наврас мебошад.
2. Дар давраи наврасӣ муҳит, вазъи оилавӣ ва шавқу ҳавасҳо хусусияти амалисозии оянда, дарки дурнамои ҳаёти хеш ва ниятҳои касбии шахсияти наврасро муайян мекунанд.
3. Қатъи ақди никоҳи волидон дар тамоми ҳаёти ояндаи наврас, инчунин дар ҳолати психологию эмотсионалии ӯ осори ҷуброннопазир мегузорад.
4. Наврасоне, ки талоқи волидайни худро аз сар гузаронидаанд, бештар рафтори девиантиро (истифодаи маводи мухаддир ва машрубот, тамокукашӣ ва худкушӣ) зоҳир мекунанд.

# БОБИ 2. ТАВСИФИ МЕТОДҲОИ ОЗМОИШӢ ВА ТАШКИЛ КАРДАНИ ТАҲҚИҚОТ

## 2.1. Тавсифи гурӯҳчини таҳқиқот

Дар зербоби мазкур тавсифи гурӯҳчини таҳқиқот ва методҳои таҳқиқотӣ ки дар қисмати амалии кор истифода гардидаанд, оварда шудаанд.

Мақсади таҳқиқоти мо аз омӯзиши таъсири талоқ ба ҳолати эмотсионалии наврасон иборат аст. Дар мувофиқа бо мақсади таҳқиқот озмудашавандагони моро наврасони 14-15 – сола аз оилаҳои нопурра, ки аз ҷониби модарони танҳо тарбия меёбанд, ҳамзамон, наврасони оилаҳои пурра ташкил медиҳанд. Предмети таҳқиқотро бошад, ҳолатҳои эмотсионалии наврасон аз оилаҳои нопурра ва таъсири талоқ ба онҳо ташкил медиҳад.

Масъалаҳои асосие, ки дар рисола мо ба он ҷавоб гардонидем, чунин буданд:

1. Ошкор кардани ҳолатҳои эмотсионалии наврасон дар оилаҳои нопурра.
2. Муайян намудани фарқияти гендерии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасони оилаҳои қатъи ақди никоҳкарда.
3. Таҳлили тафриқавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон аз оилаҳои пурра ва нопурра.

Ҷиҳати омӯзиши наврасони дар оилаи нопурра ва аз ҷониби модари танҳо тарбияёбанда ва наврасони оилаҳои пурра бо мақсади ошкор намудани таъсири талоқ ба ҳолатҳои эмотсионалии онҳо 2 гурӯҳи озмудашавандагон ташкил карда шуд (гурӯҳи асосӣ ва назоратӣ).

Озмудашавандагони мо, ки наврасон ва зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар онҳо (наврасон)-ро ташкил медиҳад, мухтасаран дида мебароем.

Давраи наврасӣ марҳилаи буҳронии инкишоёбии психикӣ ба шумор меравад. Гузариши тезутунди психикӣ сабаби аз ҳад зиёд шудани

мушкилоту зиддиятҳо мегардад. Аз нуқтаи назари физиологияи синнусолӣ марҳилаҳои бухрониро ҳамчун вайроншавии ҷараёни инкишофи муътадил ва дар психология бошад, ин аломат ҳамчун ҳиссиёти зиёди кӯдак ба ташаккули таъсиррасонӣ дида баромада мешавад. Марҳилаҳои бухронӣ нисбат ба марҳилаи муътадил дар муддати кӯтоҳ метавонад дигаргуниҳои қатъиро дар инкишофи шахсият ба вуҷуд орад. Чи тавре ки маълум аст, навовариҳои психологии ин синну сол инкишофи бошуурона маҳсуб меёбад [43, с. 83]. Нишондиҳандаи асосии худогоҳии наврас, ҳисси калонсолӣ мебошад. Ҳамин тариқ, наврас худро дар зинаи калонсолӣ гузошта, дар муносибатҳои онҳо шарик будан мехоҳад.

Зимнан, тағйиротҳои муҳимми физиологӣ, психологӣ, ақлӣ, маънавӣ ва инчунин иҷтимоӣ дар ниҳоду сиришти наврасон ба вуҷуд меоянд. Ин тағйиротҳо пеш аз ҳама дар балоғати ҷинсии духтарон ва писарон ба вуҷуд меоянд. Дар баъзе минтақаҳо ибтидои балоғати ҷинсӣ дар духтарон дар синни 11-12 – солагӣ ва писарон дар синни 12-13 – солагӣ мегузарад. Лекин дар дигар минтақаҳо бошад, балоғати ҷинсии духтарон дар синни 13-14 – солагӣ ва писарон дар синни 15-16 – солагӣ мегузарад. Давраи гузариш тӯлонӣ буда, дар духтарон то синни 19 – солагӣ ва дар писарон то синни 21 – солагӣ давом ёфта метавонад.

Бо ибораи дигар, «Дар ин синну сол организми наврасон бо суръати тез ва номутаносиб инкишоф меёбад. Аз як тараф, ҳаҷми бадан, қадкашӣ, аппаратҳои мушакӣ такмил меёбад ва рафти ба устухон мубаддалшавии скелет давом мекунад, ҳаҷми дил ва дигар узвҳои дохилӣ бо суръати тез инкишоф меёбанд. Вале инкишофи сандуқи қафаси сина, устухони кос нисбат ба дигар узвҳо қафо мемонанд. Бинобар ин, инкишофи номутаносиби узвҳо ва ҳуҷайраҳои асаб ба фаъолияти дил бетаъсир намемонанд. Ҳаҷми дил нисбат ба ҳаҷми диаметри рагҳои хунгард тезтар инкишоф меёбад ва ин боиси вайроншавии фаъолияти системаи дилу раг шуда, дар шакли дилзанӣ, баландшавии фишори хун,

дарди сар, сарчархзанӣ, тез мондашавӣ ва ғайра ифода меёбад» [1-М, с.90].

Тағйиротҳои куллии биологие, ки дар синнусоли наврасӣ ба вуҷуд меоянд, дар узвҳои дохилӣ, яъне ғадудҳои секрессияи дарунӣ, аз ҷумла ғадудҳои сипаршакл ва ғадудҳои таносули ҷинсӣ ба амал омада, мубодилаи моддаҳоро ба вуҷуд меоранд. Азбаски системаи эндокринӣ ва системаи асаб бо ҳам алоқаманд аст, вай аз як тараф ба баландшавии пуравҷи қувва мусоидат мекунад ва аз тарафи дигар баландшавии ҳассосият ба таъсиротҳои патогенӣ мушоҳида мешавад. Бинобар ин, мондашавии фикрию ҷисмонӣ, дуру дароз ба асаб фишор овардан, сар задани ҳолатҳои аффективӣ ва аз сар гузаронидани ҳолатҳои эмотсионалӣ (масалан, тарс, агрессия, ҳисси ранҷурӣ, таҳқир ва ғайра) боиси вайроншавии системаи эндокринӣ аз ҷумла дар духтарон дар вақти муайян боздории ҳайз) ва вайроншавии вазифаи системаи асаб (баландшавии ҳаяҷоннокӣ, ҳолатҳои эмотсионалӣ, мондашавӣ, беҳавсалагӣ, сустшавии механизмҳои нигоҳдоранда, парешонфикрӣ, пастшавии фаъолияти меҳнатӣ, вайроншавии реҷаи хоб) шуда метавонад. Инчунин тағйиротҳои биологӣ аз он сабаб руй медиҳанд, ки дар духтарон то саршавии ҳайз ва ё дар ҳолати амали ҳайз асабонишавӣ, тезбахашмоӣ, ҳаяҷоннокӣ, пастшавии иштиҳо, дилсардӣ, ноумедӣ ва дигар ҳолатҳои эмотсионалӣ мушоҳида карда мешавад [60, с.183].

Илова бар ин, балоғати ҷинсӣ ва тағйиротҳои куллии биологие, ки дар организми наврасон ба вуҷуд меоянд ба фаъолияти системаи асаби онҳо таъсир бахшида, боиси инҷиқӣ, зудранҷӣ, тундмизоҷӣ ва дағалии онҳо мегардад. Масалан, дар зери таъсири ангезандаҳои гуногун ҳолати эмотсионалии наврасон яку якбора хира шуда, дар онҳо эмотсияҳои ғамгинӣ, бетафовутӣ нисбат ба ҳодисаҳои гирду атроф, парешонфикрӣ, беташаббусӣ, мутаассиршавандагӣ, ҳаяҷоннокӣ, вайронкориҳои қоидаҳои ахлоқӣ ва ғайраҳо ба вуҷуд меоянд. Аз ин нигоҳ чунин

ҳолатҳои эмотсионалии наврасонро дар рафти кори таълиму тарбия ба ҳисоб гирифтан зарур аст.

***Усулҳои интихоби озмудашавандагон.*** Бо наврасон анкетаҳои муаллифӣ қаблан гузаронида шуд. Истифодаи анкетаҳои мазкур ҷиҳати муайян намудани муносибати падару модар, давраи ҷудошавӣ ва аъзои оилаи наврасонро имкон фароҳам овард.

Ба сифати меъёри таҳқиқоти интихоби наврасон баромад намуданд:

1. Синну соли наврасон (14-15 – сола) ва таҳсил дар мактаб.
2. Ба гурӯҳи асосӣ ба сифати меъёрҳо баромад мекард:

– ҷудошавии волидайн то 5 солро ташкил медод;

– тарбияи наврас аз ҷониби модари танҳо;

– таҳсил дар мактаб.

Гурӯҳи назоратиро наврасони дар оилаҳои пурра бавоярасанда ташкил медоданд.

Дар таҳқиқот 161 озмудашаванда иштирок доштанд. Наврасон зери омӯзиш ва таҳқиқи психологӣ карор гирифтанд. Ҳолатҳои психоэмотсионалии наврасон дар шароити гурӯҳӣ ва машғулиятҳои таълимӣ ошкор гардиданд. Ҳамзамон, маълумоти мушоҳидаи дарозмуддати рафтори наврасон дар машғулиятҳои гурӯҳӣ дар доираи барномаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умимии ш. Душанбе гузаронида шуд.

***Тавсифи гурӯҳчинии таҳқиқот.***

Гурӯҳи асосӣ:

– наврасони 14-15 сола, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳсил мекунанд;

– аз ҷониби модари танҳо тарбия мегиранд;

– волидайн расман ҷудо шудаанд;

– муддати ҷудошавии волидон то 5 солро дар мегирад.

Гурӯҳи назоратӣ:

– наврасони 14-15 – сола;

– тарбия дар оилаи пурра (падару модар якҷоя зиндагӣ мекунанд);

– дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳсил мекунанд (нигаред ба ҷадвали №1).

**Ҷадвали №1. Таснифи наврасон ба гурӯҳҳо аз рӯйи ҷинс**

| ГУРӮҲ | ҶИНС | |
|---|---|---|
| | НАВРАСПИСАРОН | НАВРАСДУХТАРОН |
| Асосӣ | 42 | 34 |
| Назоратӣ | 30 | 29 |

Тақсимоти наврасон аз рӯйи ҷинс дар ҷадвали №2 нишон дода шудааст. Ҳамзамон, дар гурӯҳи асосӣ дар маҷмуъ 76 наврас дар таҳқиқот иштирок намуд. Дар гурӯҳи назоратӣ бошад, дар маҷмуъ 59 наврас иштирок дошт. Гурӯҳбандии наврасон аз рӯйи синну сол дар ҷадвали №2 оварда шудааст.

**Ҷадвали №2. Тақсимоти наврасон ба гурӯҳҳо аз рӯйи синнусол**

| СИННУ-СОЛ | ГУРӮҲ | | | |
|---|---|---|---|---|
| | АСОСӢ | | НАЗОРАТӢ | |
| | Писарон | Духтарон | Писарон | Духтарон |
| 14 сола | 33 | 26 | 20 | 22 |
| 15 сола | 9 | 8 | 10 | 7 |

Бештари наврасони дар таҳқиқоти мо иштироккарда 14-сола буданд (нигаред ба ҷадвали №2).

Ҳайати оилаи ҷудошуда чунин буд:

– 92% модарони танҳо ва наврасон;

– 8% модар, 2 фарзанд ва хешу таборон (модаркалону падаркалон).

Ҳайати оилаи пурра:

– 88% зану шавҳари дорои 1 фарзанд;

– 12% зану шавҳар, 2 фарзанд ва бобою бибӣ.

Аз рӯйи анкетаи гузаронидаи мо нисбати модарон низ маълумот ба даст оварда шуданд ва барои боз ҳам амиқтар ва равшантар намудани мақсади таҳқиқот имкони мусоидро фароҳам овард. Дар ин росто, модарон низ ба ду гурӯҳ – асосию назоратӣ ҷудо карда шуданд. Модарони гурӯҳи асосӣ модароне мебошанд, ки аз шавҳарашон ҷудо шудаанд ва 5 сол мешавад, ки кӯдакро танҳо тарбия карда истодаанд.

Шумораи умумии ин гуна модарон 26 нафарро ташкил медиҳад. Синну соли миёнаи онҳо 36,2 солро дар бар мегирад. Таҷрибаи оиладории онҳо то ҷудошавӣ бошад ба ҳисоби миёна 9,7 солро дар бар мегирад. Шумораи кӯдакон дар оила: аз 1 то 2 фарзанд дар оила (ҷадвали №3).

***Ҷадвали №3. Ҳайати оилаи нопурра***

| **АЪЗОИ ОИЛА** | **Шумора бо фоиз (%)** |
|---|---|
| Модари танҳо ва 1 фарзанд | 6 |
| Модари танҳо, 1 фарзанд ва бобову бибӣ | 8 |
| Модари танҳо, 2 ва зиёда аз он фарзанд ва бобову бибӣ | 86 |

Чуноне ки аз ҷадвали №3 дидан мумкин аст, модарони танҳои оилаи нопурра, ки мустақилона 2 ва зиёда аз он кӯдакро тарбия мекунанд, фисади зиёдро, яъне 86%-ро ташкил медиҳанд. Дараҷаи маълумотнокии онҳо чунин аст:

– 42% онҳо маълумоти олӣ ва ё олии нопурарo доранд;

– 48% - маълумоти миёна ва миёнаи махсус;

– 10% - маълумоти миёна.

Мавқеи иҷтимоию иқтисодии худро 80% фисади занҳо ҳамчун ҳадди ақали иҷтимоӣ ва 20% ҳамчун зинаи камбизоатӣ ба таври субъективӣ худро баҳогузорӣ мекунанд. Аз рӯйи мавқеи касбӣ бошад, 71% корманд, 29% аз рӯйи ихтисос кор мекунанд.

Гурӯҳи назоратӣ (модарон) – модарони наврасони таҳқиқшуда аз оилаҳои мукаммал (ҷадвали №4) ташкил медиҳанд. Шумораи умумии занон – 26 нафар буда, синну соли миёнаашон ба 36,9 сол баробар аст. Давомнокии миёнаи издивоҷ 9,3 солро ташкил дод. Шумораи кӯдакон дар оилаҳо: аз 1 то 2 нафар.

***Ҷадвали №4. Ҳайати оилаи пурра***

| **АЪЗОИ ОИЛА** | % |
|---|---|
| Падар, модар ва 1 фарзанд | 11 |
| Падар, модар, 1 фарзанд ва бобову бибӣ | 11 |
| Падар, модар, 2 ва зиёда фарзанд ва бобову бибӣ | 78 |

Аксарияти оилаҳои пурра (78%) (нигаред ба ҷадвали №4) дар гурӯҳи назоратӣ зану шавҳари дорои 2 ва зиёда аз он фарзанд доранд. Вазъи иҷтимоии модарон дар оилаҳои пурра чунин аст.

Маълумот:

– 74 фоизи занон маълумоти олӣ ва ё олии нопурра доранд;

– 21 фоиз маълумоти миёна ва миёнаи махсус;

– 5 фоиз маълумоти миёна.

Аз нигоҳи субъективӣ, 87% занони гурӯҳи назоратӣ мақоми иҷтимоию иқтисодии худро ҳамчун ҳадди ақали иҷтимоӣ ва 13% онҳо бошанд, сатҳи камбизоатиро ҳис мекунанд. Аз рӯйи мавқеи касбӣ, 89% коргарон, 11% занҳо аз рӯйи ихтисоси худ кор мекунанд.

Таҳлили коррелятсионӣ ҷиҳати таҳлили тафриқавии гурӯҳи наврасон аз рӯйи ҷинс ва типи оила ташкил ва баргузор гардид. Гурӯҳи якум навраписарони оилаи нопурра ва гурӯҳи дуюмро бошад, навраписарон аз олаҳои пурра ташкил доданд. Гурӯҳи сеюм ин наврасдухатрони оилаи нопурра ва гурӯҳи чорум – наврасдухтарони оилаҳои пурра. Барои омӯзиши алоқаи байниҳамии онҳо, яъне алоқаи байниҳамии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар гурӯҳҳои номбаргардида коэффитсиенти коррелятсияи Пирсон истифода гардид. Аҳаммияти омории коэффитсиенти коррелятсия ҳангоми p<0,01 ва p<0,05 дида баромад шуд. Ҷиҳати таҳқиқи алоқамандиҳо дар маҷмуъ 35 аломатҳо барои 4 гурӯҳ дар боло ишорагардида ва ду аломатҳои иловагӣ барои гурӯҳҳои якуму сеюм интихоб гардид.

Дар таҳлили коррелятсионӣ чунин ҷанбаҳо ба инобат гирифта шуданд:

***Ҷадвали №5. Ҳолатҳои эмотсионалии таҳқиқшуда дар наврасони зери таъсири талоқ қарордошта***

| № | Ҳолатҳои эмотсионалӣ |
|---|---|
| 1. | агрессияи ҷисмонӣ; |
| 2. | агрессияи бавосита; |
| 3. | мутаассиршавандагӣ; |
| 4. | негативизм; |
| 5. | ранҷуршавандагӣ; |

| | |
|---|---|
| | **Идомаи ҷадвали 5.** |
| 6. | шубҳанокӣ; |
| 7. | агрессияи шифоҳӣ; |
| 8. | ҳисси гунаҳкорӣ; |
| 9. | шохиси хусуматомезӣ; |
| 10. | шохиси агрессивнокӣ; |
| 11. | вокунишҳои монеагӣ-ҳукмфармоӣ (O-D); |
| 12. | типи вокуниши Вай-ҳимоявӣ (E-D); |
| 13. | типи вокуниши талабӣ-устуворӣ (N-P); |
| 14. | экстрапунитивнокӣ (E); |
| 15. | интрапунитивнокӣ (I); |
| 16. | импунитивнокӣ (M); |
| 17. | нишондиҳандаи CGR; |
| 18. | изтироби умумӣ дар мактаб; |
| 19. | азсаргузаронии стресси иҷтимоӣ; |
| 20. | фрустатсия дар комёбрасӣ; |
| 21. | тарс аз худзоҳирнамоӣ; |
| 22. | тарс аз вазъияти санҷиши донишҳо; |
| 23. | тарс аз оне, ки бо интизориҳои атрофиён мувофиқ наомадан; |
| 24. | муқобилияти физиологии паст ба стресс; |
| 25. | мушкилот ва тарсҳо дар муносибат бо омӯзгорон; |
| 26. | фрустатсия (ноумедӣ); |
| 27. | умед доштан; |
| 28. | шавқу ҳаваси мусбат аз ҷониби модар; |
| 29. | роҳнамоӣ аз ҷониби модар; |
| 30. | хусумат аз ҷониби модар; |
| 31. | автономнокӣ (мустақилӣ) дар рафтори модар; |
| 32. | нопайдарпайӣ дар рафтори модар; |
| 33. | давраи мувақатии ҷудошавӣ; |
| 34. | шумораи кӯдакон дар оилаи ҷудошуда; |
| 35. | устувории эмотсионалӣ. |

Ҳангоми коркарди маълумотҳои таҳқиқотӣ таҳлили омилҳо бо истифода аз методи ҷанбаи асосӣ истифода шудааст, ки ҳадафи он муайян кардани сохтори ҳолатҳои эмотсионалии наврасон дар оилаҳои пурра ва нопурра ба шумор меравад. Ҳамзамон, ошкор кардани муносибатҳои байни тағйирёбандаҳо ҷиҳати арзёбии умқи таъсири ин ё он омил ба ҳолати эмотсионалии наврасон дар гурӯҳҳои гуногун мебошад. Дар натиҷа, омилҳои умумӣ ва сарбории омилҳо ба даст оварда шуданд ва мувофиқи он омилҳо шарҳ дода шуданд. Барнома барои зергурӯҳҳои махсус, наврасписарону наврасдухтарони гурӯҳҳои асосӣ ва назоратӣ дар алоҳидагӣ гузаронида шуд.

Барои гурӯҳи асосии наврасписарон тағйирёбандаҳои зерин мавриди таҳлили омилӣ қарор гирифтанд:

– «роҳнамоӣ ва нопайдарпайии модари танҳо дар тарбия»;

– «азсаргузаронии стресси иҷтимоӣ»;

– «тарс аз худзоҳирнамоӣ»;

– «тарс аз мувофиқат накардан ба интизориҳои атрофиён»;

– «муқовимати пасти физиологӣ ба стресс»;

– «хашмгинӣ»;

– «агрессияи шифоҳӣ»;

– "Типи вокунишҳои ҳимоявии ВАЙ (E-D)";

– "GCR (рафтори стандартӣ дар ҳолатҳои стрессӣ)";

– "ҳисси ноумедӣ ба ояндаи худ";

– «давраи дарозмуддати ҷудошавии падару модар».

Барои наврасписарони гурӯҳи назоратӣ чунин тағйиротҳо хос баромаданд:

– роҳнамоӣ ва рафтори нопайдарпайии модар дар тарбияи кӯдак;

– азсаргузаронии стресси иҷтимоӣ;

– тарс аз худзоҳирнамоӣ;

– тарс аз мувофиқат накардан бо интизориҳои атрофиён;

– муқовимати пасти физиологӣ ба стресс;

– ранҷуршавандагӣ, агрессияи ҷисмонӣ;

– типи вокуниши муҳофизатии ВАЙ (E-D);

– «GCR» - рафтори стандартӣ дар вазъиятҳои стрессӣ;

– ҳисси ноумедӣ.

Ҳамзамон, дар наврасон чунин усулҳои асосии тарбиявии волидайн ва муносибати наврасон ба он мавриди омӯзиш қарор дода шуд ва онро тариқи ҷадвал ишора мекунем.

***Ҷадвали №6. Усулҳои асосии тарбияи волидайн ва муносибати наврасон***

| ШКАЛА | БАҲОГУЗОРИИ МОДАР АЗ ҶОНИБИ НАВРАСПИСАР | БАҲОГУЗОРИИ МОДАР АЗ ҶОНИБИ НАВРАСДУХТАР |
|---|---|---|
| **ШАВҚУ ҲАВАС** | Пеш аз ҳама, наврасписарон қабули психологии модари худро дар муносибати | Муносибати мусбат нисбат ба духтар аз |

| | | |
|---|---|---|
| | | **Идомаи ҷадвали 6.** |
| **ҲОИ МУСБАТ** | нисбатан танқидӣ мебинанд. Наврасон аксар вақт эҳтиёҷ ба кумак ва дастгирии модарро эҳсос мекунанд, дар аксари мавридҳо фикри ӯро қабул мекунанд ва майли бо ӯ розӣ шуданро доранд. Чунин шаклхои рафтор, ба монанди ҳукмфармоӣ, шубҳанокӣ, тамоюл ба сарварӣ инкор карда мешаванд. Дар баробари ин, наврасписарон аз модари худ конформизми аз ҳад зиёдро ҳатто то тамоюли "бо дигарон рафтан»-ро интизор намешаванд. Танҳо рафтори салоҳиятдор, тарзи дӯстона муоширaт ва алоқаҳои муқаррарии эмотсионалӣ барои наврас кофӣ нест ва он таваҷҷуҳи мусбатро дода наметавонад. | модар, дар асоси қабули психологӣ, аз ҷониби духтарони наврас ҳамчун муносибат нисбат ба кӯдаки хурдсоле тавсиф карда мешавад, ки пайваста ба таваҷҷуҳ, ғамхорӣ, кумак ниёз дорад. Чунин модарон аксар вақт аз як сӯ, дар мавриди ихтилоф ва ё ягон мушкилӣ кумак пурсидани духтарони худро қабул мекунад ва сӯи дигар бошад, мустақилияти онҳоро маҳдуд месозанд.<br>Дар баробари ин, духтарон ба омили дилсӯзӣ аҳаммият медиҳанд, хусусан, ҳангоме ки модар барои қонеъ кардани ҳар гуна хоҳиши духтар талош мекунад. |
| **ХУСУ МАТ** | Хусумати модар дар муносибат бо наврасписараш дар агрессивнокӣ ва сахтгирии аз ҳад зиёд дар муносибатҳои байнишахсӣ зоҳир мешавад. Таваҷҷуҳи модар танҳо ба худаш, худписандӣ ва худисботнамоии аз ҳад зиёд, чун қоида, қабули наврасро истисно мекунад. Ӯро пеш аз ҳама ҳамчун рақиб меҳисобанд, ки барои исботи аҳаммияти худ бояд саркӯб карда шавад. Ҳамин тариқ, сардии эмотсионалӣ нисбат ба наврас пинҳон шуда, аксар вақт ҳамчун худдорӣ, хоксорӣ, риояи одоб ва ҳатто тобеият ба ӯ зоҳир мегардад. Дар баробари ин, метавонад шубҳанокӣ, майл ба танқиди аз ҳад зиёди писар ва дигарон, ки ҳадафи он паст задани писар дар назди атрофиён мехобад, ишора намуд. Ҳамзамон, фаъолияти мусбат ва масъулият барои тақдири писар пайваста (асосан шифоҳӣ) зоҳир мегардад. | Хусумати модарро наврасдухтарон ҳамчун муносибати шубҳанок ба муҳити оила ва дурӣ нисбат ба аъзои он (хусусан нисбати наврасон) тавсиф мекунанд. Рафтори шубҳанок ва рад кардани меъёрҳои иҷтимоӣ одатан онҳоро водор мекунад, ки худро ҷудо кунанд ва худро аз дигарон болотар гузоранд. |

| Идомаи ҷадвали 6. | | |
|---|---|---|
| **АВТОНОМӢ (МУХТОРИЯТ)** | Автономии модар ҳамчун диктатор, ки бояд ҳама тобеи ӯ бошанд фаҳмида мешаванд. Ҳамзамон, модар наврасро ҳамчун шахси дорои ҳиссиёту андешаҳову талаботи худ аст, қабул надорад. Гарчанде рафтори авторитарии модар ки дар асоси боварӣ ва эҳтиром ва ҳамзамон, шаклҳои қабули сахтгирӣ асос ёфтааст, маълум мегардад, ки ба модарони автономи дар муносибат бо наврасписарон хос нест. Ҳамчунин, ба гуфтаи писарон, на дилбастагии эмотсионалӣ ва на услуби муошират дӯстона наметавонад ба ҷудо шудан ва ҷалб нашудани модар ба кори писари худ алоқамандӣ дошта бошад. | Мухторияти модарон ҳама гуна вобастагӣ аз кӯдак, аҳвол ё талаботҳои ӯро истисно мекунад. Ҳар гуна ғамхорӣ ва парасторӣ нисбат ба духтарон низ рад карда мешавад. Ин гуна модаронро наврасон хушмуомила ва серталаб арзёбӣ мекунанд. Онҳо амалан наврасонро руҳбаланд намекунанд, нисбатан кам ва таъкид медиҳанд ва одатан ба тарбия диққат намедиҳанд. |
| **НОПАЙ ДАР ПАЙӢ (НОМУ ТОБИҚАТӢ)** | Хати нопайдарпайии тарбиявие, ки аз ҷониби модар гузошта шуд, наврасон ҳамчун як навъ ивазшавии (вобаста ба дараҷаи аҳамияти иттилоотӣ) чунин тамоюлҳои психологӣ ба монанди бартарии кувва ва шӯҳратпарастӣ ва итоаткорӣ (дар шаклҳои мутобиқшуда) нозукӣ ва фавқулалтруизм ва шубҳаи нобоварона баҳогузорӣ мегардад. | Носозгории (нопайдарпайии) амалияи тарбиявии модар аз тарафи наврасдухтар ҳамчун тағйироти шадиди услуб ва усулҳое фаҳмида мешавад, яъне гузариш аз хеле сахтгирона ба либералӣ ва баръакс, гузариш аз қабули психологии духтар ба радкунии эмотсионалӣ ӯ (наврасдухтар) мебошад. |
| **ДИРЕКТИВӢ** | Ба гардани модар хисси гунаҳгорӣ бор карда, изҳорот ва пандҳои доимии ӯ, ки «модар барои писараш ҳама чизро қурбон мекунад», барои ҳар коре, ки фарзанд кардаасту мекунаду карда буд, модар масъулияти комилро ба дӯши худ мегирад. Чунин ба назар мерасад, ки модар вобастагии ибтидоии мақоми худ ва арзёбии дигаронро аз мувофиқати писараш ба "кӯдаки намунавӣ" тасдиқ мекунад ва ба ин васила имкони дигар худзоҳирнамоиҳ оро истисно мекунад. Модар кӯшиш мекунад, ки рафтори бади писарашро боздорад. | Назорати қатъии модарон, майли ба осонӣ истифода бурдани қудрат дар асоси шуҳратпарастӣ, танқиди изҳори андешаи духтар мушоҳида мешавад. Модарон бештар ба сахтгирӣ ва ҷазо такя мекунанд. |

## 2.2. Тавсифи методҳои дар таҳқиқот истифодашуда

Барои ноил шудан ба ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда мо методҳои зеринро мавриди истифода қарор додем, ки ба мақсадҳои гузошташуда мувофиқ мебошанд:

1. Методи суҳбати психологӣ.

2. Методи мушоҳидаи психологӣ.

3. Анкета. Анкетаи таҳиянамудаи мо аз 1 саҳифа иборат буда, 10 саволро дар бар мегирад ва барои гирифтани маълумот дар бораи наврас нигаронида шудааст.

4. Ташхиси психологӣ бо истифода аз методҳои зерин сурат гирифт:

– саволномаи агрессияи Басс-Дарки;

– методикаи проективии С. Розенсвейг;

– методикаи шкалаи ноумедии Бек;

– тести изтироби мактабии Филлипс;

– ташхиси системаи муносибатҳо дар оила аз нигоҳи наврас (Саволномаи «Наврасон дар бораи волидон»).

5. Методи баҳодиҳии экспертӣ (дар таҳқиқот 7 нафар омӯзгорон – роҳбарони синфҳо ба сифати коршинос иштирок намуданд). Баҳогузории экспертӣ аз рӯйи ҷадвали махсуси тартибдодаи мо амалӣ гардид.

6. Бастаи барномаи оморӣ-компютерии SPSS.

Методҳои мазкурро дар алоҳидагӣ ба таври муфассал дида мебароем.

***Саволномаи «Рафтори волидайн ва муносибати наврасон ба он».***

Саволномаи мазкур соли 1965 аз ҷониби Е.С. Шефер таҳия шудааст. Ин саволнома мақсадгузорӣ, рафтор ва усулҳои тарбияи волидайн, ҳамзамон, инъикоси хусусиятҳои гуфташуда аз ҷониби наврасонро низ меомӯзад. Ба андешаи Е.С. Шефер методикаи мазкур ба

ҳамтаъсиррасониҳои тарбиявии волидайнро (аз нигоҳи кӯдакон) дар асоси се омилҳои тағйирёбандаи зерин тавсиф менамояд:

– қабулкунӣ – радкунии эмотсионалӣ;

– назорати психологӣ – автономияи психологӣ;

– назорати пинҳонӣ – назорати ошкоро.

Дар ин робита, бояд зикр намуд, ки қабул кардан ҳамчун муносибати мусбат ба кӯдак дар назар дошта мешавад. Аммо, радкунии эмотсионалӣ бошад, ҳамчун муносибати манфӣ (набудани меҳру муҳаббат ва эҳтиром нисбати кӯдак ва ё надодани онҳо) ва ё ҳамчун хусумат дида баромада мешавад.

Мафҳуми назорати психологӣ ҳамчун фишори муайян ва идоракунии дидаю дониста нисбати кӯдакон ва ҳамзамон ҳамчун дараҷаи пайдарпайӣ дар амалинамоии принсипҳои тарбиявӣ маънидод мегардад.

Саволномаи мазкур дар Иттиҳоди Шуравӣ ҳам модификатсия ва ҳам мутобиқ карда шудааст. Корҳои мазкур дар соли 1983 аз ҷониби муҳаққиқони шуравӣ З. Матейчик ва П. Ржичан амалӣ гардиданд.

**Методи «суҳбати психологӣ».** Суҳбат ин методи фаъоли ба даст овардани маълумотҳои зарурӣ дар асоси нутқи шифоҳӣ ба ҳисоб меравад ва ин намуди метод дар саволҳои шифоҳӣ асос ёфта, яке аз маҳсулноктарин метод мебошад [50, с.67]. Методи суҳбат ҳангоми мушоҳида дар маҷмуъ натиҷабахш мебошанд. Пеш аз оғози суҳбат аз аҳволи наврас пурсон шудан лозим аст ва ба он ҷанбаҳо эътибор додан зарур аст, ки ба натиҷаҳои ташхис таъсир расонида метавонанд: бехобии шабона, сарбории аз ҳад зиёди таълимӣ, кадом як ҳаяҷони пурқувват ва ғайра.

Суҳбат бо наврасон бояд фаъол ва дар шакли пурсиши мақсаднок баргузор гардад. Набояд бо муқаррар кардани далелҳо маҳдуд шуд, зарур аст, ки ин далелҳо бо мисолҳо исбот карда шаванд. Муваффақияти суҳбат аз бисёр ҷиҳат аз маҳорати психолог дар барқарор намудани

муносибати боваринок бо назардошти синну соли наврасӣ вобастагӣ дорад. Психолог набояд ҷавобҳоро ба озмудашаванда талқин намояд ва он набояд имтиҳонро ба хотир оварад.

***Нақшаи намунавии суҳбат:***

***Маълумоти анкетавӣ.*** Насаб, ном, номи падар, соли таваллуд, маълумот, ҷойи истиқомати доимӣ ва ҳозираи наврасон муайян мегарданд.

***Анамнез.*** Фаъолияти падару модар, аъзоён ва вазъияти моддии оила. Хусусиятҳои фаъолияти таълимӣ (пешрафт, интизом, низоми омодагӣ ба дарсҳо). Машғулиятҳои варзишӣ (кай ва дар кадом синну сол оғоз кардааст, ба кадом намуди варзиш машғул шудааст, чанд муддат мунтазам шуғл варзидааст, ба кадом намудҳои варзиш махсусан шавқ дорад; иштирок дар мусобиқаҳо, ба кадом натиҷаҳо ноил гардидааст; намудҳои хоси варзиш ва бозиҳоро оё ба осонӣ аз худ кардааст). Истеъмоли маводҳои спиртӣ, тамоку ва вокуниши организм ба онҳо.

***Хусусиятҳои умумии шахс.*** Майлу рағбатҳо (мусиқӣ, театр, варзиш, мутолиаи адабиёти бадеӣ ва илмӣ), шавқу ҳавас ба фанҳои назариявӣ: математика, физика, таърих; шавқу ҳавас ба корҳои ҷамъиятӣ, дигар намудҳои фаъолият. Нисбати чӣ шавқу ҳаваси равшан ифодаёфтаро зоҳир менамояд. Дар вақти холӣ бештар ба чӣ машғул мешавад. Ҳангоми истироҳат ба чӣ машғул шуданро афзалтар медонад: шуғли талабкунандаи фаъолияти фикрӣ (масалан: шоҳмот, ҳалли кроссворд) ё шуғли намуди дигар. Ба техника ҳавас дорад ва оё чизеро таъмир карданро дӯст медорад.

***Хусусиятҳои фардӣ-психологӣ.*** Оё аз як намуди кор (машғулият) ба дигараш ба осонӣ мегузарад ва ё чунин гузариш бо душворӣ ба амал меояд. Ташаббус ва эҷодкорӣ нишон медиҳад ё кор карданро аз рӯйи намунаи муқарраршуда афзалтар медонад. Пеш аз маърузаҳо, баромадҳо, имтиҳонҳо ба ҳаяҷон меояд; чунин ҳаяҷонҳо дурудароз давом мекунанд ва ё зудгузаранда, пурқувватанд ё сустифодаёфта. Оромии зоҳирӣ ва қатъиятро нигоҳ дошта метавонад. Хобравӣ ва

бедоршавӣ тадриҷӣ аст ва ё зуд; пас аз хоб оё худро бардам ҳис менамояд.

***Мушоҳида дар раванди суҳбат.*** Ҳангоми воридшавии наврас ба тарзи роҳгардӣ, ифодаи чеҳра, мимикаи ӯ аҳаммият медиҳад. Дар раванди суҳбат зуҳуроти хоси рафтори наврасро, ки хусусиятҳои характер, соҳаи эмотсионалӣ-иродавӣ ва фаъолияти маърифатӣ (диққат, тафаккур, хушзеҳнӣ ва ғ.)-и ӯро ифода мекунанд, ба инобат гирифта шаванд. Муайян кардан лозим аст, ки оё наврас ба осонӣ ба суҳбат ворид мешавад, ба саволҳо бо мароқ ҷавоб мегӯяд; кӯшиш мекунад пурра ҷавоб гӯяд ё мухтасар; оё барои ҷавоб гирифтан саволро такрор кардан лозим мешавад; ба равонии нутқ, мувофиқӣ ва дақиқии ҷавобҳо, фонди луғавӣ, хусусиятҳои вокунишҳои эмотсионалӣ (худдорӣ, мувозинат) диққат медиҳад; наврас оё худро ором ҳис мекунад ё шиддатнок (басташуда), озод аст ё шармгин; ҳаракатҳояш оромона, эҳтиёткорона ё канда-канда ва номураттабанд; нутқаш бурро, зуд, оҳиста, канда-канда; тобиши эмотсионалии нутқ; мимикаи ифодаёфта, камҳаракат ё сустифодаёфта; ба нуқтаҳои алоҳидаи савол, ба вазъияти атроф аҳаммият медиҳад, саволҳои гузошташударо зуд ва ба хубӣ мефаҳмад; аз ҷавоби як савол ба ҷавоби саволи дигар ба осонӣ мегузарад; оё «дар мондан», тафсилоти барзиёд, ҳозирҷавобӣ, фаросат, зарофатгӯӣ мавҷуд ҳаст; оё сатҳи инкишофи ақл бо дониши бадастовардашуда мувофиқат мекунад.

Мавриди қайд аст, ки «Натиҷаҳои дар асоси суҳбат ва мушоҳида бадастомада дар омӯзиши озмудашавандагон маълумоти муҳим ба шумор меравад ва метавонанд дар таҳқиқи минбаъдаи озмоиши хусусиятҳои фардии соҳаи руҳӣ-психикии озмудашаванда ба сифати маълумоти ёрирасон истифода шаванд» [50, с.67].

***Саволномаи агрессияи Басс-Дарки.*** Методикаи мазкур барои таҳқиқи дараҷаи зуҳуроти навъҳои асосии агрессия ва хусумат дар муносибатҳои байнишахсии оилавӣ, дар раванди таълим, инчунин

ошкор намудани тамоюлҳои деструктивӣ (харобиовар), муносибатҳои субъекту объект, ҳиссиётҳои манфӣ ва арзёбӣ истифода мешавад.

Таҳлили натиҷаҳо ба мо имкон медиҳад, ки зуҳуроти агрессия ва хусуматро аз ҷиҳати сифатӣ ва миқдорӣ тавсиф намоем. Агрессия ҳамчун як хислати шахсият фаҳмида мешавад, ки бо мавҷудияти тамоюлҳои харобиовар, асосан дар соҳаи муносибатҳои субъект-объект тавсиф мегардад. Хусумат ҳамчун вокунише фаҳмида мешавад, ки ҳисси бадбинӣ ва баҳодиҳии манфии одамон ва воқеаҳоро ба вуҷуд меорад.

Саволнома аз 75 изҳорот иборат аст. Ҷавобҳо аз рӯйи 8 шкала баҳогузорӣ карда мешаванд. Муаллифон зуҳуроти агрессия ва хусуматро фарқ карда, дар асоси он 8 намуди вокунишҳоро ҷудо менамоянд, ки онҳо чунинанд [158, с.192]:

1. Агрессияи ҷисмонӣ – ба муқобили одами дигар кор фармудани қувваи ҷисмонӣ.

2. Бавосита – агрессия бавосита ба шахси дигар нигаронида равона шудааст ё не.

3. Мутаассиршавандагӣ – ҳангоми кӯчактарин ҳаяҷон омода будан ба зоҳирнамоии ҳисси манфӣ.

4. Бадбинӣ (негативизм) – як шакли рафтори мухолиф аст, ки аз муқовимати ғайрифаъол то муборизаи фаъол алайҳи урфу одатҳо ва қонунҳои муқарраршуда иборат аст.

5. Раҷуршавандагӣ – ҳасад ва бадбинӣ нисбат ба дигарон барои амалҳои воқеӣ ва хаёлӣ.

6. Шубҳанокӣ – аз нобоварӣ ва то эътиқод ба одамон то ба он дараҷае, ки дигарон тарҳрезӣ намудаанд ва зарар мерасонанд.

7. Агрессияи шифоҳӣ – ифодаи ҳиссиёти манфӣ ҳам дар шакли фарёд, додзанӣ ва ҳам ба воситаи мазмуни ҷавобҳои шифоҳӣ (дашном, таҳдид) мебошад.

8. Ҳисси гунаҳкорӣ – эътиқоди эҳтимолии субъектро дар бораи оне, ки ӯ одами бад аст, кирдори бад дорад.

Шохиси хусумат агрессия низ ҳисоб карда мешаванд.

Шохиси хусумат шкалаҳои 5-уму 6-ум ва шохиси агрессия бошад, дар худ шкалаҳои 1-ум, 3-юм ва 7-умро дар бар мегирад.

***Методикаи ташхиси вокунишҳои фрустратсионии С. Розенствейг.*** Методикаи мазкур бори нахуст соли 1944 аз ҷониби С. Розенствейг бо номи «Методикаи фрустратсияи тасвирӣ» коркард ва пешниҳод карда шудааст. Мавод-водоркунандаи методика дар он ифода меёбад, ки дар ҳар як расм ду ва ё зиёда аз он одам тасвир ёфтаанд, ки кор ва суҳбаташон то ба охир нарасидааст. Нафарони дар расм овардашуда аз рӯйи ҷинс, синну сол ва дигар тавсифдиҳандаҳо метавонанд тафовут дошта бошанд. Умумият барои ҳамаи расмҳои методикаи мазкур – ин дар ҳолати фрустратсионӣ қарор доштани нафари дар расм овардашуда ба шумор меравад.

Ин методика аз 24 расм иборат аст. Вазъиятҳои дар матн овардашударо метавон шартан ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо намуд [75, с.89]:

1. Вазъиятҳои «монеавӣ». Дар ин вазъиятҳо ягон монеа, шахс ё ашё руҳафтода мекунад, бо ягон сухан ё восита монеаи дигарро эҷод мекунад. Ба ин 16 вазъият, яъне расмҳои 1, 3, 4, 6, 8, 9, 11, 12, 14, 15, 18, 20, 22, 23 ва 24 дохил мешаванд.

2. Вазъиятҳои «гунаҳкорӣ». Дар мавриди мазкур субъект ҳамчун объекти гунаҳкор баромад мекунад. Ҳамагӣ 8 вазъиятро дар бар мегирад, ки онҳо расмҳои 2, 5, 7, 10, 16, 17, 19 ва 21 мебошанд.

Дар байни гурӯҳҳои ҷудокардашуда алоқамандӣ дида мешавад, зеро сабаби вазъияти гунаҳкорӣ дар монеа ҷойгир шудааст. Баъзан дар раванди ташхис метавон ба чунин ҳолатҳое вохӯрд, ки озмудашаванда вазъияти гунаҳкориро ҳамчун монеа ё қабул мекунад ва ё баръакси он.

Ҳар як ҷавоб аз рӯйи ду меъёр баҳогузорӣ карда мешавад: самти вокуниш ва типи вокуниш [75, с.90-92].

1. Вокунишҳои э*кстрапунитивӣ* – вокуниш ба муҳити зинда ё беҷон дар шакли таъкид кардани дараҷаи вазъияти фрустратсионӣ ё дар шакли маҳкум кардани омилҳои берунаи фрустратсионӣ равона

карда мешавад ва ё бо ухдадории шахсӣ барои ҳалли вазъияти мазкур иваз карда мешавад.

2. Вокунишҳои и*нтропунитивӣ* – вокуниш аз ҷониби субъект ба худ равона гардидааст, яъне озмудашаванда вазъияти фрустратсиониро ҳамчун вазъияти мусоид барои худ дониста, гуноҳро бар дӯш мегирад ва ё масъулиятро барои ислоҳи вазъити мазкур ба зиммаи худ мегузорад.

3. Вокунишҳои импунитивӣ – яъне вазъияти фрустратсионӣ ҳамчун камэътибор ва ё мавҷуд набудани гуноҳи ягон кас ё ҳамчун чизе ҳисобида мешавад, ки худ аз худ ислоҳ мешавад ва субъект бояд танҳо фикр карда, интизор шавад.

Вокунишҳо, дар навбати худ, аз рӯйи типҳояшон фарқ мекунанд:

1. Вокуниши «бо собит кардани монеа» (дар ҷавоби озмудашаванда монеае, ки боиси ҳолати фрустратсия мегардид, бо ҳар роҳ таъкид ва ё ҳамчун як навъ манфиат ва маънои ҷиддидошта тавсиф дода мешавад.

2. Вокуниши «бо қайд кардани ҳимояи худ» (яъне озмудашаванда худ ва «Ман»-и худро ҳимоя менамояд ё касеро гунаҳгор мекунад ва ё ба гуноҳи худ иқрор аст, ки ҳеҷ кас наметавонад барои ҳолати фрустратсионӣ масъул бошад).

3. Вокуниши «бо қайд кардани қонеъсозии талабот» (амали ҷавобӣ ба ҳалли масъала равона карда шудааст; вокуниш шакли талаб кардани кумакро аз дигарон барои ҳалли масъала мегирад; худи субъект ба ҳалли вазъият саъю кӯшиш мекунад ё чунин мешуморад, ки вақт ва ҷараёнгирии ҳодисаҳо онро ба ислоҳ бурда мерасонанд).

Дар таркиби ин шаш категория нуҳ омили имконпазир ва ду варианти иловагӣ ҷойгиранд.

Ҳарфҳои E, I, M барои нишон додани равияи вокуниш истифода мешаванд [75, с.92]:

E – вокунишҳои экстрапунитивӣ[1]; I – интропунитивӣ[2]; M – импутивӣ.

Типҳои вокунишҳо бо аломатҳои зерин маънидод карда мешаванд. *OD* – «ба қайд гирифтани монеаҳо», ED – «ба қайд гирифтани худҳимоя», *NP* – «ба қайд гирифтани қонеъсозии талабот».

Дар мувофиқа бо ҷадвал усулҳои баҳодиҳии ҷавобҳои озмудашаванда оварда шудаанд. Баҳогузорӣ барои коркарди минбаъда ба варақаи бақайдгирӣ дохил карда мешавад. Он ҳисобкунии нишондиҳандаи GCR [76]-ро дар бар мегирад, ки онро метавон «дараҷаи мутобиқшавии иҷтимоӣ» маънидод намуд.

Нишондиҳандаҳои GCR бо роҳи муқоисаи холҳои субъект бо арзишҳои стандартӣ, ки бо ҳисоби оморӣ ба даст оварда шудаанд, ҳисоб карда мешавад. Вазъиятҳое, ки барои тафриқа истифода мешавад, 14 ҳолатро дар бар мегирад. Агар ҷавоби озмудашаванда бо ҷавоби стандартӣ якхела бошанд, он гоҳ дар тарафи чапи протоколи озмудашаванда аломати «+» гузошта мешавад, вақте ки ба сифати ҷавоби стандартӣ ду намуди ҷавобҳо дода мешавад, дар ин маврид кофӣ аст, ки ҳадди ақал яке аз ҷавобҳои озмудашаванда бо ҷавоби стандартӣ мувофиқат кунад.

Дар ин ҳолат низ ҷавоб бо «+» ишора мегардад. Агар ҷавоби озмудашаванда баҳои дучанда диҳад ва яке аз онҳо ба стандарт ҷавобгӯ бошад, ба он 0,5 хол дода мешавад. Аммо, агар ҷавоб ба ҷавоби стандартӣ мувофиқат накунад, он гоҳ бо аломати «-» ишора мегардад. Ҳар як аломати «ҷамъ» як ва аломати «тарҳ» сифр баҳогузорӣ гардида, холҳо ҷамъбаст карда мешаванд. Сипас, дар асоси

---

[1] Ин як шакли рафторест, ки дар он шахс ҳолатҳои беруна, одамони дигар ё ашёи беҷонро барои нокомӣ, мушкилот ё ноумедӣ айбдор мекунад ва масъулияти худро комилан истисно мекунад.

[2] Ин як тарзи рафторест, ки дар он шахс қувва ва эмотсияҳои манфии худро дар ҳолати стресс ё депрессия (рӯҳафтода) ба худ равона мекунад. Чунин шахс ба худро айбдор кардан, худро гунаҳкор ҳис кардан майл дошта, барои ҳалли мушкилот масъулиятро ба дӯш мегирад, то ин ки дигарон ва ҳолатҳои берунаро сабабгор наҳисобад.

14 ҳолат (ки 100% ҳисоб карда мешавад), фоизи GCR-и озмудашаванда ҳисоб карда мешавад. Қимати миқдории GCR-ро метавон ҳамчун ченаки мутобиқшавии инфиродии субъект ба муҳити иҷтимоии ӯ баррасӣ намуд.

Профилҳо. Дар басомадҳо зуҳуроти ҳар яке аз 9 омили ҳисобкунӣ ба профили мураббаъ ворид карда мешаванд. Дар баробари ин, ҳар як омили ҳисобкунӣ, ки ҷавоб бо он баҳогузорӣ карда шудааст, ҳамчун як хол ҳисоб карда мешавад. Ҳангоми пур кардани 9 катакчаи профилҳо рақамҳо дар сутунҳо ва сатрҳо ҷамъбаст карда мешаванд. Азбаски миқдори ҳолатҳо 24 мебошад, пас баҳои максималӣ барои ҳар як ҳолат 24 буда метавонад ва дар ин асос, фоизи ҳар як ҷамъи холҳо ҳисоб карда мешавад. Таносуби фоизии E, I, M, OD, ED, NP, ки бо ин ҳисоб карда шудааст, хусусиятҳои вокунишҳои ноумедии субъектро, ки дар шакли миқдорӣ ифода ёфтаанд, инъикос мекунад.

***«Тести изтироби мактабии Филлипс».*** Тести мазкур барои омӯзиши дараҷа ва хусусияти изтироби марбут ба мактаб аз 7 то 15 – сола пешбинӣ шудааст [66]. Ин тест аз 58 савол иборат буда, 8 омили изтироби мактабиро муайян мекунад ва онҳо чунинанд:

1. Изтироби умумӣ дар мактаб – ҳолати умумии эмотсионалии наврас бо шаклҳои гуногуни шомилшавии ӯ ба ҳаёти мактабӣ алоқаманд аст.

2. Азсаргузаронии стресси иҷтимоӣ – ҳолати эмотсионалии наврас, ки дар заминаи он робитаҳои иҷтимоии ӯ (пеш аз ҳама бо ҳамсолон) инкишоф меёбанд.

3. Фрустратсияи талаботҳо дар комёбӣ – заминаи номусоиди психикӣ ба наврас имкони талаботи худро ба комёбӣ, ноил шудан ба натиҷаҳои баланд ва ғ. имкон намедиҳад.

4. Тарс аз худзоҳирнамоӣ – азсаргузаронии эмотсионалии манфии ҳолатҳои марбут ба зарурати ифшои худ, худро ба дигарон муаррифӣ кардан ва нишон додани қобилиятҳои худ.

5. Тарс аз вазъияти санҷиши дониш – муносибати манфӣ ва азсаргузаронии изтироб дар ҳолатҳои санҷиши дониш, дастовардҳо ва қобилиятҳо (хусусан оммавӣ).

6. Тарс аз мувофиқ наомадан бо интизориҳои атрофиён – дар баҳогузории амалу натиҷаҳои худ баҳогузории атрофиёнро афзалтар мешуморад ва аз барои ин гуна баҳогузориҳои атрофиён изтиробро аз сар мегузаронад.

7. Муқовимати пасти физиологӣ ба стресс – хусусиятҳои ташкилиҳои психофизиологӣ, ки мутобиқшавии наврасро ба ҳолатҳои стресс коҳиш медиҳад ва эҳтимолияти вокуниши нокифоя ва харобиоварро ба омили нигаронкунандаи муҳити зист зиёд мекунад.

8. Мушкилот ва тарсу ҳарос дар муносибат бо омӯзгорон – заминаи умумии манфии эмотсионалӣ дар муносибат бо калонсолон дар мактаб, ки муваффақияти наврасро дар таълим коҳиш медиҳад.

Ҳангоми таҳлили натиҷаҳо шумораи умумии ҷавобҳои бо калид мувофиқатнакарда ҳисоб карда мешаванд. Ҳангоми зоҳир шудани дараҷаи изтиробнокӣ «аз 50% болотар будани дараҷаи изтиробнокӣ – дар бораи дараҷаи изтироби баланди кӯдак ва аз 75% боло бошад, дар бораи изтироби беҳад баланди кӯдак далолат мекунад» [66, с.58].

***Шкалаи ноумедии Бек.*** Ҷадвале, ки зоҳиршавии муносибатҳои манфиро нисбат ба ояндаи субъективӣ дар калонсолон ва наврасон чен мекунад, аз ҷониби А.Бек ва як гурӯҳи ҳамкорони Маркази терапияи когнитивӣ дар Мактаби тиббии Донишгоҳи Пенсилвания (ИМА) таҳия шудааст. «Ҳангоми коркарди шкалаҳо муаллифон консепсияи «Stotland» ба инобат гирифтанд, ки дар доираи он ноумедӣ ҳамчун системаи нақшаҳои маърифатӣ баррасӣ мегардад. Ҳамзамон, аломатҳои умумие, ки тобиши манфии интизориҳо нисбат ба ояндаи наздик ва дури худро дар бар мегирад, дида баромада мешаванд» [117, с.89].

Ҳамзамон, варианти барои наврасон коркардгардидаи тести мазкур аз ҷониби Б.Х. Саидзода [169] дар Тоҷикистон мутобиқ кунонида шудааст.

Наврасони дорои холҳои баланди ноумедӣ, боварӣ доранд, ки:

1) дар зиндагиашон ҳама чиз ноумедона мегузарад;

2) ҳаргиз дар чизе муваффақ нахоҳанд шуд;

3) ба мақсадҳои худ нахоҳанд расид;

4) мушкилиҳои онҳо ҳаргиз ҳал нахоҳанд шуд.

Чунин тавсифи ноумедӣ ба ҷузъи сеюми сегонаи манфии модели когнитивии депрессияи Бек мувофиқ аст, ки мувофиқи он ҳолати афсурдагӣ аз рӯйи образи манфии худ, тасвири манфии фаъолияти шахс дар айни замон ва оянда муайян карда мешавад. Ҳамин тариқ, шкалаҳои ноумедии Бек равшанзоҳиршавии муносибати манфии субъектро баояндаи худ арзёбӣ мекунад.

Методикаи мазкур аз 20 изҳорот иборат аст. «Ёздаҳ изҳорот ба эмотсияҳои ноумедӣ дахл доранд. Нуҳи дигар ба эмотсияҳои муқобил: умед доштан дахл доранд. Ҳангоми муайян кардани нишондиҳандаи ноумедӣ ҷавобҳо ба изҳороти марбут ба умед баръакс мешаванд» [117, с.90]. Ҳангоми ҷавоб озмудашаванда мувофиқи вариантҳои пешниҳодшудаи ҷавоб бо ҳар як изҳорот розӣ ё норозигии худро баён мекунад:

1. «Комилан нодуруст» (1 хол);
2. «Аниқтараш нодуруст» (2 хол);
3. «Аниқтараш дуруст» (3 хол);
4. «Яқинан, дуруст» (4 хол).

Ҳангоми таҳлили натиҷаҳо шумораи умумии холҳо аз рӯйи ҷадвали «умед доштан» ва «ноумедӣ» ҳисоб карда мешавад.

**Методикаи Т. Холмс ва Р. Раэ** [50, с.67]. Тести мазкур барои муайян намудани «дараҷаи стресс», дараҷаи «устуворӣ ба стресс» ва инчунин барои ташхиси бемориҳои психосоматикӣ коркард ва пешниход

гардидааст. Олимони амрикоӣ Холмс ва Раэ (ИМА) вобастагии бемориҳоро (аз он ҷумла бемориҳои сироятшавӣ ва ҷароҳатбардорӣ) аз ҳолатҳои гуногуни стрессогеннии ҳаётӣ бо 5 ҳазор беморон мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор доданд ва ба чунин хулоса омаданд, ки ба бемориҳои психикию ҷисмонӣ тағйиротҳои ҷиддӣ дар ҳаёти инсон рухмедода боис гардида метавонанд.

Дар асоси таҳқиқотҳои худ онҳо шкалаҳои махсуси ҳодисаҳои муҳимми ҳаётиро тасвир намуданд ва вобаста аз дараҷаи стрессогении ин ҳодисаҳои ҳаётӣ ба онҳо холҳои муайянро мансуб донистанд. Дар мувофиқа бо таҳқиқоти гузаронидашуда, маълум шуд, ки 150 хол маънои эҳтимолияти 50%-и гирифторшавӣ ба ягон бемориро дорад ва ҳангоми 300 хол бошад, ин эҳтимолият то 90% эътимодиро дорад [50, с.97].

**Нишондод.** «Дар аввал рӯйхати ҳодисаҳои ҳаётии стрессогениро пурра хонед. Пас аз он маротибаи дуюм, ҳар як нуқтаро хонда, ба шумораи холҳо эътибор диҳед. Он ҳодисаю воқеаҳое, ки дар 1 соли охир дар Шумо рух дода буданд, ҳамонашро интихоб намоед. Ва ахиран холҳои ба даст овардаатонро ҳисоб кунед.

**Коркард ва шарҳи натиҷаҳо.** Ҷамъи холҳо маънои зинаи сарбории стрессии одамро зоҳир менамоянд. Бо ибораи дигар, дар бораи изтиробнокӣ хабар дода, ҳамзамон, аз хатар огоҳӣ мекунад. Ҳамин тариқ, бояд ба таври таъҷилӣ ягон қарор ва ё кореро барои бартараф кардани стресс амалӣ намуд. Холҳои мазкур яквақта ҳам дараҷаи муқобилиятнамоӣ ба стрессро муайян менамоянд. Инро тариқи ҷадвали №7 ишора мекунем.

**Ҷадвали №7. Шарҳи натиҷаҳои методикаи Холмс ва Раэ**

| **Ҷамъи холҳои ҳосилшуда** | **Дараҷаи муқобилиятнамоӣ ба стресс** |
|---|---|
| 150-199 | Баланд |
| 200-299 | Миёна |
| 300 ва аз он боло | Паст (ранҷуршаванда) |

Масалан, агар миқдори холҳо аз 300 хол зиёдтар бошад, пас ин маънои онро дорад, ки хатар, яъне таҳдиди бемориҳои психосоматикие, ки ба марҳилаи харобшавии асаб наздик аст, вуҷуд дорад. Шумораи холҳо имкони сохтани манзараи стрессро медиҳанд [50, с.99].

***Тавсифи методҳои оморӣ.*** Барои коркарди математикӣ бастаи омории SPSS 13.0 истифода шудааст. Методологияи коркарди маълумоти оморӣ таҳлили миқдорӣ ва сифатӣ, коркарди математикӣ ва оморӣ: ҳисоб кардани меъёрҳои миёна, муқоисаи меъёрҳои миёна бо истифода аз t-меъёри Стюдент, гузаронидани коррелятсия ва таҳлили омилҳоро дар бар мегирад.

Барои омӯзиши муносибати байни тағйирёбандаҳо коэффисиенти коррелятсияи Пирсон (r) истифода гардид. Аҳаммияти омории коэффитсиенти коррелятсия дар $p<0,01$ ва $p+0,05$ ба назар гирифта шуд.

Илова бар ин, дар ин кор барои тасдиқи фарзия ва равшан кардани хулосаҳои бадастомада дар бораи робитаи байни хусусиятҳои омӯхташудаи наврасон таҳлили омилӣ истифода шудааст, ки имкон медиҳад шумораи зиёди тағйирёбандаҳои марбут ба ҳолатҳои мавҷуда ба шумораи камтари тағйирёбандаҳои мустақили таъсиркунанда кам карда шаванд.

Боби дуюм дар рисола мавқеи марказиро ишғол мекунад, зеро пурра масъалаи интихоби озмудашавандагон ва методҳои ташхиси психологиро дар бар мегирад. Барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда ва ҳалли вазифаҳои таҳқиқотӣ гурӯҳи озмудашавандагон ва интихоби методҳои касбӣ нақши асосиро мебозанд.

Масъалаи интихоби озмудашавандагон ҷиҳати мувофиқат кардан бо мақсади таҳқиқот меъёри муайян кабул гардид ва онҳо (дар гурӯҳҳои асосию назоратӣ) чунин буданд:

– наврасоне интихоб гардиданд, синну солашон 14-15 – сола буда, ҳамзамон бояд хонандаи мактаб бошанд;

– ҷудошавии волидайни наврас бояд то 5 солро ташкил диҳад.

Ҷиҳати интихоб намудани ин озмудашванда дар асоси меъёрҳои болозикр анкетаи муаллифӣ коркард гардид. Анкетаи таҳиянамуда аз 1 саҳифа иборат буда, 10 саволро дар бар мегирад ва барои гирифтани маълумот дар бораи наврас нигаронида шудааст.

Дар масъалаи интихоби методҳои касбии ташхиси психологӣ ҳаминро ишора намудан зарур аст, ки дар таҳқиқот дар маҷмуъ 7 медикаи касбӣ ва ду анкетаи муаллифӣ мавриди истифода қарор гирифт. Ба ин шумора методи баҳодиҳии экспертӣ (дар таҳқиқот 7 нафар омӯзгорон - роҳбарони синфҳо ба сифати коршинос иштирок намуданд)-ро низ метавон ишора намуд, ки аз ҷониби диссертант коркард гардидааст.

Методҳои касбии дар раванди таҳқиқот истифодашуда имкони ба даст овардани маълумотҳои объективиро дода тавонистанд, зеро:

– методикаи проективии С. Розенсвейг мутобиқнамоиро наметалабад;

– методкаи шкалаи ноумедии Бек аз ҷониби мухаққиқони ватанӣ мутобиқ карда шудааст;

– таҷрибаи истифодаи методҳои саволномаи агрессияи Басс-Дарки, тести изтироби мактабии Филлипс ва ташхиси системаи муносибатҳо дар оила аз нигоҳи наврас (Саволномаи «Наврасон дар бораи волидон») аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ зиёда аз 20 солро дар бар мегирад.

Натиҷаҳои таҳқиқот бо бастаи барномаи оморӣ-компютерии SPSS ҳисоб карда шуд.

Хулоса, гурӯҳчинии озмудашавандагони таҳқиқот ҷиҳати дар дараҷаи зарурӣ гузаронидани озмоиш имконияти хубро фароҳам овард. Дар зербоби мазкур, дар баробари озмудашавандагони таҳқиқот ҳамчунин омилҳо ва ҳолатҳои манфии эмотсионалие, ки дар зери таъсири талоқ зоҳир мешаванд вобаста ба ҷинсият ишора гардиданд.

# БОБИ 3. ТАҲҚИҚИ ЭМПИРИКИИ ТАЪСИРИ ТАЛОҚ БА ЗОҲИРШАВИИ ҲОЛАТҲОИ ЭМОТСИОНАЛИИ НАВРАСОН

## 3.1. Таҳқиқи ҷанбаҳои ҷинсии таъсири талоқ ба ҳолатҳои эмотсионалии наврасон

Чуноне ки дар зербобҳои боло ишора намуда будем, ҳангоми коркарди маълумотҳои таҳқиқотӣ таҳлили омилҳо бо истифода аз методи ҷанбаи асосӣ истифода шудааст, ки ҳадафи он муайян кардани сохтори ҳолатҳои эмотсионалии наврасон дар оилаҳои пурра ва нопурра ба шумор меравад. Ҳамзамон, ошкор кардани муносибатҳои байни тағйирёбандаҳо ҷиҳати арзёбии умқи таъсири ин ё он омил ба ҳолати эмотсионалии наврасон дар гурӯҳҳои гуногун мебошад. Дар натиҷа, омилҳои умумӣ ва сарбории омилҳо ба даст оварда шуданд ва мувофиқи он омилҳо шарҳ дода шуданд. Барнома барои зергурӯҳҳои махсус, навраписарону наврасдухтарони гурӯҳҳои асосӣ ва назоратӣ дар алоҳидагӣ гузаронида шуд.

Натиҷаҳои таҳлили омилҳо барои гурӯҳи асосии навраcписарон дар ҷадвали №8 оварда шудаанд.

***Ҷадвали №8. Сарбориҳои омилии аломатҳо (навраcписарони гурӯҳи асосӣ)[3]***

| НИШОНДИҲАНДАҲО | ОМИЛҲО | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| ВАЙ-типи вокуниши ҳимоявӣ (E-D) | 0,704 | - | - | - | - |
| Муқобилияти пасти физиологӣ ба стресс | 0,687 | - | - | - | -0,405 |
| Тарс аз худзоҳирнамоӣ | 0,663 | - | - | | |
| Агрессияи шифоҳӣ | - | -0,689 | - | | |
| GCR (рафтори стандартӣ дар вазъиятҳои стрессӣ) | | -0,644 | | | |
| Рафтори нопайдарпайии модар | - | 0,545 | - | - | - |
| Тарс аз мувофиқат накардан бо интизориҳои атрофиён | | | 0,638 | | |
| Давомнок будани давраи ҷудошавӣ | - | - | 0,569 | - | - |
| Роҳнамо будани модар | - | - | -0,469 | - | - |
| Азсаргшузарониҳои стресси иҷтимоӣ | - | - | - | - | -0,531 |
| Ранҷуршавандагӣ | - | - | - | - | 0,471 |

[3] Аломати «-» маънои r<0,400 ва r<-0,400-ро дорад.

Ҳангоми ба омилҳо ҷудо кардани ҳолатҳои эмотсионалии навраснсарони оилаи нопурра 5 ҷанбаҳои сохторӣ ошкор карда шуданд (ҷадвали №8).

Омили якум 24,42% дисперсияро фаҳмонид ва мо онро шартан «нобоварӣ ба худ» номидем ва дар он се аломат дохил карда шуданд:

– типи вокуниши ҳимоявии ВАЙ (E-D);

– муқовимати пасти физиологӣ ба стресс;

– тарс аз худзоҳирнамоӣ.

Омили дуюм 21,45%-ро аз дисперсияи умумӣ тавсиф медиҳад ва шартан «МАН»-и фурӯнишонидашуда» номгузорӣ гардида, дар ин омил низ 3 нишона шомил мешавад ва онҳо чунинанд:

– агрессияи шифоҳӣ;

– рафтори стандартӣ дар вазъиятҳои стрессӣ;

– рафтори нопайдарпайии модари танҳо дар тарбия.

Дар баробари ин, нишонаҳои ишорагардида, яъне агрессияи шифоҳӣ, рафтори стандартӣ дар вазъиятҳои стрессӣ ва рафтори нопайдарпайии модари танҳо дар тарбия бо аломати манфӣ ишора шуданд.

Омили сеюм аз дисперсияи умумӣ 18,24%-ро тавсиф намуда, шартан «Пешбинӣ намудани мушкилоти оянда» номгузорӣ гардид ва дар фарқият аз ду омили болозикр як нишона зиёдтарро соҳиб гардид, яъне дар худ 4 нишонаро дар бар мегирад, ки онҳо чунинанд:

– ҳолати фрустратсионӣ (ноумедӣ);

– ранҷуршавандагӣ;

– муқовимати пасти физиологӣ ба стресс;

– азсаргузаронии стресси иҷтимоӣ.

Аз 4 нишонаи ишорагардида, ду аломаташ аз қабили «муқовимати пасти физиологӣ ба стресс» ва «азсаргузаронии стресси иҷтимоӣ» аҳаммияти манфиро доранд.

Омили чорум, аз шумораи умумии дисперсия 16,23%-ро тавсиф намуд ва «конформнокӣ» шартан номгузорӣ гардид. Ин омил дар навбати худ чунин аломатҳоро дар бар мегирад:

– агрессияи шифоҳӣ;

– рафтори стандартӣ дар ҳолатҳои стрессӣ;

– типи вокуниши муҳофизатии ВАЙ (E-D);

– азсаргузаронии стресси иҷтимоӣ.

Аз шумораи аломатҳои омили зикргардида, «агрессияи шифоҳӣ» ва «азсаргузаронии стресси иҷтимоӣ» аҳаммияти манфиро доранд.

Омили панҷум 19,66%-ро аз шумораи умумии дисперсия тавсиф намуда, «конформнокии иҷтимоӣ» номгузорӣ гардид. Ин омил дар навбати худ аз аломатҳои зерин иборат мебошад:

– ранҷуршавандагӣ;

– фрустратсия.

Дар асоси маълумотҳои бадастомада метавон тахмин намуд, ки ба наврасписарони оилаҳои нопурра мутобиқатшавии суст ба вазъиятҳои стрессӣ хос аст. Яъне, наврасписарони ин гуна оилаҳо дар ҳолатҳои стрессӣ ба душворӣ мутобиқ мешаванд ва барои мутобиқшавӣ ба онҳо вақти иловагӣ лозим мешавад. Дар ҳолати фрустратсионӣ бошад, зоҳиркунии тамоюлҳои агрессивиро ҷиҳати ҳимояи худ афзалтар мешуморад, ки дар натиҷаи он эмотсияҳои манфиро аз сар мегузаронад. Ҳамзамон, бояд зикр намуд, ки муҳлат ва ё давомнокии давраи ҷудошавии волидон ба ҳолатҳои эмотсионалии ин гурӯҳи наврасписарон таъсири худро гузоштааст.

Ҳар қадаре ки муҳлат ва ё давомнокии ҷудошавии волидон давомдор бошад, наврасписарон ҳамон қадар кӯшиши фаъолӣ дар алоқаҳои иҷтимоӣ ва бепарвоиро зоҳир мекунанд. Аммо дар баробари ин, аз баҳогузории атрофиён вобаста буда, ҳолати эмотсионалии онҳо вобаста ба ин тағйир меёбад (арзёбии манфии атрофиёнро бештар интизоранд).

Масъалаи дарки оянда аз ҷониби наврасписарон ба таври алоҳидагӣ ишора намудани онро афзалтар мешуморем. Муносибати манфӣ ба атрофиён бо зоҳиршавии эмотсияҳои манфӣ боис мегардад ва зоҳиршавии эмотсияҳои манфӣ бошад, дар навбати худ ба баланд шудани дараҷаи муносибати манфӣ ба ояндаи наздик ва ояндаи дури худ мусоидат мекунад.

Дар асоси гуфтаҳои мазкур метавон ишора намуд, ки омилҳои дар гурӯҳи наврасписарони оилаҳои нопурра доираи мушкилоти ҳолатҳои эмотсионалии манфии онҳо нисбати худмуайянкунӣ давр мезанад. Яъне мушкилоти асосии онҳо дар азсаргузарониҳои саршори эмотсияҳои манфӣ мехобад ва дар ҳалли ин эмотсияҳои манфӣ душворӣ мекашанд. Зеро чуноне аз адабиёти соҳавӣ маълум аст, вазифаи худмуайянкунӣ дар муносибатҳои байниҳамдигарӣ дар давраи наврасӣ нақши пешбарро дорад. Дар гурӯҳи таҳқиқотии мо чуноне ки таҳлили омилҳо низ онро нишон доданд, ин масъала ба қадри зарурӣ фаъолтар гардид. Аз нигоҳи мо ин эҳтимоли хатари рушди дезадаптатсияи иҷтимоию психологиро дар наврасписарони оилаҳои нопурра ба вуҷуд оварда метавонад.

***Натиҷаҳои таҳлили омилҳо дар гурӯҳи наврасписарони гурӯҳи назоратӣ.*** Натиҷаҳои таҳлили омилҳо дар гурӯҳи наврасписарони гурӯҳи назоратӣ дар ҷадвали №9 оварда шудаанд.

***Ҷадвали №9. Сарбориҳои омилии аломатҳо (наврасписарони гурӯҳи назоратӣ)***[4]

| НИШОНДИҲАНДАҲО | ОМИЛҲО | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| Роҳнамо будани модар | -0,843 | - | - | - | |
| Тарс аз мувофиқат накардан бо интизориҳои атрофиён | - | 0,818 | 0,408 | - | - |
| Муқобилияти пасти физиологӣ ба стресс | - | 0,577 | - | - | - |
| Рафтори нопайдарпайии модар | - | -0,557 | - | - | - |
| Тарс аз худзоҳирнамоӣ | 0,408 | - | -0,485 | | - |

[4] Аломати «-» маънои r<0,400 ва r<-0,400-ро дорад.

| Идомаи ҷадвали 9. | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| GCR (рафтори стандартӣ дар вазъиятҳои стрессӣ) | - | - | - | 0,875 | - |
| Агрессияи шифоҳӣ | - | - | - | -0,754 | - |
| ВАЙ-типи вокуниши ҳимоявӣ (E-D) | - | - | -0,442 | 0,459 | - |
| Азсаргузаронихои стресси иҷтимоӣ | - | - | - | -0,457 | - |
| Ранҷуршавандагӣ | - | - | - | - | -0,644 |

Омилҳои ҳолати эмотсионалии наврасписарони оилаҳои пурра низ ба 5 ҷанбаҳои сохторӣ ҷудо карда шуданд (ҷадвали №9).

Омили якум, аз дисперсияи умумӣ 15,59%-ро тавсиф дода, шартан онро «Бепарвоӣ» номгузорӣ намудем ва дар ин низ 2 аломат дохил мешаванд ва бештар чунин нишондиҳандаҳо авзалият доштанд, ба монанди:

– Роҳнамоӣ дар тарбияи фарзанд аз ҷониби модар;

– Тарс аз худзоҳирнамоӣ;

Роҳнамоӣ дар рафтори модар дар тарбияи фарзанд аҳаммияти манфиро касб намудааст.

Омили дуюм, 13, 78% аз дисперсияи умумиро ташкил медиҳад ва шартан изтироби иҷтимоӣ унвон гирифтааст. Дар навбати худ 4 аломатро дар бар мегирад ва онҳо чунинанд:

– тарс аз мувофиқат накардан бо интизориҳои атрофиён;

– рафтори нопайдарпайии модар дар тарбияи фарзанд;

– фрустратсия (ноумедӣ);

– муқобилияти пасти физиологӣ ба стресс.

Аз ин аломатҳои ишорашуда, ду аломаташ маънои манфиро касб намудаанд, аз қабили: рафтори нопайдарпайии модар дар тарбияи фарзанд ва фрустратсия (ноумедӣ).

Омили сеюм, аз шумораи умумии дисперсия 11,91%-ро тавсиф намуд ва шартан онро «ташаббускори иҷтимоӣ» номидем. Дар ин чунин аломатҳо дохил мешаванд:

– типи вокуниши муҳофизатии ВАЙ (E-D);

– тарс аз мувофиқат накардан бо интизориҳои атрофиён;

– тарс аз худзоҳирнамоӣ.

Омили чорум, аз шумораи умумии дисперсия 11,27%-ро тавсиф намуд ва «конформнокӣ» шартан номгузорӣ гардид. Ин омил дар навбати худ чунин аломатҳоро дар бар мегирад:

– агрессияи шифоҳӣ;

– рафтори стандартӣ дар ҳолатҳои стрессӣ;

– типи вокуниши муҳофизатии ВАЙ (E-D);

– азсаргузаронии стресси иҷтимоӣ.

Аз шумораи аломатҳои омили зикргардида, «агрессияи шифоҳӣ» ва «азсаргузаронии стресси иҷтимоӣ» аҳаммияти манфиро доранд.

Омили панҷум 9,93%-ро аз шумораи умумии дисперсия тавсиф намуда, «конформнокии иҷтимоӣ» номгузорӣ гардид. Ин омил дар навбати худ аз аломатҳои зерин иборат мебошад:

– ранҷуршавандагӣ;

– фрустратсия (ноумедӣ).

Аломати ноумедӣ дар навбати худ аҳаммияти манфиро касб намуд.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили омилҳои болозикр метавон чунин ишора намуд, ки наврасписарони оилаҳои пурра дар ҳолатҳои фрустратсионии бо алоқаҳои иҷтимоӣ алоқаманд буда, дар масъалаи баҳогузории атрофиён изтиробро аз сар мегузаронанд. Ҳамзамон, дар ин гурӯҳи наврасписарон, яъне наврасписарони оилаҳои пурра омилҳои ҷудошуда дар доираи масъалаҳои бепарвоӣ, изтироби иҷтимоӣ, конформнокии иҷтимоӣ тавъам мебошанд. Дар ин асос метавон гуфт, ки мушкилоти асосии наврасписарони оилаҳои пурра дар ҳалли мушкилоти болозикр мехобад.

Наврасписарони гурӯҳҳои асосию назоратӣ аз рӯйи бартарии ҳолатҳои эмотсионалӣ тафовут доранд. Тафовути асосии наврасписарони оилаҳои нопурра аз пурра дар он ифода меёбад, ки наврасписарони гурӯҳи якум (аз оилаи нопурра) ҳолатҳои эмотсионалии

онҳо дар масъалаи худмуайянкунӣ дар муҳити иҷтимоӣ, дар ояндаи наздик ва дури худ монеаҳоро ба вуҷуд меорад.

Акнун ҳамин гуна таҳлили омилҳоро дар наврасдухтарони оилаҳои пурра ва нопурра дида мебароем. Дар наврасдухтарон чунин тағйиротҳо мушоҳида шуданд:

– автономнокӣ ва нопайдарпайии модар дар тарбияи фарзанд;

– изтиробии умумӣ дар мактаб;

– тарс аз худзоҳирнамоӣ;

– тарс аз мувофиқат накардан бо интизориҳои атрофиён;

– агрессияи шифоҳӣ;

– агрессияи ҷисмонӣ;

– мутаассиршавандагӣ;

– экстрапунитивнокӣ (Е);

– GCR (рафтори стандартӣ дар вазъиятҳои стрессӣ);

– фрустратсия (ноумедӣ);

– давомнок будани ҷудошавии волидайн.

Натиҷаҳои таҳлили омилҳо барои зергурӯҳҳои наврасдухтарон аз оилаҳои нопурра дар ҷадвали №10 ба таври муфассал оварда шудааст.

***Ҷадвали №10. Сарбориҳои омилии аломатҳо (наврасдухтарони гурӯҳи асосӣ)[5]***

| НИШОНДИҲАНДАҲО | ОМИЛҲО | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| Тарс аз худзоҳирнамоӣ | -0,649 | - | - | - | - |
| Давомнок будани давраи ҷудошавӣ | 0,646 | - | | - | - |
| GCR (рафтори стандартӣ дар вазъиятҳои стрессӣ) | | -0,444 | - | - | - |
| Мутаассиршавандагӣ | - | - | 0,825 | - | - |
| Агрессияи шифоҳӣ | - | - | 0,787 | - | - |
| Агрессияи ҷисмонӣ | - | | 0,644 | | - |
| Тарс аз мувофиқат накардан бо интизориҳои атрофиён | - | | - | 0,681 | - |
| Изтироби умумӣ дар мактаб | -0,404 | - | - | 0,669 | |
| Автономнокии рафтори модар | - | - | - | 0,540 | - |
| Нопайдарпайӣ дар рафтори модар | - | - | - | - | 0,651 |

[5] Аломати «-» маънои r<0,400 ва r<-0,400-ро дорад.

Дар рафти ба омилҳо ҷудо кардани ҳолатҳои эмотсионалии наврасдухтарон аз оилаҳои нопурра панҷ ҷанбаҳои сохторӣ ошкор карда шуданд (ҷадвали №10).

Омили якум, 14,44%-ро аз шумораи умумӣ тавсиф мекунад ва мо онро шартан «Риояи расмии қоидаҳои ахлоқӣ» номгузорӣ намудем. Омили мазкур дар навбати худ якчанд аломатҳоро дар бар мегирад, ки аз миёни онҳо чунин аломатҳо аҳаммияти бештарро нишон доданд, ба монанди:

– давраи ҷудошавии волидайн;

– ҳисси ноумедӣ.

Ҳамзамон, чунин нишондиҳандаҳо ба монанди «дараҷаи изтироби умумӣ дар мактаб» ва «тарс аз худзоҳирнамоӣ» дорои аҳаммияти манфӣ мебошанд.

Омили дуюм, 11,40%-ро аз шумораи умумии дисперсия тавсия медиҳад ва мо онро шартан «агрессия» номидем. Ба ин омил 4 нишондиҳанда дохил мешавад ва онҳо чунинанд:

– агрессияи ҷисмонӣ;

– мутаассиршавандагӣ;

– рафтори ғайристандартӣ дар вазъиятҳои стрессӣ;

– агрессияи шифоҳӣ.

Омили 4-ум, аз шумораи умумии дисперсия 10,72%-ро тавсиф намуда, шартан он «Изтироби байнишахсӣ» ном гирифт. Омили мазкур дар навбати худ чор нишондиҳадаро дар бар гирифт ва онҳо чунинанд:

– автономнокӣ;

– экстропунитивнокӣ (Е);

– тарс аз мувофиқат накардан бо интизориҳои атрофиён;

– изтироби умумӣ дар мактаб;

Ҷанбаи «экстропунитивнокӣ» (Е) маънои манфиро касб намуд.

Аз рӯйи натиҷаи таҳлили омилҳо хусусиятҳои ҳолати эмотсионалии наврасдухтарони оилаҳои нопурра чунинанд: риояи расмии қоидаҳои ахлоқӣ, ҳисси фрустратсия, ҳисси гунаҳкорӣ, агрессия,

изтироби байнишахсӣ ва бепарвоӣ. Дар ин росто, метавон ишора намуд, ки нишонаҳои фарққунандаи наврасдухтарон ҳаяҷони доимии ҳукмфармо, ноустувории эмотсионалӣ бо бартарӣ доштани ҳолати пасти психикӣ, мутаассиршавандагӣ ва бепарвоӣ ба шумор меравaнд. Ҳамзамон, дар муносибатҳои байнишахсӣ дараҷаи баланди изтиробро аз сар мегузаронанд. Давраи дарозмуддати ҷудошавӣ ба дарки ояндаи наврасдухтарон таъсири худро мерасонад. Ҳар чӣ қадаре ки волидон муддати дароз ҷудо зиндагӣ кунанд, наврасдухтарон ҳамон қадар нисбати ояндаи наздик ва дури худ тобиши манфиро қабул мекунанд.

Хусусиятҳои усули тарбияи наврасдухтарон аз ҷониби модарони танҳо бегуфтугӯ ба ҳолатҳои эмотсионалии онҳо бе таъсир намемонад. Аз ҷониби модар зоҳир гардидани таҳаммулпазирӣ ва камталабии бештар ва инчунин диққати зарурӣ надодан ба тарбияи фарзанд боиси дар наврасдухтарон пайдо шудани ҳолати номусоиди эмотсионалӣ мегардад, ки дар навбати худ бо вазъиятҳои гуногуни фаъолияти таълимӣ алоқамандӣ дорад. Ҳамзамон, дар ин раванд наврасдухтарон аз атрофиён танҳо баҳодиҳии манфиро интизор мешаванд [176, с.111].

Дар асоси ин гуна таҳлилҳо мо дар чунин андеша қарор дорем, ки ишораҳои гуфташуда хатари рушди дезадаптатсияи иҷтимоӣ дар наврасдухтарон мегардад.

Дар гурӯҳи назоратии наврасдухтарон дар таҳлили омилҳо чунин тағйирёбандагиҳо истифода гардиданд:

– автономнокӣ;

– нопайдарпайии модар дар рафти тарбияи фарзанд;

– тарс аз худзоҳирнамоӣ;

– изтироби умумӣ дар мактаб;

– тарс аз мувофиқат накардан бо интизориҳои атрофиён;

– агрессияи ҷисмонӣ;

– мутаассиршавандагӣ;

– агрессияи шифоҳӣ;

– экстрапунитивнокӣ (Е);

– GCR (рафтори стандартӣ дар ҳолатҳои стрессӣ);

– ноумедӣ.

Натиҷаҳои таҳлили омилҳои гурӯҳи мазкур, яъне наврасдухтарони гурӯҳи назорати дар ҷадвали №11 оварда шудаанд.

***Ҷадвали №11. Сарбориҳои омилии аломатҳо (наврасдухтарони гурӯҳи назоратӣ)[6]***

| НИШОНДИҲАНДАҲО | ОМИЛҲО | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| GCR (рафтори стандартӣ дар вазъиятҳои стрессӣ) | - | 0,812 | - | - | - |
| Тарс аз мувофиқат накардан бо интизориҳои атрофиён | - | -0,631 | - | - | 0,448 |
| Агрессияи ҷисмонӣ | - | 0,627 | - | - | |
| Автономнокии рафтори модар | - | - | 0,728 | - | |
| Мутаассиршавандагӣ | - | - | 0,653 | - | |
| Агрессияи шифоҳӣ | - | - | 0,636 | - | |
| Тарс аз худзоҳирнамоӣ | - | 0,404 | - | -0,579 | |
| Изтироби умумӣ дар мактаб | - | - | - | 0,568 | |
| Нопайдарпайӣ дар рафтори модар | - | - | - | - | |

Ҳангоми ба омилҳо ҷудо намудани ҳолатҳои эмотсионалии наврасдухатрони оилаҳои пурра низ 5 ҷанбаи сохторӣ ошкор карда шуданд (ҷадвали №11).

Омили якум, 25,23%-ро аз шумораи умумии дисперсия тавсиф медиҳад ва шартан номи «самтёбии иҷтимоӣ»-ро гирифт. Ба ин омил 4 нишондиҳанда дохил мешавад:

– GCR (рафтори стандартӣ дар вазъиятҳои стрессӣ);

– тарс аз мувофиқат накардан бо интизориҳои атрофиён;

– агрессияи ҷисмонӣ;

– тарс аз худзоҳирнамоӣ.

Аз нишонаҳои номбаргардида, тарс аз мувофиқат накардан бо интизориҳои атрофиён ва тарс аз худзоҳирнамоӣ аҳаммияти манфиро касб намуданд.

[6] Аломати «-» маънои r<0,400 и r<-0,400-ро дорад.

Омили дуюм, 14,35%-ро аз дисперсияи умумӣ тавсиф медиҳад ва мо онро шартан «мутаасиршавандагӣ» номгузорӣ намудем. Ин омил дар навбати худ 3 аломатро дар бар гирифт:

– автономнокии рафтори модар;

– мутаассиршавандагӣ;

– агрессияи шифоҳӣ.

Аз ин шумораи нишонаҳои ишорагардида, танҳо як нишондиҳанда – нишондиҳандаи автономии рафтори модар дар тарбияи фарзанд маънои манфиро касб намуду халос.

Омили сеюм, аз шумораи умумии дисперсия 19,5%-ро тавсиф мекунад ва онро шартан «нобоварӣ ба худ» номгузорӣ намудем. Ба ин омил чунин нишондиҳандаҳо шомил шуданд:

– изтироби умумӣ дар мактаб;

– тарс аз худзоҳирнамоӣ.

Аз ин нишондиҳандаҳои номбаргардида танҳо яктои он – тарс аз худзоҳирнамоӣ маънои манфиро гирифт.

Омили чорум, аз шумораи умумии дисперсия 21,29%-ро тавсиф намуд ва онро шартан «эктровертӣ» номгузорӣ намудем. Омили мазкур дар навбати худ чунин нишондиҳандаҳоро фаро гирифт:

– тарс аз мувофиқат накардан бо интизориҳои атрофиён;

– экстрапунитивнокӣ (E);

– нопайдарпайӣ дар раванди тарбияи фарзанд.

Омили панҷум 19,63%-ро аз шумораи умумии дисперсия тавсиф намуда, «конформнокии иҷтимоӣ» номгузорӣ гардид. Ин омил дар навбати худ аз аломатҳои зерин иборат мебошад:

– ранҷуршавандагӣ;

– фрустратсия (ноумедӣ).

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили омилҳо маълум гардид, ки наврасдухтарони оилаҳои пурра дар доираи чунин мушкилот гурӯҳбандӣ карда мешаванд: самтёбии иҷтимоӣ, экстравертӣ, мутаассиршавандагӣ ва нобоварӣ ба худ.

Наврасдухтарони гурӯҳи назоратӣ мушкилоти бошиддатии эмотсионалиеро, ки хоси давраи наврасист, зоҳир мекунанд, ҳамзамон, дар тафовут аз наврасдухтарони гурӯҳи асосӣ дар маҷмуъ вазъияташон мусоидтар мебошад.

Хулоса, наврасдухтарони гурӯҳҳои асосию назоратӣ аз рӯйи омилҳои ҷудонамуда тафовут доранд. Монандӣ миёни наврасдухтарони ҳарду гурӯҳ дар он ифода меёбад, ки онҳо ба дарк ва ҳалли мушкилоти бошиддатии ботини алоқамандбуда равона гардидаанд. Тафовут бошад, дар он зоҳир мешавад, ки наврасдухтарони оилаҳои нопурра бошиддати ботинӣ худро тавассути рафтори агрессивӣ амалӣ менамоянд, наврасдухтарони оилаҳои пурра бошанд, ба худназоратнамоӣ ва меъёрӣ саъю кӯшиш мекунанд.

## 3.2. Омӯзиш ва таҳлили робитаи байниҳамдигарии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон аз оилаҳои пурра ва нопурра

Ҳангоми таҳлили робитаҳои коррелятсионӣ барои ҳар як гурӯҳ нақшаҳои коррелятсионӣ тартиб дода шуд. Маълумотҳои ин гуна алоқамандиҳои коррелятсионӣ барои гурӯҳи якум дар ҷадвали №12 оварда шудааст.

***Ҷадвали №12. Нишондиҳандаҳои назарраси алоқаҳои коррелятсионӣ дар наврасписарон (гурӯҳи асосӣ)***

| № | Ҳолатҳои эмотсионалӣ | Нишондиҳандаҳо (рақами тартибии ҳолатҳои эмотсионалӣ) | Бузургии робитаҳои коррелятсионӣ | Дарачаи назаррас |
|---|---|---|---|---|
| 1. | агрессияи ҷисмонӣ; | 3,1 | 0,631 | <0,01’ |
| 2. | агрессияи бавосита; | 4,3 | -0,504 | <0,01 |
| 3. | мутаассиршавандагӣ; | 7,6 | 0,428 | <0,01 |
| 4. | негативизм; | 10,4 | 0,398 | <0,01 |
| 5. | ранҷуршавандагӣ; | 10,8 | -0,519 | <0,01 |
| 6. | шубҳанокӣ; | 11,10 | 0,609 | <0,01 |
| 7. | агрессияи шифоҳӣ; | 12,11 | 0,508 | <0,01 |
| 8. | ҳисси гунаҳкорӣ; | 12,10 | 0,627 | <0,01 |
| 9. | шохиси хусуматомезӣ; | 13,8 | 0,455 | <0,01 |
| 10. | шохиси агрессивнокӣ; | 14,8 | -0,518 | <0,01 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | **Идомаи ҷадвали 12.** |
| 11. | вокунишҳои монеагӣ-ҳукмфармоӣ (O-D); | 14,10 | 0,755 | <0,01 |
| 12. | типи вокуниши Вай-ҳимоявӣ (E-D); | 23,5 | -0,398 | <0,01 |
| 13. | типи вокуниши талабӣ-устуворӣ (N-P); | 23,12 | -0,362 | <0,01 |
| 14. | экстрапунитивнокӣ (E); | 23,15 | 0,361 | <0,01 |
| 15. | интрапунитивнокӣ (I); | 23,20 | 0,511 | <0,01 |
| 16. | импунитивнокӣ (M); | 23,22 | 0,542 | <0,01 |
| 17. | нишондиҳандаи CGR; | 23,24 | 0,572 | <0,01 |
| 18. | изтироби умумӣ дар мактаб; | 34,32 | 0,485 | <0,01 |
| 19. | азсаргузаронии стресси иҷтимоӣ; | 35,32 | 0,564 | <0,01 |
| 20. | фрустатсия дар комёбрасӣ; | 32 | 0,420 | <0,01 |
| 21. | тарс аз худзоҳирнамоӣ; | 32 | 0,707 | <0,01 |
| 22. | тарс аз вазъияти санҷиши донишҳо; | 33 | 0,515 | <0,01 |
| 23. | тарс аз оне, ки бо интизориҳои атрофиён мувофиқ наомадан; | 35 | 0,443 | <0,01 |
| 24. | муқобилияти физиологии паст ба стресс; | 27,28 | -0,480 | <0,01 |
| 25. | мушкилот ва тарсҳо дар муносибат бо омӯзгорон; | 29,25 | -0,377 | <0,01 |
| 26. | фрустатсия (ноумедӣ); | 14,11 | 0,485 | <0,01 |
| 27. | умед доштан; | 22,1 | -0,375 | <0,01 |
| 28. | шавқу ҳаваси мусбат аз ҷониби модар; | 22,3 | -0,344 | <0,01 |
| 29. | роҳнамоӣ аз ҷониби модар; | 22,7 | -0,396 | <0,01 |
| 30. | хусумат аз ҷониби модар; | 22,15 | 0,667 | <0,01 |
| 31. | автономнокӣ (мустақилӣ) дар рафтори модар; | 22,20 | 0,488 | <0,01 |
| 32. | нопайдарпайӣ дар рафтори модар; | 11,4 | 0,346 | <0,05 |
| 33. | давраи мувақатии ҷудошавӣ; | 24,19 | 0,326 | <0,05 |
| 34. | шумораи кӯдакон дар оилаи ҷудошуда; | 24,22 | 0,384 | <0,05 |
| 35. | устувории эмотсионалӣ. | 32 | 0,304 | <0,05 |

Нақшаи коррелятсионии ҳосилшударо, ки дар дараҷаи аҳаммиятнокии p<0,01 ҷудо шудааст, дида мебароем. Ҳангоми таҳлили графаи коррелятсионии гурӯҳи 1-ум (наврасписарони гурӯҳи асосӣ) маълум гардид, ки хусусиятҳо аз рӯйи шумораи алоқаҳои мутақобила (p<0.01) инҳоянд: "Шохиси хусумат" – 4 алоқамандӣ, "Ҳисси гунаҳкорӣ" – 6 алоқамандӣ, «Изтироби умумӣ дар мактаб – 4 алоқамандиро соҳибанд. Ҳамин тариқ, дар маҷмуъ чунин ҷанбаҳоро (хусумат, ҳисси

гунаҳкорӣ, фрустратсия ва изтироби умумӣ дар мактаб) муайян кардан мумкин аст.

Ин робитаҳои мутақобиларо дида мебароем. Шохиси хусумат – чуноне дар боло ишора намудем, 4 алоқа дорад.

Ҳамзамон, «Изтироби умумӣ дар мактаб» дар худ 4 алоқаро дар бар мегирад ва онҳо чунинанд: фрустратсия дар комёбшавӣ, тарс аз худифоданамоӣ, тарс аз вазъияти санҷиши дониш ва тарс аз мувофиқат накардан бо интизориҳои атрофиён.

Дар асоси маълумоти бадастовардашуда метавон чунин ишора намуд, ки ба наврасписарони аз ҷониби модари танҳо тарбияёфта, чунин ҳолатҳои психоэмотсионалӣ хос мебошанд: саъю кӯшиш ба мустақилӣ ва новобастагӣ, ҳолати фрустратсионӣ боиси сар задани азсаргузарониҳои таассуротҳои манфии эмотсионалӣ мегарданд (майл ба ҳисси гунаҳкорӣ, тарсончакӣ ва дамдуздӣ).

Ҳамзамон, метавон чунин ишора намуд: дараҷаи баланди хусумат ба зуҳури агрессияи ҷисмонӣ ($r=0,361$, $p<0,01$), шубҳанокӣ ($r=0,511$, $p<0;01$), ҳисси гунаҳкорӣ ($r<0,0$) ($r=0,4$) ($r=0,2$), агрессивнокӣ ($p<0.01$) таъсир мерасонад.

Дараҷаи баланди устувории эмотсионалӣ бо осонӣ ба муошират оғоз кардан, мутобиқшавӣ, чандирӣ алоқамандӣ дорад ($r=0,631$, $p<0,01$). Ҳар қадаре ҳисси гунаҳкорӣ (ҷанбаи агрессивнокӣ) баланд бошад, ҳамон қадар ошкорбаёнӣ, боварӣ, мутобиқшавӣ, чандирӣ ($r=-0,375$, $c<0,01$), устувории эмотсионалӣ, воқеъбинӣ дар муносибат ба ҳаёт ($r=-0,344$, $c<0,01$), масъулиятшиносӣ (- 0,0) пасттар мешавад ва баръакс шубҳанокӣ ($r=0,488$, $p<0,01$) ва зуҳури агрессияи ҷисмонӣ бошад, баландтар мешаванд ($r=0,667$, $p<0,01$).

Муносибатҳо байни ҷузъҳои алоҳидаи изтироб дар мактаб дар гурӯҳи наврасписарон муайян гардиданд. Ҳамин тариқ, дараҷаи баланди изтироби умумӣ дар мактаб бо фрустратсия аз комёбгардӣ ($r=0,485$, $p<0,01$), тарс аз худзоҳирнамоӣ ($r=0,564$, $p<0,01$) ва тарс аз вазъияти

санҷиши дониш (r=0,0, 0,0) робитаи мусбӣ доранд. Мушкилот ва тарс дар муносибат бо муаллимон бо азсаргузаронии стресси иҷтимоӣ (r=0,515; p<0,01), тарс аз худзоҳирнамоӣ (r=0,443, p<0,01), муқовимати пасти физиологӣ ба стресс (r=0,622, p<0,02) робитаи мутақобила доранд. Ин метавонад далолаткунандаи он бошад, ки мушкилот дар муносибат бо калонсолон дар наврасписарони оилаҳои ҷудошуда ба пайдоиши азсаргузарониҳои эмотсионалии манфии марбут ба вазъиятҳои мактабӣ мусоидат мекунанд.

Робитаҳои зич байни ҷузъҳои алоҳидаи вокунишҳои фрустратсионӣ ошкор гардиданд. Аксуламали талаботӣ-устуворӣ дар ҳолатҳои фрустратсионӣ зуҳури экстропитивиро коҳиш медиҳад (r=-0,480, p<0,01). Интропунитивнокӣ бошад, типи вокунишҳои бартаридоштаи монеаҳоро дар ҳолатҳои стрессӣ коҳиш медиҳад (r=-0>377, p<0;01), яъне наврасписарон майл ба ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли оқилонаи мушкилоти бавуҷудомадаро доранд ва дар роҳи ҳалли онҳо мустақилиро зоҳир намуда, аз дигарон кумак намепурсанд. Тамоюл ба худайбдоркунӣ, азсаргузарониҳои амиқи ботинӣ, ки бо зуҳуроти эмотсионалии беруна (I) ҳамроҳ нагардидааст, ҳангоми рӯ ба рӯ шудан бо ҳолатҳои фрустратсионӣ рафтори ригиднокии наврасонро дар ҳолати стрессӣ (О-Д) паст мекунад.

Мебояд ишора намуд, ки муҳаққиқ Якушенко Е.Г. дар рафти таҳқиқоти хеш, ки таҳқиқоти ӯ ба омӯзиши хусусиятҳои психологии наврасон равона гардида буд, ҳамин гуна натиҷаҳоро ба даст оварда буд.

Таҳлили коррелятсионии робитаҳои алоҳида дар дараҷаи аҳаммиятнокии p<0,05 робитаи байниҳамдигарии амиқро миёни майл ба ҳисси гунаҳкорӣ доштан, тарсончакӣ, худро кам баҳо додан ва нооромиро нишон дод (г=0,346; p<0,05).

Ҳамзамон, ошкор гардид, ки дараҷаи баланди агрессивнокӣ боиси баланд шудани ранҷуршавандагӣ мегардад г=0,326, p<0,05).

Робитаи байниҳамӣ инчунин миёни ҳисси ноумедӣ дар муносибат ба ояндаи худ ва давраҳои ҷудошавии волидайн муайян гардид (г=0,405, p<0,05). Бо ибораи дигар, наврасписарони оилаҳои нопурра ба дурнамои ояндаи худ ноумедона менигаранд. Дар баробари ин, давраи дарозмуддати ҷудошавии волидайн ба баланд шудани агрессивнокии наврасон муосидат мекунад (г=0,384, p<0,05).

Дар гурӯҳи наврасписарони ин гурӯҳ вобастагӣ миёни муносибати наврасон ба модари танҳо, муносибати системавӣ дар оила ва азсаргузарониҳои эмотсионалӣ ошкор гардид. Ҳар чӣ қадаре ки модар дар тарбияи фарзанд роҳнамоӣ кунад, ҳамон қадар дар наврасписарон ҳисси гунаҳкорӣ баланд мешавад (г=0,393, p<0,05). Ҳамзамон, робитаи байниҳамдигарии мусбат миёни таваҷҷуҳи мусбат аз ҷониби модар ва дараҷаи умед доштан дар наврасписарон дар муносибат ба ояндаи худ ошкор гардид (г=0,464, p<0,05).

Ҳамин тариқ, таҳлили коррелятсионӣ робитаи чунин ҳолатҳои эмотсионалии муҳимро дар оилаҳои нопурра ошкор намуданд, ба монандӣ:

– майл ба ҳисси гунаҳкорӣ;

– дамдуздӣ;

– фрустратсия;

– муносибати мусбат ба мушкилоти эмотсионалӣ;

– изтиробнокӣ;

– хусумат;

– агрессивнокӣ.

Дар асоси ин ҳолатҳои ошкоргардида метавон чунин ишора намуд, ки агар дар наврасписарони оилаҳои нопурра майл ба ҳисси гунаҳкорӣ, дамдуздӣ ва фрустратсионӣ баланд бошад, онҳо ҳамон қадар ба муҳити атроф бо душворӣ мутобиқ мешаванд.

Давомнок будани давраи ҷудошавии волидайн ба идроки наврасписарон ҷиҳати дарки ояндаи худ таъсири манфӣ мерасонанд. Ҳамзамон, усули тарбиявии аз ҷониби модари танҳо истифодашаванда

бегуфтугӯ ба ҳолати эмотсионалии наврасон бе таъсир намемонад. Хусусан, метавон ишора намуд, ки дар баробари муносибати мусбати модар ба фарзанд дар тарбияи онҳо, навраписарон бо як умед ба ояндаи худ нигаристан майл доранд. Маълумотҳои робитаи коррелятсионӣ миёни нишондиҳандаҳо барои гурӯҳи 2-юм дар ҷадвали №13 оварда шудааст.

***Ҷадвали №13. Нишондиҳандаҳои назарраси робитаҳои коррелятсионӣ (навраписарони гурӯҳи асосӣ)***

| № | Ҳолатҳои эмотсионалӣ | Нишонди ҳандаҳо | Бузургии робитаҳои коррелятс ионӣ | Дарачаи назаррас |
|---|---|---|---|---|
| 1. | агрессияи ҷисмонӣ; | 12,7 | 0,717 | <0,01 |
| 2. | агрессияи бавосита; | 13,3 | 0,767 | <0,01 |
| 3. | мутаассиршавандагӣ; | 17,15 | 0,532 | <0,01 |
| 4. | негативизм; | 18,15 | 0,509 | <0,01 |
| 5. | ранҷуршавандагӣ; | 21,15 | 0,483 | <0,01 |
| 6. | шубҳанокӣ; | 24,21 | 0,900 | <0,01 |
| 7. | агрессияи шифоҳӣ; | 24,22 | 0,616 | <0,01 |
| 8. | ҳисси гунаҳкорӣ; | 23,19 | 0,917 | <0,01 |
| 9. | шохиси хусуматомезӣ; | 36,32 | 0,532 | <0,01 |
| 10. | шохиси агрессивнокӣ; | 37,1 | 0,530 | <O,01 |
| 11. | вокунишҳои монеагӣ-ҳукмфармоӣ (O-D); | 38,7 | 0,545 | <0,01 |
| 12. | типи вокуниши Вай-ҳимоявӣ (E-D); | 39,32 | 0,481 | <0,01 |
| 13. | типи вокуниши талабӣ-устуворӣ (N-P); | 23,6 | -0,593 | <0,01 |
| 14. | экстрапунитивнокӣ (E); | 24,6 | -0,538 | <0,01 |
| 15. | интрапунитивнокӣ (I); | 28,25 | 0,621 | <0,01 |
| 16. | импунитивнокӣ (M); | 37,34 | 0,678 | <0,01 |
| 17. | нишондиҳандаи CGR; | 32,36 | 0,572 | <0,01 |
| 18. | изтироби умумӣ дар мактаб; | 11,3 | -0,394 | <0,05 |
| 19. | азсаргузаронии стресси иҷтимоӣ; | 11,7 | -0,403 | <0,05 |
| 20. | фрустатсия дар комёбрасӣ; | 14,1 | -0,463 | <0,05 |
| 21. | тарс аз худзоҳирнамоӣ; | 14,3 | -0,469 | <0,05 |
| 22. | тарс аз вазъияти санҷиши донишҳо; | 14,8 | -0,422 | <0,05 |
| 23. | тарс аз оне, ки бо интизориҳои атрофиён мувофиқ наомадан; | 14,11 | 0,409 | <0,05 |
| 24. | муқобилияти физиологии паст ба стресс; | 22,16 | 0,454 | <0,05 |
| 25. | мушкилот ва тарсҳо дар муносибат бо омӯзгорон; | 22,17 | 0,454 | <0,05 |
| 26. | фрустатсия (ноумедӣ); | 24,15 | 0,458 | <0,05 |
| 27. | умед доштан; | 32,13 | -0,449 | <0,05 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **Идомаи ҷадвали 13.** | | | | |
| 28. | шавқу ҳаваси мусбат аз ҷониби модар; | 37,7 | 0,475 | <0,05 |
| 29. | роҳнамоӣ аз ҷониби модар; | 37,32 | 0,389 | <0,05 |
| 30. | хусумат аз ҷониби модар; | 21,8 | 0,396 | <0,05 |
| 31. | автономнокӣ (мустақилӣ) дар рафтори модар; | 31,38 | -0,388 | <0,05 |
| 32. | нопайдарпайӣ дар рафтори модар; | 31,32 | 0,448 | <0,05 |
| 33. | давраи мувақатии ҷудошавӣ; | 26,16 | 0,424 | <0,05 |
| 34. | шумораи кӯдакон дар оилаи ҷудошуда; | 26,20 | 0,427 | <0,05 |
| 35. | устувории эмотсионалӣ. | 30,31 | 0,386 | <0,05 |

Коррелятсияи наврасисарони гурӯҳи назоратиро дида мебароем ($p<0,01$). Дар рафти таҳлили сохтори коррелятсионӣ чунин аломатҳо бештар афзалият пайдо карданд, яъне робитаҳо миёни онҳо бештар дида мешавад.

– «мушкилот ва тарс дар муносибат бо омӯзгор» 3 робитаи байниҳамӣ;

– «агрессияи ҷисмонӣ» 3 робитаи байниҳамӣ.

Дар натиҷаи таҳлили коррелятсионии робитаҳои байниҳамии ҷанбаҳои алоҳида чунин алоқаҳо муайян гардид: баланд будани худназоратнамоӣ ба устувории эмотсоналӣ, истодагарӣ ва воқеъбинона будан дар муносибат ба зиндагӣ ($r=0,767$, $p<0,01$).

Дар гурӯҳи наврасисарон баёни ҷанбаҳои алоҳидаи агрессия коррелятсия ошкор гардид. Мутаассиршавандагӣ бо агрессияи ҷисмонӣ ($r=0,532$, $p<0,01$), негативизму агрессияи шифоҳӣ бошад, бо агрессияи ҷисмонӣ алоқамандӣ доранд ($r=0,509$ и $r=0,483$, $p<0,01$). Дар маҷмуъ дараҷаи баланди агрессивнокӣ ба зуҳури агрессияи шифоҳӣ ($r=0,900$, $p<0,01$) ва ҳисси гунаҳкорӣ ($r=0,616$, $p<0,01$) муосидат мекунад. Коррелятсияи мусбати аҳаммиятнок байни хусумат ва ҳисси ранҷуршавандагӣ ошкор карда шуд ($r=0,917$, $p<0,01$).

Мувофиқи ақидаи муҳаққиқи соҳаи психологияи клиникӣ, муҳаққиқи рус, Е.Г. Якушенко, ки таҳқиқоташ ба масъалаҳои давраи наврасӣ, ҳолатҳои эмотсионалӣ ва оилаҳои пурраю нопурра ва таъсири онҳо ба наврасон равона гардидааст, натиҷаҳои ба ин монандро ба даст

овардааст, ки натиҷаҳои муҳаққиқи болозикр натиҷаҳои таҳқиқоти моро пурра мегардонанд.

Робитаи байниҳамӣ миёни ҷузъиётҳои алоҳидаи беҳбудии эмотсионалӣ дар вазъиятҳои мактабӣ ва сифатҳои шахсии наврасписарон муайян гардиданд. Яъне, маълум карда шуд, ки тарс аз санҷиши донишҳо боиси баланд гардидани изтироби умумӣ дар мактаб мегардад (г=0,532, р<0,01). Ҳамзамон, тарс аз бо интизориҳои атрофиён мувофиқ наомадан ба муоширати созанда, мутобиқшавӣ, моҳирӣ таъсир мерасонад (г=0,530, р<0,01). Мушкилот ва тарс аз муносибат бо омӯзгор изтироби умумӣ дар мактабро баланд мекунад (г=0,481, р<0;01), фрустратсияи комёбгардӣ (г=0,678, р<0,01) бошад, ба тарс аз вазъияти санҷиши дониш (36) (г=0,572, р<0,01) мусоидат мекунад.

Дар гурӯҳи наврасписарон аз оилаи пурра байни муносибати наврасон ба модар (муносибати системавӣ дар оила) ва ҳолатҳои эмотсоналии онҳо вобастагӣ ошкор карда шуд. Маълум гардид, ки зоҳиршавии роҳнамоӣ ва хусумат дар рафтори модар ҳаётдӯстӣ, боваринокии фарзандонро паст мекунанд (г=-0,593 и г=-0,538 р<0,01).

Ҳангоми таҳлили рафтор ва хусусиятҳои эътинонамоии эмотсионалӣ ба ҳолатҳои фрустратсионӣ ошкор карда шуд, ки дараҷаи баланди экстрапунитивнокӣ вокунишҳои монеагӣ-ҳукмфармоиро баланд мекунад (г=0,621, р<0,01), яъне бо ибораи дигар, майл ба зоҳирнамоии вокунишҳои кушодаи эмотсионалӣ рафтори ригиднокии наврасписаронро ҳангоми бархӯрд бо нокомиҳо ва мушкилот баланд мекунад.

Маълумотҳои овардашуда онро нишон медиҳанд, ки дараҷаи баланди фрустратсия бо осонии муошират, мутобиқшавӣ ва моҳирӣ, (г=-0,463, р<0,05), боҷуръатӣ (г=-0,422, р<0,05) ва устувории эмотсионалӣ (г=-0,469, р<0,05), ҳисси гунаҳкорӣ (г=0;409, р<0,05) алоқамандӣ доранд.

Ҳамзамон, ошкор гардид, ки майл доштан ба ҳисси гунаҳкорӣ устувории эмотсионалиро паст мекунад (г=0-,394, р<0,05). Дараҷаи баланди ҳисси гунаҳкорӣ ҳамчун ҷузъи агрессия бо агрессияи бавосита

($r=0,454$, $p<0,05$) ва мутаасссиршавандагӣ ($r=0,454$, $p<0,05$) мутаносиб аст. Дараҷаи умумии агрессия ба зуҳури агрессияи ҷисмонӣ ($r=0,458$, $p<0,05$) таъсир мерасонад. Зинаи умумии изтиробнокӣ дар мактаб дар наврасписарон ба паст шудани худназоратнамоӣ ($r=-0,449$, $p<0,05$) мусоидат мекунад. «Тарс аз мувофиқ наомадан бо интизориҳои атрофиён» дар наврасписарон бо изтироби умумии мактабӣ алоқамандӣ доранд ($r=0,389$, $p<0,05$).

Мавриди тазаккур аст, ки дараҷаи баланди умед доштан баояндаи худ бо баланд шудани боҷуръатии наврасписарон ($r=0,396$, $p<0,01$), дарки модар аз ҷониби наврас ($r=0,448$, $p<0,05$) мусоидат мекунад. Ҳамзамон, бо дараҷаи муқобилияти пасти физиологӣ ба стресс муносибати манфиро ($r=-0,388$, $p<0,05$) дорад.

Аксуламали ҳимоявии ВАЙ дар ҳолатҳои фрустратсионӣ бо зуҳуроти агрессияи бавосита ($r=0'424$, $p<0,05$) ва шубҳанокӣ ($r=0,427$, $p<0,05$) робитаи мусбат доранд. Бо ибораи дигар, наврасписарони ин гурӯҳ дар баробари устувори пасти стрессӣ доштанашон ҳам ба зоҳир намудани намудҳои фаъоли агрессия майл надоранд. Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки таҳлили коррелятсионӣ ҳолатҳои эмотсионалӣ ва эътинои эмотсионалии наврасписаронро дар вазъияту ҳолатҳои гуногуни иҷтимоӣ ошкор намуд. Бо ибораи дигар, муҳаққиқ Фозилова М.Ҷ. [171] дар рафти таҳқиқоти хеш натиҷаҳои монандро (таъсири муносибатҳои оилавӣ ба зоҳиршавии агрессия) ба даст овард, ки натиҷаҳои ҳосилгардидаи моро пурра мегардонад.

Таҳлили робитаҳои коррелятсионӣ онро нишон доданд, ки ҳолатҳои эмотсионалӣ ва бархе хусусиятҳои шахс алоқаи зич доранд. Дар муҳити иҷтимоӣ наврасписарони оилаи пурра ба кушода зоҳир намудани ҳиссиётҳои манфию мусбати худ майл доранд. Изтироби умумӣ дар мактаб бо тарс аз санҷиши дониш ва мушкилоти дар муносибат бо омӯзгорон алоқамандӣ дорад.

Дар робита ба ин, таҳлили коррелятсионӣ онро нишон дод, ки дараҷаи мутаносиби ҷузъиётҳои ҳолатҳои эмотсионалӣ ва зуҳуроти он ба қадри кофӣ баланд маҳсуб меравад.

Кӯшиш кардем, ҳамаи онро дар ҷадвали зер ҷой диҳем (ҷадвали №14).

*Ҷадвали №14. Арзишҳои назарраси алоқаҳои коррелятсионӣ (наврасписарони гурӯҳи назоратӣ)*

| Нишондиҳандаҳо (рақами тартибии ҳолатҳои эмотсионалӣ) дар ҷадвали №5 оварда шудааст). | Бузургии алоқаҳои коррелятсионӣ | Дараҷаи назаррас |
|---|---|---|
| 7.3 | 0,507 | <0.01 |
| 24,16 | 0,669 | <0,01 |
| 23,19 | 0,777 | <0,01 |
| 23,20 | 0.919 | <0,01 |
| 29,34 | 0,736 | <0,01 |
| 29,35 | 0,546 | <0,01 |
| 28,43 | 0,517 | <0,01 |
| 29,27 | 0,653 | <0,01 |
| 30,25 | 0,564 | <0,01 |
| 31,37 | -0,505 | <0,01 |
| 17,15 | 0,447 | <0,05 |
| 18,1 | -0,418 | <0,05 |
| 19,12 | -0.471 | <0 05 |
| 19,17 | 0.469 | <0,05 |
| 20,12 | -0,388 | <0,05 |
| 22,15 | 0,523 | <0,05 |
| 35,8 | -0,463 | <0,05 |
| 35,32 | 0,484 | <0,05 |
| 36,35 | 0.467 | <0,05 |
| 26,35 | 0,398 | <0,05 |
| 27,10 | -0,401 | <0,05 |
| 30,35 | 0,425 | <0,05 |
| 30,6 | -0,449 | <0,05 |
| 23,22 | 0,402 | <0,05 |

Маълумоти дар ҷадвали №14 овардашуда тафовути муҳимро дар ҷадвалҳои коррелятсионии наврасписарони гурӯҳҳои асосию назоратӣ ишора мекунад ва метавон чунин хулосабарорӣ намуд:

1. Матритсаи коррелятсионӣ дар гурӯҳҳои асосию назоратии навраспсисарон бештар шиддатнок ба ҳисоб меравад. Аз шумораи умумии робитаҳои байниҳамии коррелятсионии ошкоргардида, бештари онҳо бо 5 нишондиҳандаи асосӣ ба як гурӯҳ шомил мешаванд. Ин далолаткунандаи он аст, ки ҷузъёти ҳолатҳои эмотсионалӣ робитаи байниҳамии калонро байни худ доранд.

2. Дар наврасписарони оилаҳои нопурра равшанзоҳиршавии зуҳуроти эмотсионалии онҳо мушоҳида мешавад. Эҳтимол аст, ин соҳаи эмотсионалии равшанзоҳиршавии онҳо бо дезадаптсия ва ҳолати фрустатсионӣ алоқамандӣ дошта бошад. Ҳамзамон, метавон ишора намуд, ки бошиддатии ҳаёти эмотсионалӣ, осебпазирии он дар наврасписарони оилаҳои нопурра боиси пайдош ва ё шаклгирии рушди мушкилоти вобаста ба фаъолияти соҳаи эмотсионалӣ гардад.

3. Дар наврасписарони гурӯҳи назоратӣ матритсаи коррелятсионӣ бештар фуҷур аст ва дар он ду аломат – мушкилот ва тарс аз муносибат бо омӯзгор ва агрессияи ҷисмонӣ ҳукмфармоӣ мекунанд. Дигар аломатҳои соҳаи эмотсионалӣ робитаи суст доранд, ки далолаткунандаи равшанзоҳиршавии хусусиятҳо дар соҳаи эмотсионалӣ мебошад. Дар ин нуқта мо тафовути муҳимро миёнаи наврасписарони гурӯҳи назоратӣ ва асосиро мушоҳида намудем.

Ҳамин тариқ, таҳлили коррелятсионӣ нишон дод, ки миёни наврасписарони оилаҳои нопурра ва пурра як қатор тафовутҳо вуҷуд доранд ва онҳо чунинанд:

– дар наврасписарони оилаи нопурра соҳаи эмотсионалӣ равшанифодаёфта мебошад;

– тавсифдиҳандаҳои эмотсионалӣ як системаеро ташкил медиҳанд, ки барои шаклгирии ҳаяҷонноки баланд, ноустувории соҳаи эмотсионалӣ замина мегузорад;

– дар асоси ноустувории эмотсионалиашон онҳо бештар канорагир, ноумед (ҳолати фрустратсионӣ) ва изтиробнок мебошанд.

Дар масъалаҳои болозикр наврасписарони оилаҳои пурра ҳолатҳои эмотсионалӣ равшан зоҳир намегарданд: мушкилот ва тарс дар муносибат бо омӯзгорон ва агрессияи ҷисмонӣ.

Маълумоти таносуби байни нишондиҳандаҳои гурӯҳи 3-юм дар ҷадвали №15 нишон дода шудааст.

***Ҷадвали №15. Арзишҳои назарраси пайвандҳои коррелятсионӣ (наврасдухтарони гурӯҳи асосӣ)***

| № | Ҳолатҳои эмотсионалӣ | Нишондиҳандаҳо | Бузургии пайвандҳои коррелятсионӣ | Дараҷаи аҳаммиятнокӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | агрессияи ҷисмонӣ; | 11,3 | -0,611 | <0,01 |
| 2. | агрессияи бавосита; | 11,4 | 0,842 | <0,01 |
| 3. | мутаассиршавандагӣ; | 11,9 | 0,374 | <0,01 |
| 4. | негативизм; | 12,1 | -0,440 | <0,01 |
| 5. | ранҷуршавандагӣ; | 14,3 | -0,432 | <0,01 |
| 6. | шубҳанокӣ; | 14,4 | 0,616 | <0,01 |
| 7. | агрессияи шифоҳӣ; | 14,9 | 0,360 | <0,01 |
| 8. | ҳисси гунаҳкорӣ; | 14,11 | 0,520 | <0,01 |
| 9. | шохиси хусуматомезӣ; | 17,15 | 0,412 | <0,01 |
| 10. | шохиси агрессивнокӣ; | 18,15 | 0,614 | <0,01 |
| 11. | вокунишҳои монеагӣ-ҳукмфармоӣ (O-D); | 19,15 | 0,477 | <0,01 |
| 12. | типи вокуниши Вай-ҳимоявӣ (E-D); | 19,17 | 0.599 | <0,01 |
| 13. | типи вокуниши талабӣ-устуворӣ (N-P); | 19,18 | 0,519 | <0,01 |
| 14. | экстрапунитивнокӣ (E); | 22,19 | 0,395 | <0,01 |
| 15. | интрапунитивнокӣ (I); | 24,19 | 0,489 | <0,01 |
| 16. | импунитивнокӣ (M); | 23,22 | 0,481 | <0,01 |
| 17. | нишондиҳандаи CGR; | 35,32 | 0,415 | <0,01 |
| 18. | изтироби умумӣ дар мактаб; | 26,32 | 0,769 | <0,01 |
| 19. | азсаргузаронии стресси иҷтимоӣ; | 26,35 | 0,462 | <0,01 |
| 20. | фрустатсия дар комёбрасӣ; | 33,19 | 0,388 | <0,01 |
| 21. | тарс аз худзоҳирнамоӣ; | 30,37 | 0,393 | <0,01 |
| 22. | тарс аз вазъияти санҷиши донишҳо; | 40,19 | 0,364 | <0,01 |
| 23. | тарс аз оне, ки бо интизориҳои атрофиён мувофиқ наомадан; | 36,10 | 0,362 | <0,01 |
| 24. | муқобилияти физиологии паст ба стресс; | 29,27 | 0,510 | <0,01 |
| 25. | мушкилот ва тарсҳо дар муносибат бо омӯзгорон; | 26,34 | 0,384 | <0,01 |
| 26. | фрустатсия (ноумедӣ); | 11,5 | -0,350 | <0,05 |
| 27. | умед доштан; | 14,10 | 0,382 | <0,05 |
| 28. | шавқу ҳаваси мусбат аз ҷониби модар; | 24,10 | 0,330 | <0,05 |
| 29. | роҳнамоӣ аз ҷониби модар; | 23,14 | 0,350 | <0,05 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | **Идомаи ҷадвали 12.** |
| 30. | хусумат аз ҷониби модар; | 23,4 | 0,350 | <0,05 |
| 31. | автономнокӣ (мустақилӣ) дар рафтори модар; | 23,13 | -0,380 | <0,05 |
| 32. | нопайдарпайӣ дар рафтори модар; | 26,37 | -0,338 | <0,05 |
| 33. | давраи мувақатии ҷудошавӣ; | 33,22 | 0,382 | <0,05 |
| 34. | шумораи кӯдакон дар оилаи ҷудошуда; | 31,13 | 0,330 | <0,05 |
| 35. | устувории эмотсионалӣ. | 30,22 | -0,350 | <0,05 |

Таносуби бадастомадаро дида мебароем (наврасдухтарони гурӯҳи асосӣ) ($p<0,01$).

Дар рафти таҳлил нақшаи коррелятсионӣ аз рӯйи робитаҳои байниҳамӣ чунин аломатҳо бартарӣ доштанд:

– Ранҷуршавандагӣ – 7 алоқа;

– Агрессияи ҷисмонӣ – 3 алоқа.

Чуноне ишора гардида буд, ранҷуршавандагӣ 7 алоқамандиро дар бар мегирад.

Аломатҳои ишорагардида ифодаи онро мекунанд, ки ҳолати психоэмотсионалии наврасдухтарони оилаи нопурра шиддатнок мебошанд.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки майл ба ҳисси гунаҳкорӣ дар наврасдухтарон боиси паст гардидани истодагарӣ, мустақилӣ ($r=-0,350$, $p<0,05$), устувории эмотисоналӣ, воқеъбинона будан дар муносибат ба ҳаёт ($r=-0,611$, $p<0,01$) ва боиси баланд гардидани нооромӣ, ноустуворӣ ($r=0,842$, $p<0,01$), ранҷуршавандагӣ, вобаста будан, талабот ба кумак ва диққат ($r=0,374$, $p<0,01$) мегардонад. Дар робита ба ин, робитаҳои байниҳамии мусбат низ ошкор карда шуданд ва онҳо чунинанд:

– миёни дараҷаи фрустратсионӣ бо дараҷаи нооромӣ ва ноустуворӣ ($r=0,616$, $p<0,01$);

– ранҷуршавандагӣ, вобаста будан, талабот ба кумак ва диққат ($r=0,360$, $p<0,01$), майл ба ҳисси гунаҳкорӣ ($r=0,520$, $p<0,01$) ва алоқамандиҳои байниҳамии манфӣ бо ноустувории эмотсионалӣ ($r=-0,432$, $p<0,01$).

Маълумоти овардашуда нишон медиҳад, ки миёни ҷузъиётҳои гуногуни агрессия муносибат ошкор карда шуд ва онҳо чунинанд: муносибат (алоқа) байни мутаассиршавандагӣ, негативизм ва агрессияи ҷисмонӣ (мутаносибан r=0,412 ва r=0,614; p<0,01). Дар баробари ин, ҳисси ранҷуршавандагӣ дар навбати худ боиси баланд гардидани агрессияи ҷисмонӣ, (r=0>477, p<0,01), мутаассиршавандагӣ (r=0;599> p<0-01) ва негатимизм (r=0,519;p<0,01) мегардад.

Дараҷаи баланди агрессия ва ҳисси гунаҳкорӣ дар наврасдухтарон бо ҳисси ранҷуршавандагӣ алоқаи мутақобила доранд мутаносибан (r=0;489 ва r=0;395, p<0,01).

Алоқаи мутақобила миёни ҷузъиётҳои ҳолати эмотсионалӣ дар вазъиятҳои мактабӣ низ ошкор гардид. Тарс аз худзоҳирнамоӣ ва тарс аз санҷиши донишҳо дараҷаи умумии изтиробро дар мактаб баланд мебардоранд (мутаносибан r=0,415 и r=0;769, p<0,01). Тарс аз санҷиши дониш боиси баланд гардидани тарс аз худзоҳирнамоӣ мегардад (r=0,462, p<0,01).

Дарки хусусиятҳои муносибатҳои оилавӣ аз ҷониби наврасдухтарон ва таъсири муайяни он ба ҳолатҳои эмотсионалии онҳо ошкор гардид. Ҳамин тариқ, роҳнамоии модар ба наврасдухтар боиси баланд гардидани ҳисси ранҷуршавандагӣ (r=0,388, p<0,01) ва ҳисси гунаҳкорӣ (r=0,382, p<0,05) мегардад.

Ҳамзамон, алоқаи мутақобилаи зич миёни аксуламали ҳимоявии ВАЙ ҳангоми бархӯрд бо вазъиятҳои фрустатсионӣ ва зоҳиршавии хусумат дар рафти тарбияи наврасдухтарон аз ҷониби модарони танҳо ошкор гардид (r=0,384, p<0,01).

Дараҷаи баланди ҳисси ноумедӣ дар муносибат ба ояндаи худ дар наврасдухтарон бо ҳисси ранҷуршавандагӣ (r=0,364, p<0,01) ва давмонок будани давраи ҷудошавии волидайн (r=0;393, p<0,01) алоқаи мутақобила мушоҳида гардид. Эҳтимол аст, ин дар бораи таъсири бардавоми манфии ҷудошавии волидайн ба тасаввуроти наврасдухтарон дар бораи ояндаи худ далолат мекунад.

Ҳамзамон, алоқаи мутақобила миёни ҷузъиётҳои мухталифи эътинои наврасдухтарон ба вазъиятҳои фрустатсионӣ ошкор гардид. Майл ба интрапунитивнокӣ ҳангоми эътино ба вазъиятҳои стрессӣ боиси пайдошавии майл ба худгунаҳкорнамоӣ, азсаргузарониҳои таассуротҳои амиқи ботинӣ мегардад ва ин дар навбати худ ба самтнигарониши ҳалли оқилонаи мушкилоти бавуҷудомада мусоидат менамояд (г=0,510, p<0,01).

Таҳлили алоқаҳои алоҳидаи коррелятсионӣ дар наврасдухтарони оилаҳои нопурраро (p<0,05) дида меброем.

Маълумоти робитаҳои коррелятсионӣ онро нишон медиҳад, ки дараҷаи баланди хусумат бо худназоратнамоии наврасдухтарон таносуби манфӣ (г=-0,380, p<0,05) ва бо ҳолати фрустратсионӣ (г=0,350, p<0,05), ноорорӣ ва ноусуворӣ (r=0,350, p<0,05) таносуби мусбатро дорад. Баланд будани агресивнокӣ боиси баланд гардидани канорагирӣ мегардад (г=0,330, p<0,05).

Дар таносуби зичи манфӣ тарс аз вазъияти санҷиши дониш ва давомнок тарбия ёфтан дар оилаи нопурра қарор дорад (г=-0,338, p<0,05). Ҳамзамон, устувории эмотсионалӣ ва худназоратнамоӣ бо давомнок будани давраи ҷудошавии волидайн таносуби мусбатро нишон доданд (мутаносибан г=0,384 ва г=0,356, p<0,05).

Ҳисси умед доштан дар муносбат ба ояндаи худ дар наврасдухтарон ба худназораткунӣ мусоидат менамояд (г=0^330; p<0,05). Дараҷаи баланди ноумедӣ дар муносибат бо ояндаи худ ҳисси гунаҳкорӣ (г=-0,350, p<0,05) ва вокунишҳои талаботӣ-устуворӣ ба вазъиятҳои стрессиро (г=-0,385, p<0,05) коҳиш медиҳад.

Тобиши манфии интизориҳо дар бораи ояндаи наздик ва дур тамоюли наврасдухтаронро ба дарёфти роҳи ҳалли оқилонаи ҳолатҳои фрустратсионӣ ба таври назаррас коҳиш медиҳад, аммо дар масъалаи мубориза бо ҳисси гунаҳкорӣ кумакрасон мебошад.

Ҳамин тариқ, таҳлили таносуби ҷузъҳои гуногуни ҳолатҳои эмотсионалӣ ва низоми муносибатҳо дар оилаи наврасдухтарони

оилаҳои ҷудошуда нишон дод, ки устувории эмотсионалӣ ва худдорӣ ба муддати дароз дар оилаи ҷудошуда робитаи мусбат дорад. Дар асоси маълумоти гирифташуда тахмин кардан мумкин аст, ки наврасдухтарон пас аз ҷудошавии волидайн барои ноил шудан ба ҳолати нисбатан устувори психоэмотсионӣ ба онҳо муддати хеле тулонӣ лозиманд. Гузашта аз ин, хусусиятҳои тарбияи модари танҳо ба рушди шахсият ва рушди эмотсионалии наврасдухтарон таъсири ҷиддӣ мерасонад. Масалан, рафтори роҳнамоии модар ба ташаккули ҳисси гунаҳкорӣ ва ранҷуршавандагии наврасдухтарон мусоидат мекунад. Таҳлили коррелятсионӣ инчунин нишон дод, ки дараҷаи таносуби ҷузъиётҳои ҳолатҳои эмотсионалӣ ба қадри кофӣ баланд мебошанд.

Маълумот дар бораи арзишҳои робитаҳои таносуби байни нишондиҳандаҳои гурӯҳи 4-ум дар ҷадвали №16 оварда шудааст.

Таносуби бадастомадаро дида мебароем (наврасдухтарони оилаҳои пурра) ($p<0,01$). Дар натиҷаи таҳлили коррелятсионӣ дар гурӯҳи наврасдухтарони оилаҳои пурра байни ҷузъҳои гуногуни ҳолати эмотсионалӣ робитаҳои зерин муқаррар карда шуданд. Дар маҷмуъ, дараҷаи баланди агрессивнокӣ ба зуҳури намуди агрессияи бавосита мусоидат мекунад ($r=0,669$, $p<0,01$). Дараҷаи баланди хусумат бо шубҳанокӣ (20) ($r=0,919$, $p<0,01$) ва ҳисси ранҷуршавандагӣ ($r=0,777$, $p<0,01$), инчунин ҳисси гунаҳкорӣ (22) ($r=0,402$, $p<0,05$) алоқаманд аст.

Ҳамин тариқ, метавон тахмин кард, ки наврасдухтароне, ки бо ҳарду волидайн зиндагӣ мекунанд, ба зуҳуроти намудҳои фаъоли агрессия майл надоранд. Мушкилот ва тарсу ҳарос дар муносибат бо омӯзгорон дараҷаи фрустратсиониро аз зарурати ноил шудан ба муваффақият (34) ($r=0,736$, $p<0,01$) ва тарс аз вазъи санҷиши дониш ($r=0,546$, $p<0,01$) зиёд мекунад.

Дар гурӯҳи наврасдухтарон таносуб байни хусусиятҳои вокуниш ба ҳолатҳои стрессӣ ва хусусиятҳои тарбия дар оилаи мукаммал муайян карда шуд. Экстрапунитивнокӣ (Е) дар вокуниш ба ҳолатҳои

фрустратсионӣ бо зуҳуроти роҳнамоӣ дар рафтори модар нисбат ба наврасдухтараш алоқаманд аст ($r=0,517$, $p<0,01$). Яъне наврасдухтарон дар ҳолатҳои фрустратсионӣ ба ошкоро зоҳир кардани вокунишҳои эмотсионалии гуногун майл доранд.

Дараҷаи баланди интиқомпазирӣ (интрапунитивнокӣ) дар наврасдухтарон бо навъи вокунишҳои доимӣ ба стресс ($r=0,653$, $p<0,01$) таносуби мусбат дорад. Бо ибораи дигар, тамоюли худайбдоркунӣ, азсаргузаронии таассуротҳои амиқи ботинӣ тамоюли наврасонро ба дарёфти роҳҳои ҳалли оқилонаи мушкилот афзоиш медиҳад. Импунитивнокӣ бо навъи монеа-бартаридоштаи вокунишҳо ба ҳолатҳои стресс ($r=0,564$, $p<0,01$) ва мустақилият дар рафтори модар нисбат ба духтари наврасаш ($r=0,425$, $p<0,05$) алоқаманд аст. Бо ибораи дигар, зуҳуроти як дараҷаи бепарвоӣ ва бетаваҷҷуҳӣ дар наврасдухтарон боиси пайдошавии рафтори ригиднокии онҳо дар ҳолатҳои стрессӣ ва набудани назорат аз ҷониби модарон алоқамандӣ дорад. Рафтори стандартикунонидашуда (GCR) дар ҳолатҳои стрессии наврасдухтарон тарси қонеъ накардани интизориҳои дигаронро коҳиш медиҳад ($r=-0,505$, $p<0,01$).

Робитаи байниҳамӣ байни хусусиятҳои тарбия дар оилаи пурра ва ҳолати эмотсионалии наврасдухтарон дар ҳолатҳои мактабӣ пайдо шуданд. Ҳамин тариқ, зуҳуроти номувофиқ дар рафтори модар нисбат ба наврасдухтар тарси духтаронро аз вазъи санҷиши дониш ($r=0,398$, $p<0,05$), инчунин сатҳи мушкилот ва тарс дар муносибат бо омӯзгорон ($r=0,467$, $p<0,05$) зиёд мекунад.

Таҳлили таносуби алоҳидаи азсаргузарониҳои эмотсионалиро (дар дараҷаи $p<0,05$) дида мебароем.

Мутаассиршавандагӣ бо агрессияи ҷисмонӣ мусбӣ алоқаманд аст ($r=0,447$, $p<0,05$). Дар баробари ин, ҳисси ранҷуршавандагӣ ба афзоиши мутассиршавандагӣ ($r=0,469$, $p<0,05$) мусоидат мекунад. Ҳисси

гунаҳкорӣ бо дараҷаи агрессияи ҷисмонӣ таносуби мусбӣ доранд (r=0,523, p<0,05).

Тарс аз вазъияти санҷиши дониш дар вазъиятҳои мактабӣ дар наврасдухтарон ба зоҳиршавии дараҷаи изтиробнокии умумӣ дар мактаб (г=-0,484, p<0,05) мусоидат мекунад. Ҳисси ноумедӣ дар муносибат баояндаи худ бо хушҳолӣ ва эътимоднокии наврасдухтарон мутаносиби манфӣ дорад (г=-0,449, p<0,05).

Ҳамин тариқ, таҳлили коррелятсионӣ нишон дод, ки наврасдухтарони оилаи пурра дорои як қатор хусусиятҳои зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалиро доранд. Наврасдухтарон ҳангоми зоҳир намудани агрессия бештар ба намоиши агрессияи бавосита майл доранд. Тарс аз вазъияти санҷиши дониш дар вазъиятҳои мактабӣ ба баланд шудани изтироби умумӣ дар мактаб мусоидат мекунад.

Таҳлили натиҷаҳои болозикрро дар диаграммаи №1 овардаем[7].




***Диаграммаи №1. Таносуби коррелятсионии аломатҳо дар наврасдухтарон***

Маълумотҳои дар диаграммаи №1 овардашуда тафовутҳои аҳаммиятноки гурӯҳи наврасдухтарони гурӯҳи асосию назоратиро

[7] Аломати «-» маънои онро дорад, ки коррелятсияи аҳаммиятнок дар гурӯҳи навраеписарон ошкор нагардид.

ифода мекунад, ки онҳо чунинанд:

1. Матритсаи коррелятсионии наврасдухтарони гурӯҳи асосӣ нисбат ба наврасдухтарони оилаҳои пурра шиддатноктар мебошанд. Дар навбати худ бо якчанд аломатҳо бо ҳам робитаи байниҳамӣ доранд, ки онҳоро метавон ҳамчун комплекси «фрустратсионӣ-ҳисси гунаҳкорӣ» шарҳ дод.
2. Матритсаи коррелятсионии гурӯҳи наврасдухтарони назоратӣ бошад, аз 24 робитаҳои корелятсионӣ 10 робитаҳои зичро фаро гирифта, дар маҷмӯъ 4 нишондиҳандаро фаро мегиранд ва онҳоро метавон ҳамчун «назорати рафтор» номид.
3. Таҳлили тафриқавии матритсаҳои коррелятсионии ду гурӯҳи наврасдухтарон дар бораи зоҳиршавии бошиддатии эмотсионалӣ далолат мекунанд.

Ҳамин тариқ, таҳлили коррелятсионӣ онро нишон дод, ки миёни наврасдухтарон аз оилаҳои нопурра ва пурра як қатор тафовутҳо вуҷуд доранд. Дар наврасдухтарони оилаҳои нопурра ҳолати фрустатсионӣ, майл ба ҳисси гунаҳкорӣ, хусумат ва ҳисси ранҷуршавндагӣ ҳукмфармо аст. Ин гуна тамоюл боиси агрессивнокӣ ва саршори эмотсияҳои манфӣ мегардад. Наврасдухтарони оилаҳои пурра ба вазъиятҳои номусоид майл ба эътинои мувофиқро доранд.




***Диаграммаи №2. Таносуби коррелятсионии аломатҳо дар наврасписарон***

Дар навраписарон ин бо азсаргузаронихои саршори эмотсияҳои манфӣ алоқамандӣ дорад (ҳолати фрустратсионӣ, ҳисси гунаҳкорӣ, изтироби умумӣ дар мактаб, тарс аз мувофиқат накардан бо интизориҳои дигарон ва ғ.). Дар наврасдухтарон бошад, бо ҳаяҷоннокӣ ва ҳолати фрустатсионӣ вобастагӣ дорад. Дар ин росто, чуноне аз ҷадвалҳо бармеояд, зоҳиршавии эмотсияҳои манфӣ дар оилаҳои нопурра нисбат ба оилаҳои пурра равшан ифода ёфтаанд.

## 3.3. Таъсири талоқ ба рушди соҳаи эмотсионалии наврасон

Дар натиҷаи омӯхтани ҳолатҳои эмотсионалии наврасон, хусусан типҳои асосии агрессия дар наврасон тариқи истифодаи саволномаи Басс-Дарки муяссар гардид. Ҳамзамон тафовути гендерӣ, яъне тафовут миёни навраписарон ва наврасдухтарон низ таҳлили муқоисавӣ гузаронида шуд. Маълумоти пурраи таҳлили муқоисавии дараҷаи агрессия дар ҷадвали №16 нишон дода шудааст.

***Ҷадвали №16. Зоҳиршавии агрессия дар навраписарон*[8]**

| Нишондиҳандаҳо | Гурӯҳҳо | | Дараҷаи аҳаммиятнокӣ |
|---|---|---|---|
| | Асосӣ | Назоратӣ | |
| Агрессияи ҷисмонӣ | 6,84-31,72 | 6,43-32,00 | |
| Агрессияи бавосита | 5,00-31,69 | 4,29-1,5 | |
| Мутаасиршавандагӣ | 5,75-1,71 | 4,75-32,01 | <0,05 |
| Негативизм | 3,47-31,04 | 2,75-31,37 | <0,05 |
| Ранҷуршавандагӣ | 4,88-31,86 | 3,68-32,03 | <0,01 |
| Шубҳанокӣ | 4,69-2,25 | 5,04-32,09 | |
| Агрессияи шифоҳӣ | 8,18-31,78 | 7,43-32,97 | - |
| Ҳисси гунаҳкорӣ | 5,22-2,20 | 5,25-32,22 | - |
| Шохиси агрессивнокӣ | 4,67-0,69 | 4,14-31,24 | - |
| Шохиси хусуматомезӣ | 5,42-31,52 | 4,33-31,94 | <0,01 |

[8] Эзоҳ. Аломати «-» маънои онро дорад, ки ҳангоми муқоисаи арзишҳои миёна фарқияти аз ҷиҳати оморӣ муҳим муайян нагардид.

Фарқияти назаррас дар арзишҳои миёна дар гурӯҳи наврасписарон дар ҷадвали №16 оварда шудааст.




| | Мутаассир-шавандагӣ | Негативизм | Ранҷуршаван дагӣ | Индекси хусуматомезӣ |
|---|---|---|---|---|
| Гурӯҳи асосӣ | 5,75 | 3,47 | 4,88 | 5,42 |
| Гурӯҳи назоратӣ | 4,75 | 2,75 | 3,68 | 4,33 |

***Диаграммаи №3. Зоҳиршавии агрессия дар наврасписарон***

Муқоисаи дараҷаи зоҳиршавӣ ва самти агрессия дар наврасписарон дар ду гурӯҳ (диаграммаи №3) нишон дод, ки дараҷаи умумии агрессия дар наврасписарони аз оилаҳои ҷудошуда каме баландтар мебошад. Ин бештар дар шкалаҳои мутаассиршавандагӣ (р+0,05), негативизм (р<0,05) ва ҳисси гунаҳкорӣ (р<0,01) зоҳир мегардад. Тафовутҳои аз ҷиҳати оморӣ муҳим дар ҷадвали шохиси хусуматомезӣ (р<0.01) пайдо шуданд.

Ҳамин тариқ, метавон ишора намуд, ки наврасписарони оилаҳои ҷудошуда дар рафтори худ ба зуҳуроти агрессияи ошкоро ва фаъол майл надоранд. Ҳамзамон, ишораҳои мазкурро арзёбии коршиносон-омӯзгорон ва мушоҳидаи дарозмуддати рафтор ва вокунишҳои эмотсионалии онҳо ҳангоми кори гурӯҳӣ ва муошират бо ҳамсолон ва муаллимон тасдиқ мекунанд.

Маълумоти таҳлили муқоисавии дараҷаи агрессия дар наврасдухтарон низ мавриди таҳлили тафриқавӣ қарор гирифт ва он дар ҷадвали №17 оварда шудааст.

*Ҷадвали №17. Зоҳиршавии агрессия дар наврасдухтарон*[9]

| Нишондиҳандаҳо | Гурӯҳҳо | | Дараҷаи аҳаммиятнокӣ |
|---|---|---|---|
| | **Асосӣ** | **Назоратӣ** | |
| Агрессияи ҷисмонӣ | 6,84-31,72 | 6,43-32,00 | |
| Агрессияи бавосита | 5,00-31,69 | 4,29-1,65 | |
| Мутаассиршавандагӣ | 5,75-1,71 | 4,75-32,01 | <0,05 |
| Негативизм | 3,47-31,04 | 2,75-31,37 | <0,05 |
| Ранҷуршавандагӣ | 4,88-31,86 | 3,68-32,03 | <0,01 |
| Шубҳанокӣ | 4,69-2,25 | 5,04-32,09 | |
| Агрессияи шифоҳӣ | 8,18-31,78 | 7,43-32,97 | - |
| Ҳисси гунаҳкорӣ | 5,22-2,20 | 5,25-32,22 | - |
| Шохиси агрессивнокӣ | 4,67-0,69 | 4,14-31,24 | - |
| Шохиси хусуматомезӣ | 5,42-31,52 | 4,33-31,94 | <0,0l |

Тафовути назарраси арзишҳои миёнаи дараҷаи зуҳуроти агрессия дар наврасдухтаронро метавон дар диаграммаи №4 мушоҳида намуд.




| | Мутаассир-шавандагӣ | Негативизм | Ранҷуршавандагӣ | Агрессияи ҷисмонӣ | Ҳисси гунаҳкорӣ | Шохиси хусумат о-мезӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Гурӯҳи асосӣ | 5,85 | 5,39 | 4,68 | 5,65 | 6,03 | 4,75 |
| Гурӯҳи назоратӣ | 4,19 | 2,59 | 3,63 | 4,26 | 4,63 | 3,77 |

***Диаграммаи №4. Зоҳиршавии агрессия дар наврасдухтарон***

Дар гурӯҳи наврасдухтарони оилаҳои ҷудошуда маълум гардид, ки дар онҳо дараҷаи агрессияи ҷисмонӣ ($p<0,05$), мутаассиршавандагӣ ($p<0,01$) ва хусумат ($p<0,05$) ба таври назаррас баланд мебошад. Ҳамзамон, негативизм ($p<0,01$), ранҷуршавандагӣ ($p<0,01$) ва ҳисси гунаҳкорӣ ($p<0,01$) нисбат ба наврасдухтарони оилаҳои пурра баландтар зоҳир мегардад.

[9] Эзоҳ. Аломати «-» маънои онро дорад, ки ҳангоми муқоисаи арзишҳои миёна фарқияти аз ҷиҳати оморӣ муҳим муайян нагардид.

Бояд гуфт, ки дараҷаи ҳисси гунаҳкорӣ нисбат ба ҳама намудҳои агрессия, ки тавассути методикаи дар боло ишорашуда ташхис шудаанд, нисбатан нишондиҳандаи баландро нишон дод. Ин бо он эмотсияҳое, ки наврас дар рафти ҷудошавӣ аз сар мегузаронад, алоқамандӣ дорад. Ин метавонад бо муҳити атроф низ алоқамандӣ дошта бошад, ки тамоюли наврасдухтаронро ба зуҳуроти агрессияи хоси ҷинси онҳо набуда, яъне агрессияи ҷисмонӣ такон диҳад. Яъне дар наврасдухтарони оилаҳои ҷудошуда майл ба фаъолона зоҳир намудани эмотсияҳои манфӣ бо эҳтимолияти агрессияи ҷисмонӣ мушоҳида мешавад.

***Таҳлили натиҷаҳои тести расмҳои фрустатсионии С. Розензвейг.*** Натиҷаҳои таҳлили муқоисавии хусусиятҳои рафтор ва вокунишҳои (вокунишҳо) эмотсионалии наврасон дар ҳолатҳои фрустратсионӣ (ноумедӣ) бо истифода аз тести расмҳои фрустратсионии С. Розензвейг муайян ва ошкор гардиданд ва онҳо дар ҷадвалҳои №18 оварда шудаанд.

**Ҷадвали №18. Дараҷаи устуворӣ ба стресс дар наврасписарон**[10]

| Нишондиҳандаҳо | Гурӯҳҳо | | Дараҷаи назаррас |
|---|---|---|---|
| | Асосӣ | Назоратӣ | |
| Аксуламалҳои монеагӣ-ҳукмфаармоӣ (O-D) | 23,81-9,79 | 26,40-11,49 | - |
| ВАЙ (ЭГО)-типи вокуниши ҳимоявӣ (E-D) | 38,06-37,67 | 30,72-37,70 | <0,05 |
| Типи вокунишҳои зарурӣ (N-P) | 42;52-9,36 | 39,20-11;78 | |
| Экстропунитивнокӣ (E) | 51,75-318,98 | 50,44-13,71 | - |
| Интропунитивнокӣ (I), | 24,21-38,76 | 18,89-9,93 | <0,05 |
| Импувитивнокӣ (M) | 24,01-312,67 | 30,65-39,58 | <0,05 |
| Нишондиҳандаи CGR | 30;92-13,36 | 32;31-13;74 | - |

Фарқиятҳои назаррас дар арзишҳои миёна дар гурӯҳи наврасписарон муайян карда шудаанд ва онҳо дар диаграммаи №5 дарҷ гардидаанд.

[10] Эзоҳ. Аломати “-” маънои онро дорад, ки ҳангоми муқоисаи арзишҳои миёна фарқияти аз ҷиҳати оморӣ муҳим муайян нагардид.




***Диаграммаи №5. Дараҷаи устуворӣ ба стресс дар наврасписарон***

Чуноне ки аз диаграммаи №5 маълумамон мегардад, тафовути назаррас ба даст оварда шудаанд ва ин тафовути назаррасро дар нишондиҳандаҳои миёнаи гурӯҳии зерин метавон мушоҳида намуд:

– ВАЙ (ЭГО)-типи вокуниши ҳимоявӣ (E-D) (p+0,05);

– Интропунитивнокӣ (I) ($p<0,05$);

– Импувитивнокӣ (М) ($p<0,05$).

Наврасписарони аз оилаҳои ҷудошуда ҳангоми муҳокимаи ҳолатҳои душвори тахаюлотӣ дараҷаи пасти устуворӣ ба стрессро нишон доданд. Дар асоси ин метавон ишора намуд, ки ин гурӯҳи наврасписарон хеле ҳассос, ранҷуршаванда ва таъсирпазиранд (E-D). Аҳаммиятнокии паст аз рӯйи нишондиҳандаҳои “Интропунитивнокӣ (I)” аз он шаҳодат медиҳанд, ки онҳо ба худайбдоркунӣ, азсаргузарониҳои дарозмуддати ботинии таассуротҳои нокомӣ ва душвориҳо (воқеӣ ё хаёлӣ) майл доранд. Дар баробари ин, онҳо эҳтимол кӯшиш мекунанд, ки пайдоиши ҳолатҳои стрессиро пешгирӣ кунанд (М).

Ҳамзамон, дар асоси маълумоте, ки дар рафти таҳқиқот ба даст оварда шудааст, метавон гуфт, ки чунин хусусиятҳои рафтор дар ҳолатҳои фрустратсионӣ (ноумедӣ) метавонад мутобиқшавии иҷтимоии наврасписарони оилаҳои ҷудошударо мушкилтар гардонанд. Натиҷаҳои таҳлили муқоисавии арзишҳои миёнаи гурӯҳӣ дар наврасдухтарон дар диаграммаи №6 оварда шудааст.




***Диаграммаи №6. Дараҷаи устуворӣ ба стресс дар наврасдухтарон***

Ҳангоми таҳлили натиҷаҳои тести мазкур дар гурӯҳи наврасдухтарон тавофутҳои назаррас дар нишондиҳандаҳои зерин ошкор гардиданд:

– “типи вокунишҳои зарурӣ (N-P)” (p<0,01);

– интропунитивнокӣ (I) (p<0,05);

– вокунишҳои монеагӣ-ҳукмфармоӣ (O-D) (p<0,05).

Дар асоси маълумоти бадастомада метавон тахмин кард, ки наврасдухтарони оилаҳои ҷудошуда одатан мушкилоти бавуҷуд омадаро ҳамчун як чизи додашуда қабул мекунанд, ки пешгирӣ кардан мумкин нест, вале бояд бартараф карда шавад (O-D).

Аммо, дар робита ба ин, онҳо эҳтимолан ба дарёфти роҳи ҳалли оқилонаи мушкилоти пайдошаванда (N-P) нигаронида шудаанд, гарчанде онҳо дар муқоиса бо наврасдухтарони оилаҳои пурра ҷиҳати ҷалби кумак аз одамони гирду атроф (I) кӯшиш намекунанд. Илова бар ин, зуҳуроти нишондиҳандаи CGR ба мо имкон медиҳад, ки тамоюли рафтори ғайримуқаррарии наврасдухтарони оилаҳои ҷудошударо дар ҳолатҳои стрессӣ муайян кунем (c<0,05).

Дар маҷмуъ, дар асоси маълумоти дар рафти тадкиқот бадастомада метавон ишора намуд, ки наврасдухтарони оилаҳои ҷудошуда дар муқоиса бо навраcписарони оилаҳои ҷудошуда ҳангоми дучор шудан бо вазъиятҳои фрустатсионӣ фаъолтар мебошанд.

***Таҳлили натиҷаҳои тести изтироби мактабии Филиппс.*** Омӯзиш ва ташхиси ҳолати эмотсионалии наврасон дар муассисаҳои таълимӣ бо истифода аз тести изтироби мактабии Филлипс омӯзиш ва ташхис карда шуданд. Натиҷаҳои он дар ҷадвалҳои №19 ва №20 оварда шудааст.

**Ҷадвали №19. Дараҷаи изтироби мактабӣ дар навраcписарон**[11]

| Нишондиҳандаҳо | Гурӯҳҳо | | Дараҷаи аҳаммиятнокӣ |
|---|---|---|---|
| | Асосӣ | Назоратӣ | |
| Изтироби умумӣ дар мактаб | 37,57-17,37 | 23,04-313,02 | <0,01 |
| Азсаргузаронии стресси иҷтимоӣ | 45,27-32,12 | 34,41-311,95 | <0,05 |
| Ноумедӣ аз маром ба комёбгардӣ | 44,39-31,09 | 29,84-9,92 | <0,01 |
| Тарс аз худзоҳирнамоӣ | 51,95-32,41 | 32,59-21,48 | <0,01 |
| Тарс аз санҷиши дониш | 48,17-31,45 | 34,40-321,22 | <0,05 |
| Тарс аз мувофиқат накардан бо интизориҳои атрофиён | 33,92-32,20 | 37,14-26,50 | |
| Муқовимати пасти физиологӣ ба стресс | 20,20-31,78 | 12,14-316,63 | <0,05 |
| Мушкилот ва тарс дар муносибат бо омӯзгорон | 49,26-14,01 | 32,59-15,71 | <0,01 |

**Ҷадвали №20. Дараҷаи изтироби мактабӣ дар наврасдухтарон**

| Нишондиҳандаҳо | Гурӯҳҳо | | Дараҷаи аҳаммиятнокӣ |
|---|---|---|---|
| | Асосӣ | Назоратӣ | |
| Изтироби умумӣ дар мактаб | 47,46-317,98 | 21,54-39,56 | <0,01 |
| Азсаргузаронии стресси иҷтимоӣ | 32,98-314,18 | 30,03-14,77 | <0,01 |
| Ноумедӣ аз маром ба комёбгардӣ | 32,13-311,69 | 30,42-15,03 | <0,01 |
| Тарс аз худзоҳирнамоӣ | 48,76-321,03 | 37,15-20,54 | <0,01 |
| Тарс аз санҷиши дониш | 48,49-322,78 | 28,39-12,41 | <0,01 |
| Тарс аз мувофиқат накардан бо интизориҳои атрофиён | 57,10-322,05 | 28,89-312,19 | <0,01 |
| Муқовимати пасти физиологӣ ба стресс | 43,87-23,07 | 17,04-9;15 | <0,01 |
| Мушкилот ва тарс дар муносибат бо омӯзгорон | 40,93-313,61 | 37,04-317,15 | <0,01 |

[11] Эзоҳ. Аломати “-“ маънои онро дорад, ки ҳангоми муқоисаи арзишҳои миёна фарқияти аз ҷиҳати оморӣ муҳим муайян нагардид.

Тафовути назаррасе, ки ҳангоми муқоисаи арзишҳои миёна дар гурӯҳи наврасписарон муайян ва ошкор карда шудаанд, дар диаграммаи №7 ба таври муфассал оварда шудаанд.




| | Изтироби умумӣ дар мактаб | Азсаргузарони и стрессиичтимоӣ | Ноумедӣ аз нокомиҳо | Тарс аз худзоҳирнамоӣ | Тарс аз санҷиши дониш | Муқобилияти пасти физиологӣ ба стресс | Мушкилот ва тарс дар муносибат бо омӯгор |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Гурӯҳи асосӣ | 37,57 | 45,27 | 44,39 | 51,95 | 48,17 | 20,2 | 49,26 |
| Гурӯҳи назоратӣ | 23,04 | 34,41 | 29,84 | 32,59 | 34,4 | 12,14 | 32,59 |

***Диаграммаи №7. Дараҷаи изтироби мактабӣ дар наврасписарон***

Наврасписарони оилаҳои ҷудошуда (диаграммаи №7) эҳтимоли зиёд нисбат ба наврасписарони оилаҳои пурра ҳолати умумии эмотсионалии номусоидро, ки бо шаклҳои гуногуни шомилшавии онҳо ба ҳаёти мактабӣ алоқаманданд, аз сар мегузаронанд (p<0,01). Эҳтимол, онҳо дар муносибат бо калонсолон (p<0,01) ва ҳамсолон дар мактаб (p<0,05), инчунин дар ҳолатҳои марбут ба зарурати ошкор кардани худ, нишон додани қобилиятҳои худ (p<0,01) ва ҳангоми санҷиши дониш (p<0,05) майл ба азсаргузарониҳои эмотсияҳои манфиро доранд (p<0,05).

Дар ин асос, метавон тахмин кард, ки онҳо дар амалисозии эҳтиёҷоти худ ҷиҳати комёбрасӣ ва ноил шудан ба натиҷаҳои баланд дар фаъолияти таълимӣ ба мушкилот дучор мешаванд (p<0,01). Ҳамин тариқ, эҳтимоли зиёд вуҷуд дорад, ки наврасписарони оилаҳои ҷудошуда дар шароити мактабӣ бинобар сабаби аз худ боварӣ надоштан (аз рӯйи мушоҳида ва фикру мулоҳизаҳои омӯзгорон) эмотсияҳои манфиро аз сар мегузаронанд (изтироб ва тарс) ва ин дар навбати худ метавонад ба мутобиқшавии иҷтимоӣ ва психологӣ таъсири манфӣ расонад.

Ҳамин гуна натиҷаҳо дар гурӯҳи наврасдухтарон аз рӯйи ҳамаи шкалаҳои тести изтиробии мактаби Филлипс тафовути назаррас ошкор гардид. Натиҷаҳои он дар диаграммаи №8 ишора шудаанд.




| | Изтиробии умумӣ дар мактаб | Азсаргузаронии стресси ичтимой | Ноумедӣ аз нокомиҳо | Тарс аз худзоҳирнамой | Тарс аз санҷиши дониш | Муқобилияти пасти физиологӣ ба стресс | Мушкилот ва тарс дар муносибат бо омӯгор | Тар аз интизориҳои атрофиён |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Гурӯҳи асосӣ | 47,46 | 32,98 | 32,13 | 48,76 | 48,49 | 43,86 | 40,93 | 57,1 |
| Гурӯҳи назоратӣ | 21,54 | 30,03 | 30,42 | 37,15 | 28,39 | 17,04 | 37,04 | 28,89 |

***Диаграммаи №8. Дараҷаи изтироби мактабӣ дар наврасдухтарон***

Маълумоти бадастомада (диаграммаи №8) нишон медиҳад, ки наврасдухтарони ин гурӯҳ эҳтимолияти бештари муҳити мактабро дар маҷмуъ нисбат ба наврасдухтарони оилаҳои пурра на он қадар мусоид мешуморанд (р <0,01).

Эҳтимол меравад, ки наврасдухтарони оилаҳои ҷудошуда дар вазъиятҳои мактабӣ ҳангоми санҷиши дониши онҳо (р<0,01), инчунин дар ҳолатҳое, ки зарурати худзоҳирнамоӣ, нишон додани қобилиятҳои худ (махсусан дар ҷомеа) доранд, изтиробро аз сар мегузаронанд (р<0,01).

Дар баробари ин, ин гурӯҳи наврасдухтарон ба арзёбии амалҳои худ, баҳодиҳии худро ба амалҳо ва фикрҳои худ ба дигарон равона созанд ва аз баҳоҳои дигарон нигаронӣ мекунанд (р<0,01). Онҳо инчунин эҳтимол дорад, ки аз муҳити иҷтимоии худ интизории баҳодиҳии манфӣ

(p+0,0l) дошта бошанд. Дар ин асос метавон ишора намуд, ки дараҷаи баланди изтироби мактабӣ дар наврасдухтарони оилаҳои ҷудошуда метавонад ба рушди зуҳуроти вокуниши харобиовар ба омили нигаронкунандаи муҳити мактаб мусоидат намояд.

***Таҳлили натиҷаҳои тести Бек.*** Натиҷаҳои омӯзиши муносибат баояндаи онҳо дар байни наврасон миёни оилаҳои пурра ва нопурра бо истифода аз саволномаи Бек гузаронида шуд ва онҳо дар ҷадвалҳои №21 ва №22 оварда шудаанд.

**Ҷадвали №21. Муносибат ба оянда дар навраписарон**

| Нишондиҳандаҳо | Гурӯҳҳо | | Дараҷаи аҳаммиятнокӣ |
|---|---|---|---|
| | Асосӣ | Назоратӣ | |
| Умед ба оянда | 26,96-4,28 | 26,79-34,40 | - |
| Ноумедӣ (ба оянда умед надоштан) | 24,76-34,94 | 19,36-3,81 | <0,0l |

**Ҷадвали №22. Муносибат ба оянда дар наврасдухтарон**

| Нишондиҳандаҳо | Гурӯҳҳо | | Дараҷаи аҳаммиятнокӣ |
|---|---|---|---|
| | Асосӣ | Назоратӣ | |
| Умед ба оянда | 26,96-4,28 | 26,79-34,40 | - |
| Ноумедӣ (ба оянда умед надоштан) | 24,76-34,94 | 19,36-3,81 | <0,0l |

Тафовутҳои назаррасе, ки ҳангоми муқоисаи арзишҳои миёна дар гурӯҳҳои навраписарон ошкор карда шуданд, дар диаграммаи №9 оварда шудаанд.




***Диаграммаи №9. Муносибати навраписарон ба оянда***

Аз маълумоти дар диаграммаи №9 овардашуда маълум мегардад, ки навраснисарони оилаҳои нопурра нисбат ба навраснисарони оилаҳои пурра нисбати ояндаи худ тасаввуроти манфиро доранд (р+0,01). Эҳтимол аст, набудани яке аз волидайн ба идроки наврасон ҷиҳати дарки ояндаи худ муносибати пессимистонаро диҳад.

Натиҷаҳои муқоисаи фарқиятҳои боэътимоди арзишҳои миёнаи азсаргузарониҳо нисбати ояндаи худ дар гурӯҳи наврасдухтарон дар диаграммаи №10 ишора шудаанд.




**Диаграммаи №10. Муносибати наврасдухтарон ба оянда**

Наврасдухтарони оилаҳои нопурра (диаграммаи №10) аз рӯи нишондиҳандаи «Умед доштан» баҳои аз миёна пасттарро (р<0,01) гирифтанд ва аз рӯйи нишондиҳандаи “Умед надоштан” бошад, аз миёна баландтарро соҳиб гардиданд (р<0,01). Ҳамин тариқ, духтарони 14-15-сола, ки танҳо аз ҷониби модар тарбия ёфтаанд, назар ба духтарони оилаҳои пурра нисбат ба ояндаи наздик ва дури худ бештар ноумедиро аз сар мегузаронанд. Далели мазкур ташвишовар аст, зеро наврасон дар ин синну сол афзалиятҳоро барои ояндаи худ муайян намуда, интихоби касбиро амалӣ мекунанд. Дар ин гуна ҳолатҳои ноумедӣ чӣ гуна ду кори бузургро ба анҷом расонида метавонанд?!

***Таҳлили натиҷаҳои анкетаи “Арзёбии экспертӣ”.*** Дар рафти истифодаи арзёбии экспертӣ, ки ба сифати коршиносон омӯзгорон иштирок доштанд, ҳолатҳои эмотсионалии наврасонро баҳогузорӣ намуданд. Натиҷаҳои он дар ҷадвалҳои №23 ва №24 инъикос

ёфтаанд. Тафовутҳои назаррас дар байни писарон ва духтарон аз оилаҳои гуногун ба даст оварда шуданд.

**Ҷадвали №23. Арзёбии экспертӣ нисбати навраписарон**[12]

| Нишондиҳандаҳо | Гурӯҳҳо | | Дараҷаи аҳаммиятнокӣ |
|---|---|---|---|
| | Асосӣ | Назоратӣ | |
| Шавқу ҳавас ба гирифтани дониш ва ба таълим | 1,75-30,78 | 2;43-0,69 | <0,01 |
| Фаъолӣ дар таълим | 1,77-30,68 | 2,25-30,75 | <0,01 |
| Шавқу ҳавасҳои мақсаднок ва устувор | 1,58-0;75 | 2,54-0,57 | <0,01 |
| Улфатпазир | 2;16-0;88 | 1,61-0,87 | <0,01 |
| Боинтизомӣ дар мактаб | 2,02-30,81 | 1,89-0;78 | - |
| Масъулиятнок | 2,18-30,65’ | 2,11-0,39 | |
| Худтанқиднамоӣ (майл ба худтаҳлилнамоии амалҳои худ) | 2,37-0;72 | 2,25-30,84 | - |
| Худтаъминкунӣ ва мустақил | 1,51-0,75 | 2,36-0,87 | <0,01 |
| Тобиши номусоиди эмотсионалӣ (бартарӣ доштани эмотсияҳои манфӣ) | 2,12-30,70 | 1,29-0,60, | <0,01 |
| Изтироб дар ҳолатҳои стрессӣ (корҳои санҷишӣ, ҷавобҳои шифоҳӣ) | 2,33-0;78 | 1,46-30,50 | <0,01 |
| Дар муносибат бо ҳамсинфон ихтилофнок | 1;37+0,58 | 2,32+0,7.7 | <0,01 |
| Дар муносибат бо омӯзгорон ихтилофнок | 1,30-30,59 | 2,21-30,78 | <0,01 |
| Зоҳиркунии шакли рафтори зиддиҷамъиятӣ (duздӣ, истифодаи нушокиҳои спиртӣ) | 1,23-30,42 | 1,61-30,78 | <0,01 |

**Ҷадвали №24. Арзёбии экспертӣ нисбати наврасдухтарон**[13]

| Нишондиҳандаҳо | Гурӯҳҳо | | Дараҷаи аҳаммиятнокӣ |
|---|---|---|---|
| | Асосӣ | Назоратӣ | |
| Шавқу ҳавас ба гирифтани дониш ва ба таълим | 2,05+0,74 | 2,37030,79 | - |
| Фаъолӣ дар таълим | 1,81-30,66 | 2,52030,70 | <0,01 |
| Шавқу ҳавасҳои мақсаднок ва устувор | 1,6730,78 | 2,48+0,58 | <0,01 |
| Улфатпазир | 2,28-30,81 | 1,81030,78 | <0,05 |
| Боинтизомӣ дар мактаб | 2,11-30,66 | 2,35030,69 | |
| Масъулиятнок | 1,77+0,70 | 2,04-30,75 | |

[12] Эзоҳ. Аломати “-“ маънои онро дорад, ки ҳангоми муқоисаи арзишҳои миёна фарқияти аз ҷиҳати оморӣ муҳим муайян нагардид.
[13] Эзоҳ. Аломати “-“ маънои онро дорад, ки ҳангоми муқоисаи арзишҳои миёна фарқияти аз ҷиҳати оморӣ муҳим муайян нагардид.

| Идомаи ҷадвали 12. | | | |
|---|---|---|---|
| Худтанқиднамоӣ (майл ба худтаҳлилнамоии амалҳои худ) | 1,65-30,66 | 2,15-0,77 | <0,01 |
| Худтаъминкунӣ ва мустақил | 1,63-30,77 | 2,37-0,83 | <0,01 |
| Тобиши номусоиди эмотсионалӣ (бартарӣ доштани эмотсияҳои манфӣ) | 2,28-0,84 | 1,70-30,82 | <0,01 |
| Изтироб дар ҳолатҳои стрессӣ (корҳои санҷишӣ, ҷавобҳои шифоҳӣ) | 2,40+0,70 | 1,63-30,74 | <0,01 |
| Дар муносибат бо ҳамсинфон ихтилофнок | 2,14-30,66 | 1,37-30,68 | <0,01 |
| Дар муносибат бо омӯзгорон ихтилофнок | 1,91-30,83 | 1,59-30,74 | - |
| Зоҳиркунии шакли рафтори зиддиҷамъиятӣ (дуздӣ, истифодаи нӯшокиҳои спиртӣ) | 1,58-30,56 | 1,59+0,50 | - |

Натиҷаҳои таҳлили тафриқавии эътимоднок дар гурӯҳи навраписарон дар диаграммаи №11 оварда шудаанд.




***Диаграммаи №11. Арзёбии экспертии навраписарон***

Дар асоси маълумоти дар диаграммаи №11 овардашуда навраписарони оилаҳои нопурра ба назари омӯзгор, бо паст будани шавқу завқи омӯзиш ва азхудкунии дониш (p<0,01), дар раванди таълим кам фаъол будан (p<0,01), худтаъминкунӣ ва мустақилият нисбат ба навраписарон (c<01) аз оилаҳои пурра (c<0,01) фарқ мекунанд. Ҳангоми муошират онҳо майл надоранд, ки дар дохили мактаб муносибати мустаҳкам пайдо кунанд (p<0,0l). Экспертон-муаллимон қайд мекунанд,

ки онҳо умуман тобиши баланди номусоиди эмотсионалӣ доранд (p<0,01), инчунин изтироб дар ҳолатҳои марбут ба санҷиши дониш (p<0,01) низ мушоҳида мешаванд. Гузашта аз ин, наврасписароне, ки аз ҷониби модарони танҳо тарбия шудаанд, дар муносибат бо омӯзгорон ва ҳамсолон ба низоъ камтар майл доранд (p<0,01).

Тарбия дар оилаи нопурра ба саъю кӯшиши донишазхудкунӣ ва ҳолатҳои эмотсионалии наврасписарон таъсири манфӣ мерасонад.

Натиҷаҳои таҳлили тафриқавии эътимодноки арзёбии экспертӣ дар гурӯҳи наврасдухтарон низ чунин буд ва дар диаграммаи №12 ишора мешаванд.




| | Шавқу ҳавас ба гирифтани дониш ва ба таълим | Шавқу ҳавасҳои максаднок ва устувор | Фаъолӣ дар таълим | Улфатпазирӣ | Худтаъ. ва муст | Тобиши номусоиди эмотсионалӣ (бартарӣ доштани эмотсияҳои манфӣ) | Изт. дар ҳол. стрессӣ | Ихтил. бо ҳамс. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Гурӯҳи асосӣ | 1,75 | 1,58 | 1,77 | 2,16 | 1,51 | 2,12 | 2,33 | 1,37 |
| Гурӯҳи назоратӣ | 2,43 | 2,54 | 2,25 | 1,61 | 2,36 | 1,29 | 1,46 | 2,32 |

**Диаграммаи №12. Арзёбии экспертии наврасдухтарон**

Наврасдухтарони оилаҳои нопурра (диаграммаи №12) баҳои аз миёна пасттарро аз рӯйи чунин нишондиҳандаҳо ба мисли «Фаъолӣ дар муҳити таълимӣ» (P<0,01), «Шавқу ҳавасҳои мақсаднок ва устувор" (P<0,01), «Худтаъминкунӣ ва мустақилӣ (P<0,01) гирифтанд. Дар баробари ин, аз рӯйи нишондиҳандаҳои мазкур баҳои аз миёна болоро нисбат ба наврасдухтарони оилаҳои пурра соҳиб шуданд, ба монанди: «Утфатпазирӣ» (P<0,05), "тобиши номусоиди эмотсионалӣ» (p+0,01), «Изтироб дар ҳолатҳои стрессӣ» (p<0,01) ва «Ихтилоф дар муносибат бо ҳамсолон» (p<0,01).

Ҳамин тариқ, дар асоси арзёбии экспертии омӯзгорон метавон тахмин кард, ки тарбияи модари танҳо ҳолати психосоматикӣ ва психоэмотсионалии ӯ ба ташаккули шиддати психикӣ дар духтарон, ки дар мунокишаҳо, изтироб дар ҳолатҳои санҷиши дониш ва ғ. зоҳир мешавад, мусоидат мекунад.

Дар маҷмуъ, омӯзиши ҳолатҳои эмотсионалии наврасон дар оилаҳои пурра ва нопурра нишон дод, ки соҳаи эмотсионалии наврасони оилаҳои нопурра то чӣ андоза осебпазиранд. Ҳамзамон, таҳқиқот имкон дод, ки доираи васеи тафовут дар нишондиҳандаҳои дар ин соҳа омӯхташуда муайян карда шавад. Дар наврасони оилаҳои нопурра дараҷаи баланди агрессия, фрустратсия, изтироби бештар дар мактаб, муқовимати паст ба стресс ва нисбати ояндаи худ нигоҳи пессимистона доштан мушоҳида мешаванд.

Чунин тафовутҳои ҷинсӣ дар вазъи эмотсионалии наврасони оилаҳои нопурра ошкор карда шуданд: духтарон ба зуҳуроти намудҳои фаъоли агрессия (ҷисмонӣ) ва ҳисси гунаҳкорӣ майл доранд, дар ҳоле ки писарон бештар ба агрессияи ботинӣ ва пинҳонӣ майл доранд. Дар вокуниш ба стресс, писарон одатан вокунишҳои муҳофизатии "ВАЙ" нишон медиҳанд, дар ҳоле ки духтарон одатан вокунишҳои талаботӣ-устуворро нишон медиҳанд. Дар сурати умуман баланд будани дараҷаи изтироб миёни наврасони оилаҳои нопурра, он дар шаклҳои гуногун дар

писарон ва духтарон зоҳир мешавад: писарон дар муошират бо калонсолон дар мактаб душворӣ мекашанд, онҳо дар барқарор кардани робитаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла бо ҳамсолон бештар мушкилӣ доранд. Духтарон ҳангоми санҷиши оммавии дониши худ ва ҳангоми қабули қарор изҳори ташвиш мекунанд.

Хулоса, маълумоти ҳосилгардида, аз он шаҳодат медиҳанд, ки духтарони аз ҷониби модарони танҳо тарбияёфта, майл ба зоҳиркунии агрессияи ҷисмониро доранд. Дар писарони оилаҳои нопурра бошад, хусусиятҳои вокуниши эмотсионалӣ метавонад боиси ихтилоли вобастагӣ ва психосоматикӣ, инчунин дигар шаклҳои рафтори аутоагрессивӣ гардад.

Дар боби 3 маълумоти бадастомада тавсиф ва таҳлил гардида, хусусиятҳои зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасдухтарон ва навраcписарони оилаҳои ҷудошуда ва оилаҳои пурра дар зери таъсири талоқи волидайн муайян карда шуда, фарқияти ин наврасон ва наврасони оилаҳои пурра нишон дода шудааст. Оид ба хусусиятҳои ҳолати психоэмотсионалӣ ва мушкилоте, ки онҳо пас аз пошхӯрии оила бештар дучор меоянд, низ таҳқиқот гузаронида шуд. Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳад, ки наврасони оилаҳои ҷудошуда дар вазъи шахсӣ, эмотсионалӣ ва рафтори худ як қатор хусусиятҳои муҳимми фарққунандаро доранд.

Навраcписарони оилаҳои ҷудошуда аз навраcписарони оилаҳои пурра бо хусусиятҳои равшани ҳолатҳои эмотсионалӣ дар як қатор соҳаҳои муҳимми ҳаёт фарқ мекунанд. Онҳо зуҳуроти агрессияи пинҳонии ботинӣ, дараҷаи баланди изтироб дар соҳаи мактабро нишон медиҳанд, махсусан дар ҳолатҳои марбут ба зарурати ифшои худ, зоҳирнамоии қобилиятҳои худ. Наврасони ин гурӯҳ ба ояндаи худ ноумедона муносибат мекунанд ва бо дараҷаи пасти муқовимат ба стресс тавсиф мешаванд. Дар ҳолатҳои ноумедӣ, онҳо азсаргузаронии

таассуроти манфии эмотсионалиро доранд (онҳо ба худайбдоркунӣ ва азсаргузарониҳои саршори эмотсияҳои манфии ботинӣ майл доранд).

Мушкилот дар муносибатҳои байнишахсӣ ҳам бо калонсолон ва ҳам бо ҳамсолонро доранд. Хусусиятҳои муайяншуда дар гурӯҳи навраписарони оилаи ҷудошуда метавонанд ба комплекси аломатҳои «эмотсионалӣ-рафторӣ» муттаҳид шаванд, ки дар он нишонаҳо дар шакли зиёд шудани изтироб, вокунишҳои рафтори нокифоя, баланд шудани дараҷаи номуайянӣ нисбат ба оянда ва ғайра зоҳир гарданд.

Зуҳуроти эмотсионалии зикргардида метавонанд шаҳодати қобилияти пасти мутобиқшавии ин наврасон ба шароитҳои тағйирёбанда бошад (таҳаммулпазирии пасти фрустратсионӣ), ки боиси рушди носозгории иҷтимоӣ-психологӣ мегардад. Ҳамзамон, хусусиятҳои муайяншудаи наврасон дар соҳаи эмотсионалии онҳо метавонанд хатар эҷод кунанд, яъне боиси пайдоиши ихтилоли невротикӣ гардад. Аломатҳои ошкоршудаи як ҷузъи номусоиди эмотсионалӣ дар робита бо калонсолон (муносибати онҳо ба калонсолон бо изтироб, номуайянӣ дар қабул, дастгирӣ тавсиф карда мешавад) метавонад ҷудошавии навраписарон аз ҷаҳони калонсолон, набудани эътимоди заруриро ба калонсолон ба вуҷуд орад. Ҳамзамон, метавонад муносибатҳои ин наврасонро на танҳо дар доираи оила, балки берун аз доираи оилааш мушкил гардонад ва ба ин васила рушди шахсии онҳоро ба самти номувофиқ равона созад.

Вазъи эмотсионалии наврасдухтароне, ки дар оилаи волиайни аз ҳам ҷудошуда тарбия ёфтаанд, бо бартарии намудҳои фаъоли агрессия, ҳисси ранҷуршавандагию гунаҳкорӣ, ҳолати фрустратсионию ҳолати ҳаяҷони доимӣ, изтироби байнишахсӣ, ноустувории эмотсионалӣ бо бартарии табъи хира, азсаргузаронии эмотсияҳои манфӣ дар вазъияти таълимӣ ва баҳогузории манфӣ нисбати пешравиҳоиояндаи худ тавсиф карда мешаванд.

Ин гуна ҳолатҳои манфии эмотсионалии болозикр дар наврасдухтарони оилаҳои ҷудошуда бошиддати ботинии психоэмотсионалиро ба вуҷуд оварда, метавонанд боиси ихтилоли эмотсионалӣ-рафторӣ (инкишофи муносибатҳои харобиовар, зиёдшавии рафторҳои зиддиҷамъиятӣ) ва дар ниҳоят дезадаптатсияи иҷтимоию психологӣ гардад. Ҳолати фрустратсионӣ дар наврасдухтарон аз оилаҳои ҷудошуда назар ба навраписарон аҳаммияти бештар дорад. Дар ҳолатҳои фрустратсионӣ наврасдухтарон ба қонеъ кардани ниёзҳои дар ин вазъият бавуҷудомада диққати аз ҳад зиёд медиҳанд. Дар баробари ин, онҳо майл надоранд, ки дар кӯшиши ҳалли вазъиятҳои душвор, ки метавонад боиси пайдо шудани ихтилоли неврозӣ дар наврасдухтарон гардад, аз дигарон кумак пурсанд.

Ҳолатҳои эмотсионалии ҳам наврасдухтарон ва ҳам навраписарони оилаҳои ҷудошуда вобастагӣ аз гурӯҳ, ниёз ба дастгирии дигарон, мустақилияти камтар, эътимод надоштан ба худ ва пешгӯии мушкилотро дар бар мегирад. Ин хусусиятҳо барои ташаккули ноустувории шахсӣ, паст шудани рушди малакаҳои муошират, салоҳият дар муошırати байнишахсӣ бо ҳамсолону калонсолон шароит фароҳам меоранд.

Навраписарон ва наврасдухтарони аз волидон ҷудошуда бархилофи ҳамсолони худ аз оилаҳои пурра шавқу ҳаваси мушаххас надоранд. Ин имкон медиҳад тахмин кунем, ки камбудиҳо дар ташаккули системаи арзишӣ-маромнокӣ, дараҷаи ғайриадекватии иддао дар наврасони оилаҳои ҷудошуда вуҷуд доранд.

Дар маҷмуъ, ин маълумот аз он шаҳодат медиҳанд, ки наврасдухтарони аз ҷониби модарони танҳо дар шароити номусоиди муҳити зист тарбияёфта, метавонанд майли психопатикиро инкишоф диҳанд. Дар навраписарони оилаҳои ҷудошуда, вижагиҳои вокунишҳои эмотсионалӣ ва рафторӣ метавонанд боиси ихтилоли вобастагӣ ва психосоматикӣ, инчунин дигар шаклҳои рафтори аутоагрессивӣ гарданд.

Шароити тарбия дар оилаи нопурра, аз ҳам ҷудошуда (муносибати нобаробар ва номутаносибии модарон нисбат ба писарон ва муносибати дуҷонибаи модарон нисбат ба духтарон), таҷрибаи психотравматикӣ дар натиҷаи ҷудошавии волидон ва хусусиятҳои шахсӣ хатари инкишофи аломатҳои невротикӣ ва психопатӣ дар наврасони ҳарду ҷинсро ба вуҷуд меорад.

Дар интиҳо бояд ишора намуд, ки дар маҷмуъ, омӯзиши ҳолатҳои эмотсионалии наврасон дар оилаҳои пурра ва нопурра то чӣ андоза вазъи эмотсионалии наврасони дар оилаҳои нопурра осебпазиро, нишон дод. Ҳамзамон, таҳқиқот имкон дод, ки доираи васеи тафовут дар нишондиҳандаҳои дар ин соҳа омӯхташуда муайян карда шавад. Дар наврасони оилаҳои нопурра дараҷаи баланди агрессия, фрустратсия, изтироби бештар дар мактаб, муқовимати паст ба стресс ва нисбати ояндаи худ нигоҳи пессимистона доштан мушоҳида мешаванд.

Ҳамзамон, маълумоти ҳосилгардида, аз он шаҳодат медиҳанд, ки духтарони аз ҷониби модарони танҳо тарбияёфта, майл ба зоҳиркунии агрессияи ҷисмониро доранд. Дар писарони оилаҳои нопурра бошад, хусусиятҳои вокуниши эмотсионалӣ метавонад боиси ихтилоли вобастагӣ ва психосоматикӣ, инчунин дигар шаклҳои рафтори аутоагрессивӣ гардад.

Ишораи тасдиқи фарзияҳои таҳқиқотӣ дар хулосаи боби сеюм мувофиқи мақсад шуморида шуд. Дар воқеъ, фарзияи умумӣ тасдиқи худро ёфт, яъне дар рафти таҳқиқот муайян гардид, ки ба наврасоне, ки талоқи волидайнро аз сар гузаронидаанд, шиддати баландтари зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии манфӣ хос аст.

Ҳамзамон, тасдиқи фарзияҳои ҷузъӣ низ тасдиқи худро ёфтанд, ки онҳоро ҳамчун нуктаҳои муҳимми боби сеюм ишора мекунем. Онҳо чунинад:

Аз натиҷаҳои таҳқиқот маълум гардид, ки фарзияи якум тасдиқи худро ёфт, дар воқеъ рушди гуногуни соҳаи эмотсионалии наврасон вобаста ба муҳити оилавӣ мушоҳида гардид.

Таҳқиқот нишон дод, ки ба наврасони аз оилаҳои ҷудошуда дар тафовут аз наврасони оилаҳои пурра дараҷаи баландтари изтиробнокӣ, агресивнокӣ ва баангезишоӣ хос мебошад ва ишораҳо маънои тасдиқ ёфтани фарзияи дуюмро дорад.

Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқот наврасоне, ки дар оилаҳои пурра тарбия ёфтаанд, нисбат ба наврони оилаҳои нопурра дараҷаи баландтари устуворӣ ба фрустратсияро доранд, ки нишондиҳандаи тасдиқи фарзияи ҷузъии таҳқиқот мебошад.

Фарзияи ҷузъии таъсири талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон хусусияти ҷинсидошта дар наврасписарон ҷанбаи эмотсионалӣ–рафторӣ ва дар наврасдухтарон бошад, ҷанбаи эмотсионалӣ–маърифатии он афзалият дорад, дар рафти таҳқиқот тасдиқи худро ёфт.

Хулоса, фарзияи умумӣ, ки дар асоси он фарзияҳои ҷузъӣ гузошта шуда буданд, ҳамаи онҳо дар раванди таҳқиқот тасдиқи худро ёфтанд.

# ХУЛОСА

Дар рисола масъалаи таъсири талоқ ба наврасписарон ва наврасдухтарон мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Дар хулосаи боби якум чунин нуқтаҳо муҳим маҳсуб меёбанд: Оила омили асосӣ ва иваэнашавандаи ташаккули шахсияти наврас мебошад.

1. Дар давраи наврасӣ муҳит, вазъи оилавӣ ва шавқу ҳавасҳо хусусияти амалисозии оянда, дарки дурнамои ҳаёти хеш ва ниятҳои касбии шахсияти наврасро муайян мекунанд.

2. Ҷудошавии волидон дар тамоми ҳаётиояндаи наврас, инчунин дар ҳолати психологию эмотсионалии ӯ осори ҷубронннопазир мегузорад.

Дар хулосаи боби дуюм дар рисола мавқеи марказиро масъалаи интихоби озмудашавандагон ва методҳои ташхиси психологӣ ташкил медод. Масъалаи интихоби озмудашавандагон ҷиҳати мувофиқат кардан бо мақсади таҳқиқот меъёри муайян кабул гардид ва онҳо (дар гурӯҳҳои асосию назоратӣ) чунин буданд: наврасоне интихоб гардиданд, синну солашон 14-15 – сола буда, ҳамзамон бояд хонандаи мактаб бошанд; ҷудошавии волидайни наврас бояд то 5 – солро ташкил диҳад.

Ҷиҳати интихоб намудани ин озмудашаванда дар асоси меъёрҳои болозикр анкетаи муаллифӣ коркард гардид.

Методҳои касбии дар раванди таҳқиқот истифодашуда имкони ба даст овардани маълумотҳои объективиро дода тавонистанд, зеро:

– методикаи проективии С. Розенсвейг мутобиқнамоиро наметалабад;

– методкаи шкалаи ноумедии Бек аз ҷониби мухаққиқони ватанӣ мутобиқ карда шудааст;

– таҷрибаи истифодаи методҳои саволномаи агрессияи Басс-Дарки, тести изтироби мактабии Филлипс ва ташхиси системаи муносибатҳо дар оила аз нигоҳи наврас (Саволномаи «Наврасон дар бораи волидон») аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ зиёда аз 20 солро дар бар мегирад.

Дар боби 3 маълумоти бадастомада тавсиф ва таҳлил гардида, хусусиятҳои зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасдухтарон ва наврасписарони оилаҳои ҷудошуда ва оилаҳои пурра дар зери таъсири талоқи волидайн муайян карда шуда, фарқияти ин наврасон ва наврасони оилаҳои мукаммал нишон дода шудааст. Оид ба хусусиятҳои ҳолати психоэмотсионалӣ ва мушкилоте, ки онҳо пас аз пошхӯрии оила бештар дучор меоянд, низ омӯхта шуд.

Тадқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳад, ки наврасони оилаҳои ҷудошуда дар вазъи шахсӣ, эмотсионалӣ ва рафтори худ як қатор хусусиятҳои муҳими фарққунандаро доранд.

Наврасписарони оилаҳои ҷудошуда аз наврасписарони оилаҳои пурра бо хусусиятҳои равшани ҳолатҳои эмотсионалӣ дар як қатор соҳаҳои муҳимми ҳаёт фарқ мекунанд. Онҳо зуҳуроти агрессияи пинҳонии ботинӣ, дараҷаи баланди изтироб дар соҳаи мактабро нишон медиҳанд, махсусан дар ҳолатҳои марбут ба зарурати ифшои худ, намоиши қобилиятҳои худ. Наврасони ин гурӯҳ ба ояндаи худ ноумедона муносибат мекунанд ва бо дараҷаи пасти муқовимат ба стресс тавсиф мешаванд. Дар ҳолатҳои ноумедӣ, онҳо азсаргузаронии таассуроти манфии эмотсионалиро доранд (онҳо ба худайбдоркунӣ ва азсаргузарониҳои саршори эмотсияҳои манфии ботинӣ майл доранд).

Мушкилот дар муносибатҳои байнишахсӣ ҳам бо калонсолон ва ҳам бо ҳамсолонро доранд. Хусусиятҳои муайяншуда дар гурӯҳи наврасписарони оилаи ҷудошуда метавонанд ба комплекси аломатҳои «эмотсионалӣ-рафторӣ» муттаҳид шаванд, ки дар он нишонаҳо дар шакли зиёд шудани изтироб, вокунишхои рафтори нокифоя, баланд шудани дараҷаи номуайянӣ нисбат ба оянда ва ғайра зоҳир гарданд.

Зуҳуроти эмотсионалии зикргардида метавонанд қобилияти пасти мутобиқшавии ин наврасон ба шароитҳои тағйирёбандаро нишон диҳанд (таҳаммулпазирии пасти фрустратсионӣ), ки боиси рушди носозгории иҷтимоӣ-психологӣ мегардад. Ҳамзамон, хусусиятҳои

муайяншудаи наврасон дар соҳаи эмотсионалии онҳо метавонанд хатар эҷод кунанд, яъне боиси пайдоиши ихтилоли невротикӣ гардад. Аломатҳои ошкоршудаи як ҷузъи номусоиди эмотсионалӣ дар робита бо калонсолон (муносибати онҳо ба калонсолон бо изтироб, номуайянӣ дар қабул, дастгирӣ тавсиф карда мешавад) метавонад ҷудошавии наврасисарон аз ҷаҳони калонсолон, набудани эътимоди зарурира ба калонсолон ба вуҷуд орад. Ҳамзамон, метавонад муносибатҳои ин наврасонро на танҳо дар доираи оила, балки берун аз доираи оилааш мушкил гардонад ва ба ин васила рушди шахсии онҳоро ба самти номувофиқ равона созад.

Вазъи эмотсионалии наврасдухтарони дар оилаи аз ҳам ҷудошуда тарбияёфта, бо бартарии намудҳои фаъоли агрессия, ҳисси ранҷуршавандагию гунаҳкорӣ, ҳолати фрустратсионию ҳолати ҳаяҷони доимӣ, изтироби байнишахсӣ, ноустувории эмотсионалӣ бо бартарии табъи хира, азсаргузаронии эмотсияҳои манфӣ дар вазъияти таълимӣ ва баҳогузории манфӣ нисбати пешравиҳои ояндаи худ тавсиф карда мешаванд.

Ин гуна ҳолатҳои манфии эмотсионалии болозикр дар наврасдухтарони оилаҳои ҷудошуда бошиддати ботинии психоэмотсионалиро ба вуҷуд оварда, метавонанд боиси ихтилоли эмотсионалӣ-рафторӣ (инкишофи муносибатҳои харобиовар, зиёдшавии рафторҳои зиддиҷамъиятӣ) ва дар ниҳоят дезадаптатсияи иҷтимоию психологӣ гардад. Ҳолати фрустатсионӣ дар наврасдухтарон аз оилаҳои ҷудошуда назар ба наврасисарон аҳаммияти дигарро дорад. Дар ҳолатҳои фрустратсионӣ наврасдухтарон ба қонеъ кардани ниёзҳои дар ин вазъият бавуҷудомада диққати аз ҳад зиёд медиҳанд. Дар баробари ин, онҳо дар ҳалли вазъиятҳои душвор, ки метавонад боиси ҳолатҳои манфии эмотсионалӣ дар наврасдухтарон гардад, аз дигарон кумак намепурсанд.

Ҳолатҳои эмотсионалии ҳам наврасдухтарон ва ҳам навраcписарони оилаҳои ҷудошуда вобастагӣ аз гурӯҳ, ниёз ба дастгирии дигарон, мустақилияти камтар, эътимод надоштан ба худ ва пешгӯии мушкилотро дар бар мегирад. Ин хусусиятҳо барои ташаккули ноустувории шахсӣ, паст шудани рушди малакаҳои муоширaт, салоҳият дар муошират байнишахсӣ бо ҳамсолону калонсолон шароит фароҳам меоранд.

Наврасписарон ва наврасдухтарони оилаҳои ҷудошуда бархилофи ҳамсолони худ аз оилаҳои пурра шавқу ҳаваси мушаххас надоранд. Дар ин асос, метавон ишора намуд, ки камбудиҳо дар ташаккули системаи арзишӣ-маромнокӣ, дараҷаи ғайриадекватии иддао дар наврасони оилаҳои ҷудошуда вуҷуд доранд.

Дар маҷмуъ, ин маълумот аз он шаҳодат медиҳанд, ки наврасдухтарони аз ҷониби модарони танҳо дар шароити номусоиди муҳити зист тарбияёфта, метавонанд майли психопатиро инкишоф диҳанд. Дар наврасписарони оилаҳои ҷудошуда, вижагиҳои вокунишҳои эмотсионалӣ ва рафторӣ метавонанд боиси ихтилоли вобастагӣ ва психосоматикӣ, инчунин дигар шаклҳои рафтори аутоагрессивӣ гарданд.

Шароити тарбия дар оилаи нопурра аз ҳам ҷудошуда (муносибати нобаробар ва номутаносибии модарон нисбат ба писарон ва муносибати дуҷонибаи модарон нисбат ба духтарон), таҷрибаи психотравматикӣ дар натиҷаи ҷудошавии волидон ва хусусиятҳои шахсӣ хатари инкишофи аломатҳои невротикӣ ва психопатӣ дар наврасони ҳарду ҷинсро ба вуҷуд меорад.

Дар асоси хулосаҳои рисола, ҳамзамон, ҷиҳати расидан ба мақсадҳои гузоштaшудаи рисолаи илмӣ маҷмуи воситаҳои ташхиси психологӣ барои омӯзиш ва таҳқиқи таъсири талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон мавриди истифода қарор дода шуданд, ки мувофиқи мақсад шуморида мешавад ва натиҷаи зарурировo ҳосил карда тавонист. Ҳамзамон, дар раванди таҳқиқот он методикаҳое

мавриди истифода қарор гирифтанд, ки аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ мутобиқ карда шудаанд ва аз ҷониби муаллиф анкетаи махсус таҳия ва коркард гардид.

Натиҷаҳои таҳқиқи таъсири талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасони оилаҳои нопурра ба даст оварда шуданд ва дар рисола пурра дарҷ гардиданд. Таҳлили тафриқавӣ ҷиҳати таъсири талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасони оилаҳои пурра ва нопурра гузаронида шуд. Маълумотҳои бадастомада имкон медиҳад, ки тасаввурот дар бобати тағйиротҳои миқдорию сифатии дар маҷмуъ ҳолатҳои психикӣ аниқ карда шаванд.

Таҳқиқи таъсири талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасони оилаҳои пурраю нопурра дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ш. Душанбе ташкил ва баргузор гардид. Корҳои дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ анҷомдодашуда, имкон доданд, ки фарзияи гузошташуда исботи худро ёбад. Ҳамин тариқ, ошкор ва исбот карда шуд ки наврасони дар оилаи ҷудошуда тарбияёфта ҳолатҳои эмотсионалии махсусро доранд, бештар онҳо ҳолатҳои эмотсионалии манфиро аз сар мегузаронанд ва дар воқеъ аз наврасони оилаи пурра тафовут доранд. Дар наврасписарони оилаҳои нопурра дар фарқият аз наврасдухтарони оилаҳои нопурра бештар тамоюли азсаргузаронии мушкилотҳои психологӣ ҷой дорад.

Минтақаи хатарнок хусусиятҳои соҳаи эмотсионалии наврасон маҳсуб меравад. Муносибати байнишахсӣ миёни модари танҳо ва кӯдак хусусиятҳои зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасонро дар оилаи ҷудошуда муайян месозад.

Муносибати дисҳормоналию нопайдарпайии модар ба писарон дар оилаи ҷудошуда боиси инкишофи ҳисси гунаҳкорӣ мегардад. Тарбияи амбивалентнокӣ, ки дар серталаб набудан ва диққати зарурӣ надодани модар ба духтари худ боиси дар наврасдухтарон пайдошавии ҳисси ранҷуршавандагӣ, гунаҳкорӣ ва канорагирӣ мегардад.

Натиҷаҳои эмпирикии аз рисолаи илмӣ ҳосилгардида хусусан ба хусусиятҳои зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон дар натиҷаи таъсири талоқ мутаносиб аст. Ҳамзамон, бархе мушкилоти модари танҳоро низ фаро мегирад, ки барои корҳои роҳнамоии психологӣ, психотерапия, машварти психологии аъзоёни оила бо мақсади баланд бардоштани дараҷаи мутобиқшавии наврасону модари танҳо манфиатнок маҳсуб меравад.

Дар маҷмуъ метавон чунин нуқтаҳои асосиро ба сифати хулосаи ниҳоӣ пешниҳод намуд:

1. Мушкилоти бештари модарони танҳоро пас аз ҷудошавии оила шартан метавон дар се шакл ишора намуд: иҷтимоӣ, психологӣ ва ҷисмӣ. Миёни мушкилоти психологии модари танҳо бартарӣ пайдо кардани ҳолатҳои манфии эмотсионалӣ (тарс аз оянда, ҳисси танҳоӣ, ранҷуршавандагию гунаҳкорӣ)-ро метавон мушоҳида намуд. Мушкилоти иҷтимоӣ бошанд, дар навбати худ вазъияти номусоиди моддии оилавӣ, машғулшавии баланди касбиро ташкил медиҳанд. Ин гуна душвориҳои зикргардида мушкилоти мутобиқшавии модарро пас аз пошхӯрии оила мураккаб мегардонад ва дар навбати худ ба тарбияи фарзандон таъсири манфӣ мерасонад.

2. Хусусияти муносибати модари танҳо бо кӯдакони наврас ба шаклгирии ҳолатҳои манфии эмотсионалӣ таъсир мерасонад. Ҷанбаи аҳаммиятнок дар муносибати «модар-писар», ки ба инкишофи соҳаи эмотсионалӣ дар навраписарон манфӣ инъикос меёбад, ин муносибати дисҳормонию нопайдарпайии модар ба писарон мебошад. Дар наврасдухтарон бошад, тарбияи амбивалентнокӣ, ки дар диққати зарурӣ нидодани модар ба раванди тарбиявӣ инъикос меёбад, мушоҳида мегардад.

3. Рафтори дисҳормоникию нопайдарпайии модар ба писарон дар оилаи нопурра боиси дар сатҳи баланд пайдо шудани ҳисси гунаҳкорӣ мегардад. Тарбияи амбивалентнокӣ, ки дар диққати зарурӣ надодани

модар ва серталаб набудани модар нисбати духтараш таҷассум меёбад, боиси пайдоиши ҳисси гунаҳкорӣ, ранҷуршавандагӣ ва канорагирӣ дар онҳо (наврасдухтарон) мегарданд.

4. Хусусиятҳои фаъолияти рӯзмарра ва инкишофро дар оилаҳои нопурра омилҳои бардавоми осебпазир ташкил медиҳанд, ки дар навбати худ ба вайроншавиҳои мутобиқшавӣ ва паст будани ҳолати фрустратсионӣ-таҳаммулпазирӣ мегардад.

5. Давраҳои баъди ҷудошавии оила ба дарки субъективии ояндаи наврасон таъсири манфӣ мерасонанд. Чи қадаре ки ҷудошавии барвақтар гузарад, кӯдак ҳамон қадар ояндаи наздик ва дури хешро манфӣ арзёбӣ мекунад. Ин гуна таъсироти манфӣ ҳам дар навраписарон ва ҳам дар наврасдухтарон мушоҳида мешаванд.

6. Таҳқиқи хусусиятҳои эътинонамоии наврасон ба вазъияти фрустратсионӣ тафовути аҳаммиятнокро дар рафтори ҳам навраписарон ва ҳам наврасдухтарон нишон дод. Дар навраписарон оилаи нопурра дар пасманзараи дараҷаи пасти муқобилиятнамоӣ ба стресс майл ба эҳтиёткорӣ, пешгирии инкишофи вазъиятҳои негативӣ, баланд шудани дараҷаи хусумат дар рафтор, паст гардидани фаъолии беруна ҳангоми рӯ ба рӯ шудан бо вазъиятҳои ногувор, майл ба худайбдоркунӣ, азсаргузарониҳои саршори эмотсияҳои манфӣ зоҳир мешаванд.

Дар наврасдухтарон бошад, майл ба худайбдоркунӣ боиси баланд гардидани самтнигарониш ба ҷустуҷӯи мустақилонаи роҳи ҳалли мақбули мушкилоти сарзада мегардад. Дар ҳолатҳои ноумедӣ, наврасдухтарон ба қонеъ кардани ниёзҳои вазъиятӣ аҳаммияти аз ҳад зиёд медиҳанд ва дар ҳалли вазъиятҳои душвор ба дигарон барои кӯмак муроҷиат карданро қобили қабул намедонанд.

7. Навраписарон майл ба зоҳиркунии агрессияи пинҳонии ботинӣ, дараҷаи баланди изтиробнокӣ, хусусан дар вазъиятҳое, ки худошкорнамоӣ ва намоиши имконоти шахсӣ зарурат пеш меояд, зоҳир

мекунанд. Наврасдухтарон бо намуди агрессияи фаъол, ҳолати ҳаяҷоннокии доимӣ, устувории эмотсионалӣ бо бартарӣ доштани табъи хира тавсиф дода мешаванд. Тавсифдиҳандаи фарққунандаи наврасдухтарон бошиддатии ботинии манфӣ – азсаргузарониҳои таассуротҳо дар раванди фаъолияти таълимӣ мебошад, яъне: изтиробу тарс ҳангоми баҳогузории қобилиятҳо, имконот ва санҷиши дониши онҳо.

## Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Бо дар назардошти натиҷаҳои аз таҳқиқоти ҷамъбастшуда бадастомада чунин пешниҳоду тавсияҳоро ҷиҳати рушди шахсияти комили наврасон дар муассисаҳои таълимӣ ва муҳити оилавӣ муҳим ва зарур мешуморем.

1. Дар сохтори шахсияти навраcписарони оилаҳои ҷудошуда чунин ҷанбаҳое, ки бо ҳолатҳои эмотсионалии онҳо алоқамандӣ доранд, зоҳир мешаванд: нобоварӣ ба худ, ҳисси бефарқӣ, пессисмистӣ, вобастагии зиёд аз баҳодиҳию андешаҳои атрофиён, талабот ба дастгириҳо ва мустақилияти кам. Наврасдухтарон дар навбати худ бошиддатии психикиро аз сар мегузаронанд. Дар рафтори худ ба андешаҳои гурӯҳӣ такя мекунанд, ба дастгириҳои атрофиён ниёз доранд, дар интихоби роҳу рафтори шахсии худ душворӣ мекашанд. Вобаста ба ин омӯзгорон бояд тафовутро байни навраcписарон ва наврасдухтарон дида тавонанд ва вобаста ба онҳо раҳёфти фардиро ба роҳ монанд. Ҳамзамон, барои модар ва ё падаре, ки наврасдухтар ва ё навраcписарро тарбия мекунад, барои омӯзгорон ва психологони мактаб ба инобат гирифтани зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ бо дар назардошти хусусиятҳои ҷинсӣ дар наврасон ба манфиати кори педагогӣ, психологӣ ва тарбияи оилавӣ мегардад.

2. Навраcписарони оилаҳои ҷудошуда ҳам дар мутобиқати иҷтимоӣ ҳам дар рушди шахсӣ душворӣ доранд. Онҳо бештар изтиробнок, ҳисси бефарқӣ, ба зоҳиркунии намудҳои фаъоли агрессия майл надоранд. Дар наврасдухтарон бошад, хусусан оилаҳои ҷудошуда мушкилоти бошиддатии ботинӣ мушоҳида мешавад, ба монандӣ: мутаассиршавандагӣ, агрессивнокӣ, изтиробнокӣ, фрустратсия. Модарон ва омӯзгоронро зарур аст, ки дар муҳити таълимӣ ин гуна ҳолатҳоро ба инобат гирифта, ҷиҳати мутобиқшавии онҳо бо дар назардошти ин гуна ҳолатҳо мусоидат намоянд. Зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии зикргардида дар наврасон дарки нокомии иҷтимоии худ (тарс аз

муносибати байниҳамӣ бо атрофиён) боис мегардад, ки дар маҷмуъ ҳамаи ин ҳолатҳоро ҳангоми кор бо наврасон ба инобат гирифтан зарур аст.

3. Ҳолатҳои эмотсионалии муайяншуда боиси дар наврасписарон дарк аз нокомии иҷтимоии худ (тарс аз муносибатҳои байниҳамдигари бо муҳити иҷтимоӣ) мегардад ва ба инобат гирифтани ҳолати мазкур дар рафти ташкили ёрии психологӣ ба наврасони оилаҳои ҷудошуда ба манфиати кор буда метавонад.

## Рӯйхати адабиёт:

### Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ


1. Консепсияи рушди оила Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, № 801 тасдиқ шудааст.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» [Матн]. Душанбе, аз 22 июли соли 2013. – №1004.
3. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.02.2016 №66).
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила" (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2013, № 3, мод. 197).
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» [Матн]. Душанбе, аз 20.06.2024. – №2049.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи кӯдак» [Матн]. Душанбе, аз 18 марти соли 2015. – №1196.
7. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 13 ноябри 1998 сол, №682).


### Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ


8. Абдурашитов, Н.Ф. Модель работы психолога по гармонизации детскородительских отношений у подростков-правонарушителей: Методическое пособие / Н.Ф. Абдурашитов. – Душанбе: Ирфон, 2015 – 132 с.
9. Абдурашитов, Н.Ф., Баймуродова, Х.К. Нақши модар дар раванди бозтарбиянамоии наврасон: Воситаи таълимӣ / Н.Ф. Абдурашитов, Х.К. Баймуродова. – Душанбе: «Сифат», 2014. – 104 с.
10. Аккерман, Н. Роль семьи в появлении расстройств у детей // Семейная психотерапия. – СПб.: Издательство «Питер», 2000. – 202 с.

11. Алешина Ю.Е. Индивидуальное и семейное психологическое консультирование. - Изд. 2-е. - М.: Независимая фирма «Класс», 1999. -208с.
12. Алмазов, Б.Н. Психическая средовая дезадаптация несовершеннолетних: Учебное пособие / Б.Н. Алмазов. – Свердловск: Изд-во Урал, ун-та, 1986. – 150 с.
13. Амонов Н. Қ. Тафаккур: Ташхис ва инкишофи он /Н.Қ. Амонов [Текст]. - Душанбе, 2014.-176с.
14. Антонов А.И. Судьба семьи в России XXI века. Размышления о семейной политике, о возможности противодействия упадку семьи и депопуляции /А.И. Антонов, С.А. Сорокин. Судьба семьи в России XXI века. Размышления о семейной политике, о возможности противодействия упадку семьи и депопуляции. - М.: Издательский дом «Грааль», 2000. -С. 14.
15. Атаханов, Р. Педагогическая психология. Психология обучения: Учебное пособие для студентов специальностей «Психология» и «Педагогика и психология» / Р. Атаханов. – Тюмень: Издательство Тюменского государственного университета, 2009. – 260 с.
16. Бандура, А., Уолтерс, Р. Подростковая агрессия: Изучение влияния воспитания и семейных отношений: Учебное пособие / А. Бандура, Р. Уолтерс. – М.: ЦПП, 1999. – 536 с.
17. Беличева, С.А. Сложный мир подростка / С.А. Беличева. -М.: Свердловск: Сред. кн. изд-во, 1984.
18. Березин СВ., Лисецкий К.С., Серебрякова М.Е. Подростковый наркотизм: семейные предпосылки. - Самара: Самарский университет,2001. -50с.
19. Берковиц, Л. Агрессия: Причины, последствия и контроль: Учебное
20. Бойко В.В. Социально-защищенные и незащищенные семьи в измеияющейся России /В.В. Бойко, К.М. Оганян, О.И. Копытенкова. - СП6.: Сударыня, 1999. — 157с.Валлон А. Психическое развитие ребенка. — СП6.: Питер, 2001. — 223с.

21. Валлерстайн И. Анализ мировых систем и ситуация в современном мире. СПб., 2001.С.23
22. Вассерман Л.И., Горьковая И.А., Ромицына Е.Е. Психологическая методика «Подростки о родителях» и ее практическое применение. — СП6.: ФАРМиндекс, 2000. — С.64, С.85.
23. Вассерман Л.И., Горьковая И.А., Ромицына Е.Е. Родители глазами подростка: психологическая диагностика в медико-педагогической практике. Учеб. пособие. - СПб.: Речь, 2004. - С.89.
24. Видра Д.О: Помощь разведенным родителям и их детям. — М.: Академия, 2000. — 224с.
25. Вилюнас В. К. Психология эмоциональных явлений М.: Изд-во МГУ, 1976. 458 с.
26. Выготский Л.С. Педология подростка // Собр. соч.: В 6 Т. М.: Издательство: Педагогика, 1984. Т.4. - 432 с.
27. Гарднер Р.А. Психотерапия детских проблем. - СПб.: Речь, 2002. - С.221.
28. Геращенко Л.Л. Семья в круговороте развода, или как избежать конфликтов. - М.: Мир.Книги, 2004. - 132с.
29. Гозман Л.Я. Психология эмоциональных отношений. — М.: МГУ, 1987. – 175 с.
30. Голод СИ. Семья и брак: историко-социологический анализ. - СПб.: Петрополис, 1998. - 264с.
31. Гурко Т.А. Программа социальной» работы с неполными семьями. - М.: Класс, 1992. -С. 14.
32. Давлатов, М. Оила ва рушди шахсияти фарзандон: Учебное пособие / М. Давлатов. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 224 с.
33. Драгунова Л.А. Проблемы современной семьи.- М:.Педагогика, 2002
34. Захаров, А.И. Происхождение детских неврозов: Учебное пособие / А.И. Захаров. – М., 2000.
35. Изотова Е. И. Эмоциональная сфера ребенка. СПб. 2004. 288 с.

36. Ильин П. И. Эмоции и чувства. СПб. 2004. 751 с.
37. Исаев Д.Н: Детская медицинская психология. Психологическая педиатрия. — СП6.: Peuь, 2004. — 384с.
38. Кент М. Стратегия развода: О чем вам не расскажет ваш адвокат /М. Кент; пер. с англ. А.Н. Степановой. — СПб.: Лениздат, 1993. - С.89.
39. Кингма Д.Р. Как пережить расставание. - Ростов-на-Дону: Феникс, 2005. - 223с.
40. Клейберг Ю.А. Психология девиантного поведение: Учебное пособие для вузов. -М.: ТЦ Сфера.2001.
41. Ковалев В.В. Психиатрия детского возраста (руководство для врачей). - М.: Медицина, 1979. - 608с.
42. Комилова, М.Д., Расулов, С.Х., Каримзода, М.И. Девианталогия: Воситаи таълимӣ / М.Д Комилова, С.Х. Расулов, М.И. Каримзода. – Душанбе, 2021. – 85 с.
43. Кон И.С. Психология юнощесткого возраста. [Текст] И.С. Кон – М.: Просвещение, 1979, - 175 с.
44. Конвей Дж. Взрослые дети разводов. - Красноярск: Поликом, 2002. - 264с.
45. Кондрашенко, В.Т. Девиантное поведение у подростков: социально - психологические и психиатрические аспекты: Учебное пособие / В.Т. Кондрашенко. – Минск: Беларусь, 1988. – 206 с.
46. Копейко, Я.Ю. Гендерные аспекты агрессивности: Учебное пособие / Я.Ю. Копейко. – СПб.: Алетейя, 2005. – 217 с.
47. Коренева Е.Н. Если в семье конфликт... - Ярославль: Академия Холдинг, 2001. - 193с.
48. Қодиров, Қ.Б., Давлатов, М., Расулов, С.Х. Вожаномаи тафсирии истилоҳоти психологӣ ва педагогӣ: Воситаи таълимӣ / Қ.Б. Қодиров, М. Давлатов, С.Х. Расулов. – Душанбе, 2008.
49. Лангмейер Й., Матейчик З. Психическая депривация в детском возрасте. Прага: Авиценум, 1984. 335 с.

50. Латифзода, С. З. Асосҳои ташхиси психологӣ: воситаи таълимӣ-методӣ / С. З. Латифзода, Г. Ю. Баротова. – Душанбе: ДМТ, ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023. – 186 с.
51. Лебедев О.Е., Чепурных Е.Е., Майоров А.Н., Золотухина В.И. Дети улицы. Образование и социальная адаптация безнадзорных детей. Доклад /Под. ред. А.Н. Майорова. - М.: Интеллект-Центр; 2002. - 192с.
52. Лебединский, В.В., Баенская, Е.Р., Никольская, О.С., Либлинг, М.М. Эмоциональные нарушения в детском возрасте и их коррекция: Учебное пособие / В.В. Лебединский, Е.Р. Баенская, О.С. Никольская, М.М. Либлинг. – М.: Педагогика, 1990. – 196 с.
53. Левис Ш., Левис Ш. Ребенок и стресс. - СП6.: Питер, 1997. — 127с.
54. Личко, А.Е. Психопатии и акцентуации характера у подростков: Учебное пособие / А.Е. Личко. – Л.: ЛГУ, 1983. – 517 с.
55. Логушко Т.В. Как пережить развод. — СП6.: Питер, 2002. — 192с.
56. Маджидова Б. Народные традиции и обычаи как средство формирования нравственных качеств детей в семья. Душанбе, 2004. - С. 211.
57. Мамайчук И.И. Психологическая помощь детям с проблемами в развитии. - СПб.: Речь, 2001. - 147с:
58. Маслоу А. Самоактуализация // В кн.: Психология личности. -М., 1982.-260с.
59. Мид М. Культура и мир детства: - м., 1988. (II. Взросление на Самоа)
60. Мустафоқуллов Т., Назруллоева М., Асосҳои психологияи синнусолӣ ва педагогӣ. [Текст] Т. Мустафоқулов и др. – Кӯлоб: 1993 – 360 с.
61. Мясищев В.Н., Яковлева Е.К. Психотерапия отношений. – СПб.: Невский Архетип, 2018. – 348 с.
62. Набойкина Е.Л. Сказки и игры с «особым» ребенком. - СП6.: Речь, 2006.

63. Обухова Л.Ф. Возрастная психология. [Текст] Л.Ф. Обухова – М., Педагогическая общество России, 1999, - 442 с.

6 4 . Особенности психологической реакции детей на развод родителей / под ред. Т. В. Корнеевой. М., 2002.

65. Паренс, Г. Агрессия наших детей: Учебное пособие / Г. Паренс. – М.: Издательский Дом «Форум», 1997. – 160 с.

66. Практикум по возрастной психологии / под. ред Л.А. Голевой, Е.Ф. Рыбалко. -2-е изд.-СПб, 2006.

67. Прихожан А. М. Тревожность у детей и подростков: психологическая природа и возрастная динамика. М.-Воронеж, 2000. 304 с.

68. Психиатрия детского и подросткового возраста: Рук-во для врачей /Под ред. К.Гиллберга, Л. Хеллгрена; русс. ред. П.И. Сидорова; пер. со шведа. Ю.А. Маковеевой - М: ГЭОТАР-МЕД, 2004. - 544с.

69. Психическое здоровье детей и подростков. /Под ред. И.В. Дубровина. — Екатеринбург: Деловая книга, 2000. - 258с.

70. Райгородский Д.Я. Психология семьи: учеб. пособие для факультетов психологии, социологии, экономики и журналистики. – Самара: БАХРАХ-М, 2007.

71. Райс Ф. Психология подросткового и юношеского возраста. – СПб.: Издательство «Питер», 2000. – 624 с.

72. Райский, Б.Ф. Условия и причины возникновения и развития отклонений в поведении детей и подростков: Учебное пособие / Б.Ф. Райский. – Волгоград: ВГПИ, 1986. – 88 с.

73. Расулов С.Х. Психологияи эмотсия ва ҳиссиёт: Воситаи таълимӣ / С.Х. Расулов – Душанбе, 2022 – 336 с.

74. Саидзода Б.Х. Тадқиқи хусусиятҳои психологии шахсияти наврасону навҷавонони ба худкушӣ майлдошта (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон). Монография.2022.

75. Саидзода Б.Х., Дадабоева М.С., Латифзода С.З. Маҷмӯаи методҳои лоиҳавии психологӣ. Қисми 1. 2021.

76. Сатир В; Психотерапия семьи; - СПб; Ювента; Л999. - 281с.
77. Сафарова, З.Р. Проблемаҳои психологӣ дар системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра [Матн]: монография / З.Р. Сафарова. – Душанбе: ЭР-граф, 2024. – 184 с.
78. Семенова А.В. Если развод неизбежен... пройти через него правильно. - СП61: Невский проспект, 20021 —158с.
79. Симсон Т. П., Модель М. М., Гальперин Л. И. Психоневрология детского возраста. Биомедгиз. М., Л., 1935. 372 стр.
80. Системная семейная психотерапия /Под ред. Э.Г. Эйдемиллера. - СПб.: Питер, 2002. - 368с.
81. Спиваковская А.С. Профилактика детских неврозов (комплексная психологическая коррекция). — М.: Изд-во Моск. ун-та, 1988. — 198с.
82. Фигдор Г. Дети разведенных родителей: между травмой и надеждой. М., 1995. 376 с.
83. Фрейд, А. Психология Я и защитные механизмы: Учебное пособие / А. Фрейд. – М.: ЦПП, 1993. – 211 с.
84. Хоментаускас Г.Т. Семья глазами ребенка. Москва, Педагогика, 1989.
85. Цветкова Н.А. Теория и технология психосоциальной работы с женщинами: Учебное пособие. - Псков: ПГПИ, 2005. - 159с.
8 6 . Целуйко В. М. Психология неблагополучной семьи. М., 2004. 272 с.
87. Шарипова М.Ё. Хусусиятҳои этнофарҳангии тасвири субъективии ҳаёти шахс: Монография. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 234с.
88. Шнейдер Л.Б. Психология, семейных отношений. Курс лекций. - М.: Апрель-Пресс, Эксмо-Пресс, 2000. - 301с.
89. Штернберг Р. Дж. Интеллект, приносящий успех /Пер. с англ. СИ. Ананина. - Мн.: Попурри, 2000. - 368с.

90. Эйдемиллер Э.Г., Добряков И.В., Никольская И.М. Семейный диагноз и семейная психотерапия. Учебное пособие для врачей и психологов. - СПб.: Речь, 2005. – СПб. С.15.
91. Якобсон П. М. Эмоциональная жизнь школьника. М.: Просвещение, 1996. 54 с.

## Мақолаҳо ва маърузаҳо

92. Абдурашитов, Н.Ф. Проблемы проявления агрессивного поведения у трудных подростков [Текст] / Н.Ф. Абдурашитов // Республиканская научно-методическая конференция «Развитие психологии на современном этапе», посвященная «Году образования и технической культуры» [На таджикском языке]. Душанбе, 2010. – С. 132-140.
93. Амато Пол Р. Последствия родительского развода для самоуверенности взрослых детей // Семейный журнал. - 2002. - № 9. - С. 201-213.
94. Анциферова Л.И. Некоторые теоретические проблемы психологии личности // Вопросы психологии. 1978.-№1. -С.37-50
95. Арсеньев А.С. Подросток глазами фтлософа. Философский очерк // Развития личности.2013. №2. -С.110-184.
96. Архангельский В.Н. Взаимоотношения в современной российской семье /В.Н. Архангельский //Народонаселение. Ежеквартальный научный журнал. - М.: Изд-во ИСЭПН, 2002. - № 2. - С.50-52
97. Балкунова Н.П. О собенности взаимоотношений подростка и родителей // Личность, семья и общество: вопросы педагогики и психологии: сб. ст. по матер. XIV междунар. науч.-практ. конф. Часть II. – Новосибирск: СибАК, 2012.
98. Башина В. М., Пивоварова Г. Н. Синдром аутизма у детей// Журн. невропатол. и психиатр. — 1970. — Т. 70, вып. 6. — С. 941-943.
99. Белякова В.А., Развод родителей как фактор психологической драматизации ребенка - В сборнике: Научное сообщество

студентов сборник материалов XI Международной студенческой научно-практической конференции. 2016. С. 69-70.

100. Бондарская Г.А. Изменение демографического поведения российских семей за 100 лет /Г.А. Бондарская //Мир России = Universe of Russia: Социология. Этнология. Культурология.: Науч.-публицист. журнал. - М.: Рос. брокер, дом, 1999. - Т. VIII. - № 4. - С58-70.
101. Видра Д. Развод: трагедия или надежда: По страницам научных трудов Гельмута Фигдора /Д. Видра //Дошкольное воспитание. Научно- методическии журнал — М.: Издательский дом «Воспитание дошкольника», 1998. - №12. - С.84-89.
102. Вроно, Е.М., Ратинова, Н.А. О возрастном своеобразии аутоагрессивного поведения у психически здоровых подростков [Текст] / Е.М. Вроно, Н.А. Ратинова // Сравнительно-возрастные исследования в суицидологии. Моск. НИИ психиатрии. – М.: Москва, 1989. – С. 38-46.
103. Гаврилицына О.А. Чувство вины у работающей женщины /О.А. Гаврилицына /Фопросы психологии. Научный журнал Российской академии образования. — М.: Изд-во Акад. пед. наук, 1998. - №4. - С. 56- 59.
104. Гирин С.Л. О взаимосвязи семейных отношений и подростковой преступности /С.Л. Гирин //Семья в новых социально-экономических условиях. Том.2: Материалы Международной научно-практической конференции: 2-10 октября 1997 г. /Иод ред. проф. З.Х. Саралиевой. - Н.Новгород: Изд-во ННГУ, 1998. - Т.2 - С. 68-70.
105. Грабко Г.А., Влияние ситуации развода родителей на психическое состояние подростка - В сборнике: психологическая безопасность личности в поликультурной среде жизнедеятельности сборник научных трудов по материалам III-й ежегодной научно-практической конференции преподавателей, студентов и молодых

ученых Северокавказского федерального университета «Университетская наука - региону». Федеральное государственное автономное образовательное учреждение высшего профессионального образования «Северокавказский федеральный университет». 2015. С. 97-100.

106. Гуденкова Е.А. Психокоррекционная работа с детьми /Е.А. Руденкова
107. Далгатов М.М., Джабраилова М.М. Эмоциональное развития подростков в непольнызх и смешанных семьях. [Текст] / М.М. Далгатов, М.М. Джабраилова // Известия ДГПУ, №3, 2014. С. 18-22.
108. Дементьева И. Ф. Негативные факторы воспитания детей в неполной семье // Соц. исслед. 2001. № 11. С. 108-118.
109. Джабраилова М. М., Далгатов М. М. Особенности проявления тревожности и агрессивности у подростков из неполных и смешанных семей // Известия Дагестанского государственного педагогического университета. Психолого-педагогические науки. 2018. Т. 12. № 4. С. 21-25. DOI: 10.31161/1995-0659-2018-12-4-21-25
110. Дмитриева Т.Б. Социальная психиатрия в детско-подростковом возрасте клиническая реальность нашего времени // Российский психиатрический журнал. -1999. -№3. -С.9-14.
111. Драгунова, Т.В. Проблема конфликта в подростковом возрасте [Текст] / Т.В. Драгунова // Вопросы психологии. 1972. – №2 – С. 18-26.
112. Дружинин В.Н. Интеллект и продуктивность деятельности: модель «интеллектуального диапазона». Психологический журнал. Т.19, 2, 1998.
113. Зайтметов, Ҳ.А. Рафтори агрессивӣ аз дидгоҳои ёддиҳии иҷтимоӣ ва когнитивӣ” [Матн] / Ҳ.А. Зайтметов // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2022. – №2 (38). Душанбе, 2022. С. 36-40

114. Закаблук А.Г. Возрастные особенности прогнозирования школьником своих эмоциональных состояний: Автореф. дис. … канд. наук. Л., 1986.
115. Закирова В.М: Развод и насилие в семье — феномены семейного неблагополучия /В. М. Закирова //Социологические исследования. Ежемесячный, научный и общественно-политический журнал Российской Академии наук. - М.: Наука, 2002. - №12. -С.131-133.
116. Ивашкина Ю.Ю. Типи семей в системе социального обслуживание [Захира электронӣ: http://homekid.ru/content/docs/izdaniya/serealnui_sbornik/vse-vupyski/v2/63-73.pdf].
117. Казарян М.Ю., Сайфугалиева А.И. Вопросы эмоционального состояния детей в неполных семьях. //Психологические проблемы современной российской семьи. Часть 2: Тезисы II всероссийской научной конференции (25-27 октября 2005 г.). В 3-х частях. /Под общ. ред. д.пс.н. В.К. Шабельникова и к.пс.н. А.Г. Лидерса. - М.: Изд-во НУ, 2005. - С.137-139.
118. Королева С.А. Психологические особенности образа себя и образа родителей у детей старшего- дошкольного возраста после развода родителей /С.А. Королева //Психологическая наука и образование. Ежеквартальный научно-практический журнал. — М.: Изд-во МГГШУ, 2003. -№4.-С.34-37.
119. Королева Ю.А., Матасов Ю.Т. Личностные ресурсы социально-психологической компетент- 56 Вестник КГУ 2018 ПСИХОЛОГИЯ ности подростков в условиях дизонтогенеза // Вестник Костромского государственного университета. Серия: Педагогика. Психология. Социальная работа. Ювенология. Социокинетика. – 2016. – № 4. – С. 301–306.
120. Левитов, Н.Д. Фрустрация как один из видов психических состояний [Текст] / Н.Д. Левитов // Вопросы психологии. 1967. – № 6. – С. 118-129.

121. Лунякова Л.Г. Семьи одиноких матерей - социальное явление и примета времени /Л.Г. Лунякова //Тендерные исследования и тендерное образование в высшей школе. Часть 2: Материалы международной научной конференции 25-26 июня 2002 года. - Иваново: Иван. гос. ун-т, 2002. -С.4-10.
122. Магомедова С.М., Переживание подростками чувства одиночества в ситуации развода родителей - Вестник Дагестанского государственного университета. Серия 2: Гуманитарные науки. 2014. № 4. С. 247-253.
123. Михеева А.Р. Отцы и матери после развода: ответственность, права проблемы. Теоретические материалы к курсу «Социология семьи». /А.Р. Михеева; М-во образования ГФ, Новосиб. гос. ун-т. Экон. фак. Каф. общ. социологии. - Новосибирск: НГУ, 2002. — 27с.
124. Нестеренко И.Е. Исследование психотравмирующих последствий развода родителей для подростков - Актуальные проблемы науки и практики современного общества. 2017. № 2-6. С. 43-49.
125. Остапова А.В. Психологические особенности подросткового возраста [захираи электронӣ: https://cyberleninka.ru/article/n/psihologicheskie-osobennosti-podrostkovogo-vozrasta].
126. Первова И.Л. Диагностика и лечение детскои и подростковой депрессии /И.Л. Первова /Фопросы психологии. Научный журнал Российской академии образования. — М.: Изд-во Акад. пед. наук, 1999. - N 3. - С.107- 109.
127. Прокофьева Л.М. Отцы и их дети после развода /Л.М. Прокофьева, М.- Ф. Валетас //Социологические исследования. Ежемесячный научный и общественно-политический журнал Российской Академии наук. — if.: Наука, 2002. - № 6. - С.111-115.
128. Пухова Т.И. Развитие представлений о семейных отношениях у детей. Захираи электронӣ. http://www.voppsy.ru/issues/1996/962/962014.htm

129. Сафарова, З.Р. Нақши модар дар оилаи нопурра ва тарбияи фарзанд [Матн] / З.Р. Сафарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2017. – №3/7. – С. 190-194.
130. Сафарова, З.Р. Хусусиятҳои психологӣ-педагогии шаклгирии шахсияти кӯдакон дар оилаҳои нопурра [Матн] / З.Р. Сафарова // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. 2015. – №3(64). – С. 14-17.
131. Свон-Джексон Э. Меж двух огней: [О психол. помощи подросткам при разводе; родителей: по страницам; кн.] /Э. Свон-Джексон; подгот. Н. Михайлова //Семья и школа. Ежемес. журнал /Акад. пед; наук РСФСР; - Ml; Л.: изд-во Акад. педагогических: наук РСФСР,20001 - Ж7/8.-С.12-14.
132. Симонов П.В. Эмоциональный мозг. -М.: Наука, 1981.-С.19-23.
133. Смирнова Е.О., Собкин Е.С. Специфика эмоционально-личностнои сферы дошкольников в неполных семьях /Фопросы психологии Научный журнал Российской академии образования. - М.: Изд-во Акад. пед. наук, 1999. № 6 — С.18-24.
134. Соловьева А.В., Учет особенностей психологической защиты при взаимодействии с подростками - В сборнике: Социальная психология сегодня: наука и практика Материалы VII Межвузовской научно- практической конференции. Санкт-Петербургский гуманитарный университет профсоюзов. 2012. С. 79-81.
135. Старцева О.А. Педагогическая культура семьи и девиантное поведение [Захира электронӣ: https://cyberleninka.ru/article/n/pedagogicheskaya-kultura-semi-i-deviantnoe-povedenie].
136. Сысенко В.А. Роль матери в формировании личности ребенка Ш.А. Сысенко //Народонаселение. Ежеквартапьный научный журнал. - М.: РИЦ ИСЭПН, 2002. — N 2. — С.21-24.
137. Теория семейных систем Мюррея Боуэна. Основные понятия, методы и клиническая практика/под редакцией К. Бейкер, А.Я. Варги. Москва, Когито-центр 2005.

138. Терелянская И.В., Особенности эмоциональной сферы подростка в ситуации развода родителей - В сборнике: Одинокие матери в России. В чем проблема? Теоретические подходы и прикладные исследования Материалы Всероссийской научно-практической конференции. Редколлегия: И.В. Черемисова (отв. ред.), И.В. Терелянская (зам. отв. ред.), И.А. Баракова (отв. секретарь) [и др.]. 2017. С. 147-151.
139. Толмачева С.А., Влияние кризиса семейных отношений на подростка - Наука и образование: проблемы и стратегии развития. 2015. № 1 (1). С. 122-124.
140. Трошина Е.А., Депрессивные состояния в подростковом возрасте - В сборнике: XVII Вишняковские чтения. Вузовская наука: условия эффективности социально-экономического и культурного развития региона материалы международной научной конференции. 2014. С. 153- 157.
141. Унарова А.А. Последствия влияния развода родителей на психологическое состояние подростка - В сборнике: Молодой исследователь: вызовы и перспективы сборник статей по материалам XVII междунар. науч.-практ. конф.. 2018. С. 26-30.
142. Федотова Ю.В. Проблема понимания кризиса семьи /Ю.В.Федотова //Социологические исследования. Ежемесячный научный и общественно-политический журнал Российской Академии наук. — М.: Наука, 2003. – №11. - С.129-137.
143. Ферстенберг Ф. Ф., Норд Л. У., Петерсон Дж. Д., Зилл Н. Распад брака и контакты родителей с детьми // СоцИс., 1985. №4.).
144. Фести П., Прокофьева Л. После развода. //Мир России 1997, №4.
145. Фигдор Г. Между иллюзией «развода» и ответственностью за вину /Г. Фигдор //Психологический журнал. Журнал Российской академии наук. — М.: Наука; 1998. - т.19. - №5. - С.88-91.
146. Фомина Л.Ю., Влияние развода родителей на личность подростка. - Ученые записки Педагогического института СГУ им. Н.Г.

Чернышевского. Серия: Психология. Педагогика. 2008. № 1-2. С. 63-66.
147. Френкель М.В., Особенности развития личности подростка в условиях полной и неполной семей - Педагогический опыт: теория, методика, практика. 2015. Т. 1. № 3 (4). С. 128-132.
148. Харитонова, Т.И. Проблема детско-родительских отношений в зарубежной и отечественной психологии / Т.И. Харитонова // Психология и педагогика: методика и проблемы практического применения. – 2016. – № 54. – С. 53–57.
149. Черепанова А.И., Влияние развода родителей на личность подростка - Сборники конференций НИЦ Социосфера. 2014. № 50. С. 59-60.
150. Шарипова, М.Ё. Рушди шахсияти кӯдак дар оила. Масоили мубрами психологӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон [Матн] / М.Ё. Шарипова // Қисми 2. Психологияи муносибатҳои оилавӣ. Маҷмуи мақолаҳои илмӣ. Душанбе, 2016. – С.86
151. Юлия Соколова. Я расту без папы. Как воспитать ребенка одной. – Москва: Гелеос, 2008. – С. 61.
152. Юнусова Н.М. Солимии оила ва таъсири он ба ҳолати равонии фарзандон [Матн] / Н.М. Юнусова // Паёми пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2020. – №3 (31). С. 125-133 https://www.elibrary.ru/contents.asp?id=44450797

**Диссертатсия ва авторефератҳо:**

153. Абдурашитов, Н.Ф. Восстановление детско-родительских отношений как механизм формирования готовности к продуктивной социальной включенности подростков-правонарушителей [Текст]: дис. ... канд. психол. наук: 19.00.07 / Абдурашитов Наимҷон Фозилович. – Душанбе, 2019. – 192 с.
154. Аликина, Н.В. Возрастные психологические особенности агрессивного поведения несовершеннолетних [Текст]: дис. ... канд.

психол. наук: 19.00.07 / Аликина Наталья Викторовна. – Киев: Укр. НИИ психологии УССР, 1990. – 100 с.
155. Варга, А.Я. Структура и типы родительских отношений [Текст]: дис. ...канд. психол. наук: 19.00.01 / Варга Анна Яковлевна. – М., 1986. – 206 с.
156. Ермолаева, Л. И. Фрустрация как социально-психологический феномен [Текст]: дис. ... канд. психол. наук: 19.00.05 / Ермолаева Людмила Ивановна. – М.: Российская академия управления (РАУ). – 1993. – 114 с.
157. Зеленчукова С.В. Социально-педагогические условия воспитания подростков из неполных семей: На примере России и Германии [Текст]: дис. ... канд. пед. наук: 13.00.01 / Зеленчукова Светлана Валентиновна. – Москва, 2002. – 178 с.
158. Исмоилов Ш.Ғ. Таҳқиқи гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ [Матн]: дис... номз. илмҳ. психог.: 19.00.05 / Исмоилов Шокирҷон Ғуломович. – Хуҷанд., 2024. – 227 с.
159. Кадырова, Т.М. Агрессивно-садистические влечения у детей и подростков (Возрастные особенности клиники, закономерности) / Кадырова Т.М. // Автореферат диссертации кандидата медицинских наук. – М., 1987 – 30 с.
160. Каракулова, З.Ш. Исследование зависимости суицидального поведения личности от системы семейного воспитания / Каракулова З.Ш. // Автореферат диссертации кандидата психологических наук. – Алматы,
161. Кириленко, И.Н. Влияние семейных отношений на развитие агрессии в подростковом возрасте [Текст]: дис. ... канд. психол. наук: 19.00.13 / Кириленко Ирина Николаевна. – Ставрополь., 2007. – 206 с.
162. Кондратьев М.Д. Социально-психологические и личностные характеристики интеллектуально успешных подростков [Текст]: дис.

... канд. психол. наук: 19.00.05 / Кондратьев Михаил Дмитриевич. – Москва, 2019. – 178 с.
163. Курбатова, Т.Н. Эмоционально-поведенческие особенности несовершеннолетних правонарушителей / Курбатова Татьяна Николаевна. // Автореферат диссертации кандидата психологических наук. – Л., 1981. – 20 с.
164. Латифзода С.З. Ташхиси коршоямии касбӣ-психологии шахс дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли довталабони самти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ) [Матн]: дисс... доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 - Психология (6D050301- Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология). - Душанбе., 2021. -170 с.
165. Маджидова, Б. Народные традиции и обычаи как средство формирования нравственных качеств детей в семье [Текст]: дис. на соис. учён. степ. док. пед. наук: 13.00.01 / Маджидова Бибихафиза. – Душанбе, 2004. – 212 с.
166. Назархудоева, Л.Т. Современная семья в Таджикистане: состояние и проблемы функционирования и развития (Социально – философский анализ) [Текст]: дисс. канд. филос. наук: 09.00.11 / Назархудоева Лола Тошбековна. – Душанбе, 2016.
167. Раҷабов Н.М. Фаҳмиши фалсафӣ – иҷтимоии мохияти каҷрафтори дар наврасон ва усулҳои пешгири намудани он Текст]: дис. ... канд. филос. наук: 09.00.11 / Раҷабов Насимҷон Мирзохудоиевич. – Душанбе, 2018. – 187 с.
168. Регуш Л.А. Развитие прогнозирования как позновательная способность личности.: Дис. д-ра псих. наук. -М., -1995. -330с.
169. Саидзода Б.Х. Тадқиқи хусусиятҳои психологии шахсияти наврасону навҷавонони ба худкушӣ майлдошта (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) [Матн]: дисс... доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи

ихтисоси 6D050300 - Психология (6D050301- Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология). - Душанбе., 2019. -170 с.

170. Сафарова, З.Р. Проблемаҳои психологӣ дар системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра [Матн]: дис... номз. илмҳ. психог.: 19.00.05 / Сафарова Заррина Раҷабовна. – Душанбе., 2019. – 197 с.
171. Фозилова М.Ҷ. Таъсири муносибатҳои оилавӣ ба зоҳиршавии агрессия дар синни наврасӣ [Матн]: дисс... доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 - Психология (6D050301- Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология). - Хуҷанд., 2025. -219 с.
172. Шахнозаи С.Т. Гендерно-возрастные особенности субъективной картины жизненного пути личности (на примере таджикской молодежи). Дис. на соис. уч степ. канд. псих. наук: 19.00.01 / Шахнозаи Саъдии Табари. -Душанбе, 2024.
173. Юнусова, Н.М. Детерминирующая роль женщины в процессе формирования нравственных ориентиров личности и семьи, опирающаяся на этнокультурные ценности [Текст]: дис. на соис. уч. степ. док. пед. наук: 13.00.01 / Юнусова Нафисахон Муродовна. – Душанбе, 2013.
174. Якушенко Е.Г. Клинико-психологические особенности подростков разведенных родителей. [Текст]: дис. на соис. уч. степ. канд. псих. наук: 13.00.04 / Якушенко Едена Геннедъевна. – Санкт-Петербург., 2008. -186 с.

**Захираҳои электронӣ:**

175. https://www.president.tj/
176. http://office.stat.tj/
177. https://jumhuriyat.tj/
178. https://mmk.tj/
179. https://kmt.tj/tg/

**Интишороти муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи феҳристи пешниҳоднамудаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М] Бобобекзода, М.А. Таҳлили роҳёфтҳои илмии омӯзиши инкишофи психофизиологӣ дар синни наврасӣ / М. А. Бобобекзода // Паёми Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – №3 (32), – 2019. – С.89-95.

[2-М] Бобобекзода, М.А. Аксуламалҳои психологии наврасон ба талоқи волидайн / М. А. Бобобекзода // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – №3 (57), – 2025. – С.356-363.

[3-М] Бобобекзода, М.А. Талоқ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ-психологӣ / М. А. Бобобекзода // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. №2 (50), 2025. – С.98-103.

[4-М] Шарипова М.Ё., Бобобекзода, М.А. Исследование влияния развода на эмоциональное состояние подростков / М.Ё. Шарипова, М.А. Бобобекзода // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – №3 (51), – 2025. – С.93-101

**II. Маводи дар маҷаллаю нашрияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ чопшуда:**

[5-М] Бобобекзода, М.А. Ҳолатҳои эмотсионалӣ ҳамчун зуҳуроти психологӣ / А.М. Бобобекзода // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Илми тоҷик: имрӯз ва фардои он» бахшида ба рӯзи илми тоҷик ва солҳои рушди иқтисодӣ ва инноватсия». ш. Хуҷанд, 25 апрели соли 2025.

[6-М] Бобобекзода, М.А. Хусусиятҳои зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасон / А.М. Бобобекзода // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Илми тоҷик: имрӯз ва фардои он»

бахшида ба рӯзи илми тоҷик ва солҳои рушди иқтисодӣ ва инноватсия». ш. Хуҷанд, 25 апрели соли 2025.
[7-М] Бобобекзода, М.А. Исторический взгляд на использование психологических знаний в области семейных отношений / М.А. Бобобекзода // Криминалистика в международном измерении: Материалы всероссийской научно-практической конференции с международным участием, Москва, 21 апреля 2023 года. – М: Московская академия следственного комитета, 2023. – С. 196-201. – EDN KPXZZE.
[8-М] Маҳмудов Ш., Бобобекзода, М.А. Худбаҳодиҳӣ ва дараҷаи иддао дар занҳои талоқшуда / Ш. Маҳмудов, А.М. Бобобекзода // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Масъалаҳои хушунат ва роҳҳои пешгирии он». ш. Душанбе, 2025. – С. 72-75.

# ЗАМИМАҲО

*Замимаи №1*

**Саволномаи «Рафтори волидайн ва ва муносибати наврасон ба онҳо»**

Дастурамал: «Аз Шумо хоҳиш карда мешавад, ки дар асоси таҷрибаи худ, муайян намоед, ки кадоме аз ин муҳокимаҳо ба волидайни Шумо мувофиқат мекунанд. Барои ин ба Шумо зарур аст, то ҳар як муҳокимаро бодиққат хонед.

Агар фикр кунед, ки муҳокима пурра бо принсипи тарбиявии падар (ва ё модар) мувофиқат мекунад, пас дар назди муҳокима «Ҳа» нависед. Аммо агар ҳисоб кунед, қисман мувофиқ меояд, пас «қисман» ва агар фикр кунед, ки умуман мувофиқат намекунад, пас «не» нависед.

Падари ман (модари ман)

1. Ба ман зуд-зуд табассум мекунад
2. Мутлақо талаб мекунад, ки ман омӯзам, ки чӣ кор карда метавонам ва чӣ кор карда наметавонам.
3. Нисбати ман сабр надоранд
4. Вақте ки ман меравам, падар (модар) худаш қарор медиҳад, ки ман бояд кай баргардам.
5. Ҳамеша чизеро, ки мегӯяд ё фармон медиҳад, зуд фаромӯш мекунад
6. Вақте ки кайфияти бад дорам, маслиҳат медиҳад, ки ором шавам ё шодӣ кунам.
7. Фикр мекунад, ки ман бояд қоидаҳои зиёде дошта бошам ва онҳоро ҳатман риоя кунам
8. Доимо аз болои ман ба касе шикоят мекунад
9. Чӣ қадар озодие, ки ба ман лозим аст, медиҳад.
10. Барои як гуноҳ боре ҷазо медиҳад ва дафъаи дигар мебахшад.
11. Ӯ воқеан якҷоя кор карданро дӯст медорад.
12. Агар ба ман ягон кор таъин кунад, фикр мекунад, ки ман бояд то анҷоми он кор кунам.
13. Аз ҳар кори майда-чуйдаи ман хашмгин мешавад.
14. Бе иҷозати ӯ ба ҳар ҷое ки хоҳам, рафта метавонам.

15. Вобаста ба кайфиятам аз бисёр фаъолиятҳо даст мекашам
16. Вақте ки ман ғамгин мешавам, ӯ кӯшиш мекунад, ки маро руҳбаланд кунад
17. Ҳамеша исрор мекунад, ки барои ҳамаи корҳои ношоистаам бояд ҷазо гирам.
18. Ӯ ба он чизе, ки маро ба ташвиш меорад ва он чизе ки ман мехоҳам, чандон таваҷҷуҳ намекунад.
19. Агар мехостам, ҳар бегоҳ ба ҳар куҷое, ки мехостам, мерафтам.
20. Қоидаҳои муайян дорад, аммо баъзан онҳоро риоя мекунад, баъзан не
21. Ҳамеша фикру ақидаҳо ва назари маро бо фаҳмиш гӯш мекунад
22. Назорат мебарад, то он чизеро ба ман гуфтаанд, иҷро кунам
23. Баъзан ман ҳис мекунам, ки ман дар ӯ нафратро меорам.
24. Ба ман имкон медиҳад, ки қариб ҳама чизеро, ки ба ман маъқул аст, иҷро кунам.
25. Қарорҳои худро мувофиқи хости худ иваз мекунад
26. Аксар вақт маро барои чизе таъриф мекунад
27. Ҳамеша мехоҳад бидонад, ки ман чӣ кор мекунам ва дар куҷо ҳастам.
28. Мехоҳад дигар шавам, тағйир ёбам.
29. Ба ман имкон медиҳад, ки кори ба ман маъқулро интихоб кунам
30. Баъзан маро хеле осон мебахшад ва гоҳе намебахшад.
31. Ӯ кӯшиш мекунад, ки ошкоро исбот кунад, ки маро дӯст медорад.
32. Ҳамеша назорат мекунад, ки ман дар кӯча ё дар мактаб чӣ кор мекунам
33. Вақте ки ман ягон кори нодуруст мекунам, ӯ пайваста ва дар ҳама ҷо дар бораи он гап мезанад

34. Ба ман озодии зиёд медиҳад. Кам "бояд" ё "набояд"-ро истифода мебарад.

35. Пешакӣ муайян кардан хеле душвор аст, ки ман кори бад ё хуб мекунам ва ё чӣ гуна рафтор мекунам.

36. Фикр мекунад, ки ман бояд дар ҳар як масъала андешаи худро дошта бошам

37. Ҳамеша бодиққат нисбати дӯстони ман назорат мебарад.

38. Вақте ки ман ӯро хафа мекунам ё озор медиҳам, то он даме ки ман гапзаниро сар накунам, ӯ бо ман гап намезанад.

39. Ҳамеша маро ба осонӣ мебахшад

40. Хеле номувофиқ таърифу ҷазо медиҳад: гоҳ зиёд, гоҳе кам

41. Ҳангоми зарурат ҳамеша барои ман вақт пайдо мекунад

42. Ҳамеша ба ман фармош медиҳад, ки чӣ гуна рафтор кунам

43. Мумкин аст, ки ӯ аслан аз ман нафрат дорад

44. Ман таътили худро мувофиқи хоҳиши худ ба нақша мегирам.

45. Баъзан метавонад хафа шавад, аммо баъзан меҳрубон ва миннатдор мешавад.

46. Ҳамеша ба ҳама саволҳо ошкоро ҷавоб медиҳад, новобаста аз он ки ман чӣ мепурсам.

47. Вай зуд-зуд тафтиш мекунад, ки оё ман ҳама чизро тавре ки ба ман гуфта буд, тоза кардаам.

48. Ман ҳис мекунам, ки ӯ ба ман беэътиноӣ мекунад.

49. Ҳуҷра ё гӯшаи ман қалъаи ман аст: ман онро тоза карда метавонам ё не, вай дар он ҷо дахолат намекунад

50. Хохиш ва дастурҳои ӯро фаҳмидан хеле душвор аст.

*Замимаи №2*

## *Шарҳ ва коркарди методикаи проективии С. Розенсвейг*

**Намунаҳо.** Дар асоси профил се намунаи асосӣ ва як намунаи иловагии маълумотҳои ададӣ тартиб дода мешаванд.

1. Намунаи аввал басомади нисбии самтҳои гуногуни ҷавобро новобаста аз намуди он ифода мекунад. Ҷавобҳои экстрапунитӣ, интропунитивӣ ва импунитивӣ бо тартиби коҳишёбӣ ҷойгир карда мешаванд. Масалан, басомадҳои E - 14, I - b, M - 4 чунин қайд карда мешаванд: E> 1> M.
2. Намунаи дуюм басомади нисбии намудҳои ҷавобҳоро, новобаста аз равияи онҳо, ифода мекунад. Аломатҳои ишоратӣ ба монанди мисоли қаблӣ қайд карда мешаванд. Масалан, мо чунин ҳосилҳоро ба даст овардем, OD - 10, ED - b, NP - 8. Пас, чунин ишора карда мешавад - OD> NP> ED.
3. Намунаи сеюм басомади нисбии се омили маъмултаринро, новобаста аз намуд ва равияи ҷавоб, ифода мекунад ва чунин ишора карда мешавад, масалан, E> E '> M.
4. Намунаи чоруми иловагӣ муқоисаи ҷавобҳои E m I-ро дар вазъиятҳои «монеа» ва «айбдоркунӣ» дар бар мегирад. Ҷамъи холҳои E ва 1 бо фоиз ҳисоб карда мешавад, инчунин ба 24 асос меёбад, аммо азбаски танҳо 8 (ё' 1/3) ҳолати дар тест овардашуда имкон медиҳад, ки E ва I ҳисоб карда шавад, пас фоизи максималии чунин ҷавобҳо 33 хоҳад буд.

**Таҳлили тамоюлҳо.** Озмудашаванда ҳангоми озмоиш метавонад рафтори худро ба таври назаррас тағйир диҳад, яъне аз як намуд ё равияи вокунишҳо ба намуди дигар гузарад. Чунин тағйирот барои фаҳмидани вокуниши фрустатсионӣ аҳаммияти калон дорад, зеро он муносибати озмудашавандаро ба вокуниши хеш нишон медиҳад. Масалан, озмудашаванда метавонад таҷрибаро бо зоҳир намудани вокунишҳои экстрапитуативӣ оғоз карда, пас аз нуҳ ё даҳ ҳолате, ки ӯ худро ҳамчун гунаҳгор ҳис мекард, аллакай ба ҷавобҳои навъи интропунитивӣ мегузарад. Таҳлилҳо мавҷудияти чунин тамоюлҳоро ошкор ва табиати онҳоро муайян мекунад.

Равияҳо дар шакли тирча қайд карда мешаванд, ки дар болои сутуни он баҳои рақамии равия нишон дода шудааст, ки бо аломати «+» (равияи мусбат) ё «-» (равияи манфӣ) ишора карда мешавад.

Формулаи ҳисобкунии равияҳо: (а-в): (а+в) мебошад, ки дар он а – шумораи баҳогузории микдорӣ дар нимаи якуми протокол, в - ин баҳогузории микдорӣ дар нимаи дуввуми он мебошад.

Барои он ки равияҳо ҳамчун нишондиҳанда ҳисобида шаванд, он бояд на камтар аз чор ҷавобро дар бар гирад ва ҳадди ақалли он 0.33 холро соҳиб гардад.

**Шарҳи натиҷаҳо.** Озмудашаванда бошуурона ва ё бешуурона худро ба ҳар як қаҳрамони вазъияти тасвирёфтаи фрустатсионӣ монанд мекунад. Техникаи шарҳдиҳӣ якчанд марҳиларо дар бар мегирад.

Марҳилаи аввал дар омӯзиши GCR инъикос меёбад, ки ин нишондиҳандаи муҳимми методика ҳисобида мешавад. Ҳамин тариқ, агар озмудашаванда фоизи ками GCR-ро соҳиб шуда бошад, пас метавон чунин тахмин кард, ки вай аксар вақт бо атрофиёнаш дар вазъияти ихтилоф карор дорад ва ба муҳити иҷтимоии худ ба қадри кофӣ мутобиқ нашудааст.

Марҳилаи дуюмро омӯзиши баҳогузории 6 омили ҷадвали профилбуда дар бар мегирад. Баҳогузориҳое, ки ба равияи вокунишҳо дахл доранд (Е, 1, М), дорои қиматҳое мебошанд, ки аз консепсияҳои назариявии фрустатсионӣ сарчашма гирифтаанд.

Ҳамин тавр, масалан, агар мо аз озмудашвааңда баҳои муқаррарии М-, Е - хеле баланд, I - хеле пастро мушоҳида намоем, пас дар ин замина гуфтан мумкин аст, ки дар озмудашаванда тарзи рафтори фрустатсионӣ мушоҳида мешавад, аммо ба намуди вокуниши интропунитивӣ хеле кам мароқ зоҳир мекунад. Яъне, тахмин кардан мумкин аст, ки ӯ нисбат ба дигарон дида серталаб аст ва ин метавонад ба ҳайси нишонаи худбаҳодиҳии номувофиқ баромад кунад.

Баҳогузориҳое, ки ба намудҳои вокунишҳо вобастаанд, маъноҳои мухталифро доранд. Баҳогузории *OD* (навъи вокуниши «бо ислоҳшавӣ дар монеаҳо») нишон медиҳад, ки монеа то кадом дараҷа субъектро ба ҳолати фрустатсионӣ мебарад. Пас, агар мо баҳои баландтари ОД гирифта бошем, пас ин нишондиҳандаи он аст, ки дар ҳолатҳои фрустатсионӣ дар субъект идеяи монеагӣ аз муқаррарӣ дида бештар ҳукмфармо мебошад. Арзёбии ED (навъи вокуниши «ҳимояи худ») маънои шахсияти заиф ва осебпазирро дорад. Аксуламалҳои субъект ба ҳимоя ва ҳифзи «Ман»-и худ нигаронида шудаанд. Баҳогузории NP - нишонаи вокуниши мувофиқ, нишондиҳандаи ҳамон дараҷаест, ки субъект метавонад вазъиятҳои фрустатсиониро ҳал кунад.

Марҳилаи сеюми шарҳдиҳӣ омӯзиши равияҳо мебошад. Он метавонад дар фаҳмидани муносибати субъект ба вокуниши худи ӯ аҳаммияти калон дошта бошад.

Дар маҷмуъ, метавон иловатан ишора намуд, ки дар асоси протоколи тадқиқот дар бораи баъзе ҷанбаҳои мутобиқшавии субъект ба муҳити иҷтимоии ӯ хулоса баровардан мумкин аст. Методикаи мазкур ба ҳеҷ ваҷҳ барои баровардани хулоса дар бораи сохтори шахсият коркард нагардидааст. Метавон танҳо бо эҳтимолияти бештар гуфт, ки вокуниши эмотсионалии субъектро ба мушкилот ё монеаҳое, ки дар роҳи қонеъ кардани талаботҳо ва расидан ба ҳадафҳо истодаанд, пешгӯӣ кардан имконпазир аст.

Тадқиқотро метавон ҳам ба тарзи инфиродӣ ва ҳам ба тарзи гурӯҳӣ гузаронид. Вақти гузаронидани тадқиқот маҳдуд аст, яъне 20-30 дақиқаро дар бар мегирад.

Замимаи №3

## Мавод-ангезандаи методикаи Холмс ва Раэ

| № Р\Т | ҲОДИСАҲОИ ҲАЁТӢ | ХОЛҲО |
|---|---|---|
| 1. | Вафоти ҳамсар (шавҳар) | 100 |
| 2. | Ҷудошавӣ | 73 |
| 3. | Ҷудошавии оила (расман тариқи мақомоти САҲШ ҷудо нашудаанд) | 65 |
| 4. | Маҳбасӣ шудан | 63 |
| 5. | Вафоти аъзои оилаи наздик | 63 |
| 6. | Захмӣ ва ё бемор шудан | 53 |
| 7. | Оиладор шудан, тӯй | 50 |
| 8. | Аз кор озод шудан | 47 |
| 9. | Оштишавии оила | 45 |
| 10. | Ба нафақа баромадан | 45 |
| 11. | Тағйирёбиҳо дар ҳолати саломатии аъзоёни оила | 44 |
| 12. | Ҳомиладоршавии ҳамсар | 40 |
| 13. | Мушкилотҳо дар соҳаи шаҳвоният | 39 |
| 14. | Тавлиди фарзанд | 39 |
| 15. | Ҷойивазкунии ҷиддӣ дар кор | 39 |
| 16. | Тағйирёбиҳои молиявӣ | 38 |
| 17. | Марги дӯсти наздик | 37 |
| 18. | Тағйирёбиҳо дар самти самтнигарониши касбӣ, ивази ҷойи кор | 36 |
| 19. | Зиёд шудани муносибатҳои низоӣ байни ҳамсару шавҳар | 35 |
| 20. | Қарз барои хариди калон (масалан, хона) | 31 |
| 21. | Анҷоми муҳлати пардохти қарз, афзоиши қарзҳо. | 30 |
| 22. | Тағйир ёфтани мансаб, баланд шудани масъулияти хизматӣ | 29 |
| 23. | Ба ҳаёти мустақилона гусел кардани писар ва ё духтар | 29 |
| 24. | Мушкилот бо хешу таборони шавҳар (ҳамсар) | 29 |
| 25. | Комёбиҳо | 28 |
| 26. | Ҳамсар аз кор озод шуд (ва ё ба кор шуруъ кард) | 26 |
| 27. | Ибтидо ва интиҳои таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ | 26 |
| 28. | Тағйир ёфтани тарзи ҳаёт | 25 |
| 29. | Партофтани ягон одати бад | 24 |

| | | |
|---|---|---|
| 30. | Мушкилот бо роҳбарият, ихтилофҳо | 23 |
| 31. | Ивазшавии шароит ва ё соатҳои корӣ | 20 |
| 32. | Ивазшавии ҷойи истиқомат | 20 |
| 33. | Ивазшавии ҷойи таҳсил | 20 |
| 34. | Иваз намудани он одатҳое, ки бо истироҳату рухсатии меҳнатӣ алоқамандӣ доранд | 19 |
| 35. | Тағйирёбиҳои одатҳои бо дин алоқамандбуда | 19 |
| 36. | Тағйир ёфтани фаъолии иҷтимоӣ | 18 |
| 37. | Қарз барои харидани чизҳои хурдтар (мошин, ойинаи нилгун) | 17 |
| 38. | Тағйир додани одатҳое, ки бо хоб ва вайроншавии хоб алоқамандӣ доранд | 16 |
| 39. | Тағйир ёфтани шумораи аъзоёни оила, тағйир ёфтани аёдати хешу таборон ва дигар оилаҳо | 15 |
| 40. | Тағйир додани одатҳое, ки бо хӯрокхӯрӣ алоқамандӣ доранд | 15 |
| 41. | Рухсатии меҳнатӣ | 13 |
| 42. | Соли нави мелодӣ, ҷашни Наврӯз, зодрӯз | 12 |
| 43. | Вайронкуниҳои на он қадар калони тартиботи ҷамъиятӣ (ҷарима барои вайрон кардани ҳаракати нақлиёт дар кӯчаҳо) | 11 |

Замимаи №4

**Анкетаҳои муаллифӣ.**

**Анкетаи «Арзёбии экспертии хонандагон аз ҷониби омӯзгорон».** Аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки пурра хонед ва дар зери «Ному насаби хонанда» рақамҳои аз 1 то 3-ро интихоб карда, онро ба доира гиред. Ҳар як рақам чунин маъно дорад:

1 – «НЕ»;

2- «БАЪЗАН»;

3 – «ҲА».

**Ҷадвали №6. Анкетаи «Арзёбии экспертии наврасон»**

| НИШОНДИҲАНДА | ГУРӮҲ | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Ному насаб | Ному насаб | Ному насаб | Ному насаб | Ному насаб |
| Хоҳиш дар азхудкунии дониш, шавқу ҳавас ба дарс | 1 2 3 | 1”2 3 | 1" 2 3 | 1' 2 3' | .1 2'3 |
| Фаъолӣ дар вазъиятҳои дарсӣ | 1 2 3 | 1 2 3 | 1 2 3 | 1 2 3› | 1 2 3 |
| Шавқу ҳавасҳои мақсадноку устувор | 1 2 3 | 1 2 3 | 1 2!3 | 1 2 3 | h 2 3.! |
| Малакаҳои коммуникативӣ | 1 2 3 | 1 2 3 | 1 2 3 | 1 2 3 | 1 2 3 |
| Бо тартибу низом дар мактаб | 12 3 | 12 3 | 123 | 123 | 1:23 |
| Масъулиятнок | 1 2 3 | 1 2 3 | 1 2 3 | 1 2 3 | 12 3 |
| Худтанқиднамо (майл ба худтаҳлилнамоии амалҳои худ) | 1 2 3 | 1 2 3 | 1 2 3 | 1 2 3 | 1 2 3 |
| Худкифоя ва мустақил | 1 2 3 | 1 2 3 | 1 2 3 | 1 2 3 | 1 2 3 |
| Манзараи номусоиди эмотсионалӣ (бартарӣ доштани эмотсияҳои манфӣ) | 1 2 3 | 1 2 3 | 1 2 3 | 1 2 3 | 1 2 3 |
| Изтироб дар ҳолатҳои стрессӣ (корҳои контролӣ, ҷавобҳои шифоҳӣ) | 1 2 3 | 1 2 3 | 1 2 3 | 1 2 3 | 1 2 3 |
| Ихтилофнок дар муносибат бо ҳамсинфон | | | | | |
| Дар муносибат бо омӯзгорон ихтилофнок | 1 2 3 | 123 | 123 | 123 | 123 |
| Зоҳиршавии шакли рафтори зиддиҷамъиятӣ (duздӣ, истифодаи нӯшокиҳои спиртӣ) | 1 2 3 | 1 2 3 | 12 3 | 1 2 3 | 1 2 3 |

**Анкета (барои наврасон).** Ҳамзамон, аз ҷониби мо анкетаи махсус барои наврасон ҷиҳати гирифтани маълумоти васеътар аз наврас тартиб дода шуд. Анкетаи мазкур аз 10 савол бо варианти ҷавобҳо иборaи иборат мебошад ва он чунин аст.

«Аз Шумо эҳтиромона хорҳиш менамоем, ба саволҳои дар анкета овардашуда ҷавоб гардонед. Шумо метавонед ба як савол якчанд варианти ҷавобро пешниҳод кунед».

1. Насаб
2. Ном ва номи падар______________________
3. Синну сол
4. Ҷинс
5. Вазъи оилавии волидайнатон:
   1) Алоҳида зиндагӣ мекунанд
   2) Аз ҳам ҷудо шудаанд
   3) Ҷудо шудани волидайни Шумо:
      - 1-3 мешавад;
      - 3-5 сол мешавад;
      - Ва ё……………………..
6. Ҳайати оила дар айни замон:
   1) Модар
   2) Падар
   3) Бобо ва ё бибӣ
   4) Дигар хешу таборон (хоҳару додар)
   5) Модар ва падарандар (падар ва модарандар)
7. Комёбии Шумо дар мактаб:
   1) Ман бо баҳои 3 мехонам
   2) Ман бо баҳои 4 мехонам
   3) Ман бо баҳои 5 мехонам
8. Саломатии худатонро чӣ гуна баҳогузорӣ мекунед?
   1) Ман солимам

2) Ман бештар вақт бемор мешавам
3) Ва ё…………………………

9. Пас аз хатми мактаб нақшаҳои Шумо чӣ гуна ҳастанд?

1) Дар коллеҷ таҳсил кардан;
2) Ба Донишгоҳ дохил шудан;
3) Дар хориҷи кишвар таҳсил кардан;
4) Кор кардан
5) Ва ё……………….

10. Касби ояндаи худро интихоб намудед:

1) Бале
2) Не
3) Дар интихоб шубҳа мекунам

Замимаи №5

## Тести изтироби мактабии Филлипс

## Матни саволнома

1. Худро нигоҳ доштан дар як сатҳ бо ҳасинфҳоям ба ман душвор аст.
2. Вақте ки муаллим мегӯяд, ки маводи азхудкардаатро мепурсам, изтиробнок мешавад?
3. Ба ман кор кардан дар синф ҳамон тавре, ки муаллим мехоҳад, душвор аст.
4. Баъзан хоб мебинам, ки муаллим аз сабаби дарсро надонистанам хашмгин мешавад.
5. Маро дар синф мушт зада буданд.
6. Бисёр вақт мехоҳам, ки муаллим ҳангоми фаҳмонидани чизи нав саросемагӣ накунад, то он даме ки маводро хуб нафаҳмам.
7. Ман ҳангоми ҷавоб додан ё иҷрои супориш ба ташвиш меоям.
8. Ман аз сабаби хато накардан, дар синф аз гап задан эҳтиёт мекунам.
9. Вақте ки маро ба ҷавоб додан даъват мекунанд, зонуҳоям меларзанд?
10. Ҳангоми бозӣ кардан ҳамсинфонам аксар вақт ба ҳоли ман механданд?
11. Ҳолатҳое мешавад, ки назар ба баҳои интизориам баҳои пасттар мегирам?
12. Маро саволи аз синф мондан ташвиш медиҳад.
13. Кӯшиш мекунам аз бозиҳои интихобӣ канорагирӣ кунам, зеро чун қоида маро интихоб намекунанд.
14. Ҳолатҳое мешаванд, ки маро ба тахтаи синф барои ҷавоб додани дарс даъват мекунанд, тамоми баданам меларзанд.
15. Баъзан вақт ҳис мекунам, ки ҳамсинфонам чизҳое мехостаамро маҳкул намедонанд.

16. Пеш аз оғози иҷрои кор хеле изтиробнок мешавам.
17. Гирифтани баҳоҳое, ки волидонам аз ман интизоранд, бароям душвор аст?
18. Баъзан метарсам, ки дар дарс худро бемор ҳис мекунам
19. Агар ҳангоми ҷавоб додан ба хато роҳ диҳам, ҳамсинфонам ба ҳолам механданд
20. Ба ҳамсинфонам монандам
21. Пас аз анҷом додани кор, ман хавотир мешавам, ки оё онро хуб иҷро кардаам ва ё не?
22. Вақте ки дар синф кор мекунам, боварӣ дорам, ки ҳама чизро хуб дар хотир мегирам.
23. Баъзан хоб мебинам, ки дар мактаб ҳастему ба саволи муаллим ҷавоб дода наметавонам
24. Дуруст аст, ки аксари бачаҳо бо ман муносибати дӯстона доранд
25. Ман сахттар кор мекунам, агар донам, ки натиҷаи корам дар синф бо натиҷаҳои ҳамсинфонам муқоиса карда мешаванд
26. Аксар вақт мехоҳам, ҳангоми савол додан изтиробро камтар аз сар гузаронам.
27. Баъзан аз ба баҳс ворид шудан метарсам.
28. Вақте ки муаллима вазифаи хонагии маро тафтиш кардан мехоҳад, тапиши дили ман тезтар мешавад.
29. Вақте ки баҳои хуб мегирам, касе аз дӯстонатон чунин фикр мекунанд, ки ман хайрия кардан мехоҳам.
30. Бо он ҳамсинфонам, ки ба ман бо таваҷҷуҳи махсус муносибат мекунанд, худро хуб ҳис мекунам.
31. Чунин ҳолатҳое мешавад, ки баъзе ҳамсинфонам дар синф чизҳое мегӯянд, ки маро асабонӣ мекунад
32. Ба фикри ман он хонандагоне, дар таҳсил ноком мемонанд, илтифоти дигаронро аз даст медиҳанд

33. Чунин ба назар мерасад, ки аксари ҳамсинфонам ба ман аҳаммият намедиҳанд?
34. Ман аксар вақт хандаовар ба назар мерасам
35. Аз муносибати муаллимон қаноатмандам
36. Модарам мисли дигар модарони ҳамсинфонам дар ташкили шабнишиниҳо кумак мекунад
37. Дар бораи оне ки дигарон дар бораи ман чӣ фикр мекунанд, манро ташвиш меорад.
38. Умедворам, ки дар оянда назар ба пештара беҳтар таҳсил мекунам.
39. Фикр мекунам, ки дар мактаб мисли дигар ҳамсинфонам либоси хуб мепӯшам.
40. Ҳангоми ҷавоб додан ба саволҳо дар синф, аксар вақт фикр мекунам, ки дигарон дар бораи ман чӣ фикр карда истодаанд?
41. Ба фикрам хонандагони боистеъдод ҳуқуқҳои махсусе доранд, ки дигарон онро надоранд?
42. Баъзе аз ҳамсинфонатон вақте ки ман аз онҳо дида беҳтар ҳастам, хашмгин мешаванд.
43. Аз муносибати ҳамсинфонам қаноатмандам
44. Ҳангоми танҳо мондан бо муаллим худро хуб ҳис мекунам
45. Ҳамсинфонатон баъзан намуди зоҳирӣ ва рафтори маро масхара мекунанд
46. Фикр мекунам, ки дар бораи корҳои мактабии худ бештар аз дигарон ғамхорӣ мекунам
47. Вақте ки касе ба ман савол медиҳанд ва ман ҷавоб дода наметавонам, ҳис мекунам, ки гиря кардан мехоҳам
48. Дар вақти хоб бисёр изтиробона дар бора оне ки пагоҳ дар мактаб чӣ ҳодиса хоҳад шуд, фирк мекунам.
49. Ҳангоми кор кардан дар масъалаҳои душвор, баъзан ҳис мекунам, ки чизҳои қаблан хуб медонистаамро тамоман фаромӯш кардаам.
50. Ҳангоми кор кардани масъалаҳо дастам каме меларзад?

51. Вақте ки муаллим ба синф супориш доданӣ мешавад, ман асабӣ мешавам
52. Ман аз санҷиши дониш дар мактаб метарсам.
53. Вақте ки муаллим мегӯяд, ки ба синф супориш медиҳад, маро ҳисси тарси аз уҳдаи иҷрои он набаромадан фаро мегирад.
54. Орзу мекардам, ки ҳамсинфонам кореро, ки дигарон иҷро карда наметавонанд, иҷро карда тавонанд.
55. Вақте ки муаллим маводро мефаҳмонад, ҳис мекунам, ки ҳамсинфонам назар ба ман беҳтар онро мефаҳманд.
56. Дар роҳ ба мактаб рафтан нисбате оне ки мабодо муаллим кори санҷишӣ диҳад, ташвиш мешавам.
57. Вақте ки иҷрои коре одатан ҳис мекунам, ки онро суст иҷро карда истодаам
58. Вақте ки муаллим аз ман иҷрои супоришро дар тахтаи синф назди ҳамсинфонам мепурсад, дастонам каме меларзанд.

Варақаи қайди ҷавобҳо

Ному насаб________________

Синф______________________

Санаи рӯз__________________

| | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | 11 | | | 21 | | | 31 | | | 41 | | | 51 | | |
| 2 | | | 12 | | | 22 | | | 32 | | | 42 | | | 52 | | |
| 3 | | | 13 | | | 23 | | | 33 | | | 43 | | | 53 | | |
| 4 | | | 14 | | | 24 | | | 34 | | | 44 | | | 54 | | |
| 5 | | | 15 | | | 25 | | | 35 | | | 45 | | | 55 | | |
| 6 | | | 16 | | | 26 | | | 36 | | | 46 | | | 56 | | |
| 7 | | | 17 | | | 27 | | | 37 | | | 47 | | | 57 | | |
| 8 | | | 18 | | | 28 | | | 38 | | | 48 | | | 57 | | |
| 9 | | | 19 | | | 29 | | | 39 | | | 49 | | | | | |
| 10 | | | 20 | | | 30 | | | 40 | | | 50 | | | | | |

**Коркард ва тафсири натиҷаҳо.** Ҳангоми коркарди натиҷаҳо саволҳое муайян карда мешаванд, ки ҷавобҳояшон ба калиди тестӣ мувофиқат намекунанд. Масалан, ба саволи 58 кӯдак «ҳа» ҷавоб дод, дар

ҳоле ки дар калид ин савол ба «—» мувофиқ аст, яъне ҷавоби «не» мебошад. Ҷавобҳое, ки ба калид мувофиқат намекунанд, зуҳуроти изтироб мебошанд. Ҳангоми коркард инҳо ҳисоб карда мешаванд:

1. Шумораи умумии номувофиқаткуниҳо дар тамоми тест, агар он зиёда аз 50% шумораи умумии саволҳоро ташкил диҳад, мо метавонем дар бораи изтироби баланд дар кӯдак сухан гӯем; агар аз 75 фоиз зиёд бошад, ин дар бораи изтироби беҳад баланди кӯдак маълумот медиҳад.

2. Шумораи мувофиқаткуниҳо бо ҳар яке аз 8 намуди изтироб. Дараҷаи изтироб ба мисли ҳолати аввала муайян карда мешавад. Ҳолати умумии эмотсионалии ботинии хонанда таҳлил карда мешавад, ки он асосан бо мавҷудияти синдромҳои (омилҳои) муайяни изтироб ва шумораи онҳо муайян карда мешавад.

| № | ОМИЛҲО | РАҚАМИ САВОЛ |
|---|---|---|
| 1. | Изтироби умумӣ дар мактаб | 2,4,7,12,16,21,23,26,28,46,47,48,49,50,51,52,53,5 4,55,56,57,58 ∑=22 |
| 2. | Азсаргузаронии стресси иҷтимоӣ | 5,10,15,20,24,30,33,36,39,42,44 ∑=11 |
| 4. | Фрустратсияи талабот ба комёбрасӣ | 1,3,6,11,17,19,25,29,32,35,38,41,43∑=13 |
| 4. | Тарс аз худзоҳирнамоӣ | 27,31,34,37,40,45 ∑=6 |
| 5. | Тарс аз вазъияти санҷиши дониш | 2,7,12,16,21,26 ∑=6 |
| 6. | Тарс аз мувофиқат накардан бо интизориҳои атрофиён | 3,8,13,17,22 ∑=5 |
| 7. | Муқобилияти пасти физиологӣ ба стресс | 9,14,18,23,28 ∑=5 |
| 8. | Мушкилот ва тарсҳо дар муносибат бо муаллимон | 2,6,11,32,35,41,44,47 ∑=8 |

**Замимаи №6**

## Саволномаи таҳқиқи дараҷаи агрессивнокии Басс - Дарки

Насаб_______________________________________________

Ном________________________________________________

Номи падар__________________________________________

Синну сол__________________________________________

Сана ва ҷойи тестгузаронӣ_____________________________

Вақти тестгузаронӣ___________________________________

Саволнома барои ташхиси вокунишҳои агрессивӣ ва хусуматона пешбинӣ шудааст. Агрессия ҳамчун хислати шахсият фаҳмида мешавад, ки бо мавҷуд будани тамоюлҳои харобиовар, асосан дар соҳаи муносибатҳои субъекту объект тавсиф дода мешавад. Хусумат (душманӣ) ҳамчун вокунише арзёбӣ мегардад, ки ҳиссиёт ва баҳодиҳии манфии одамон ва рӯйдодҳоро ба вуҷуд меорад.

Нишондод: Агар шумо бо изҳорот розӣ бошед, "ҳа" ва агар розӣ набошед, "не"-ро қайд кунед. Кӯшиш кунед, ки доир ба саволҳо муддати дароз фикр накунед.

## Матни саволнома

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1. | Баъзан аз хоҳиши озор додани дигарон худдорӣ карда наметавонам | ҳа | Не |
| 2. | Баъзан шахсони бароям маъқулнабударо ғайбат мекунам | ҳа | Не |
| 3. | Ба осонӣ ба ғазаб меоям, вале зуд ором мешавам | ҳа | Не |
| 4. | Агар аз ман бо меҳрубонӣ хоҳиш накунанд, корро иҷро намекунам | ҳа | Не |
| 5. | Ман на ҳама вақт он чизеро, ки бояд дошта бошам, ба даст меорам | ҳа | Не |
| 6. | Намедонам, аз пасам дигарон дар бораам чӣ мегӯянд | ҳа | Не |
| 7. | Агар рафтори дӯстонам бароям маъқул набошад, коре мекунам, ки онҳо инро ҳис кунанд | ҳа | Не |
| 8. | Вақте нафареро фиреб медиҳам, виҷдонам маро сахт азоб медиҳад | ҳа | Не |
| 9. | Ба фикрам барои латукӯб кардани нафаре қодир нестам | ҳа | Не |
| 10. | Ман ҳеҷ гоҳ ба дараҷае хашмгин намешавам, ки чизҳоро ба ҳар тараф партоям | ҳа | Не |
| 11. | Ҳамеша камбудии дигаронро мебахшам | ҳа | Не |
| 12. | Агар тартиботи муқарраршуда бароям маъкул набошад, кӯшиш мекунам, ки онро вайрон кунам | ҳа | Не |
| 13. | Дигарон қариб ҳамеша аз вазъиятҳои мусоид истифода бурда метавонанд. | ҳа | Не |
| 14. | Дар муносибат бо шахсоне, ки нисбат ба ман аз интизориям бештар муносибати хайрхоҳона доранд, эҳтиёткорӣ зоҳир менамоям | ҳа | Не |
| 15. | Ман аксар вақт бо дигарон розӣ нестам | ҳа | Не |
| 16. | Баъзан дар фикрам андешаҳое чарх мезананд, ки аз онҳо шарм медорам | ҳа | Не |
| 17. | Агар ягон касе маро аввал шуда занад ҳам, ман ба ӯ бо чунин тарз ҷавоб намедиҳам | ҳа | Не |
| 18. | Вақте асабӣ мешавам, дарро сахт мепӯшам | ҳа | Не |
| 19. | Ман хеле асабинитарам, зеро ки дар назари аввал менамоям | ҳа | Не |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 20. | Агар ягон кас аз худаш роҳбар тарошад, ман ҳамеша ба муқобилаш мебароям | ҳа | Не |
| 21. | Аз тақдири худ то андозае ғамгинам | ҳа | Не |
| 22. | Ман фикр мекунам, ки бисёриҳо маро дӯст намедоранд | ҳа | Не |
| 23. | Агар дигарон бо ман розӣ набошанд, ман аз баҳс худдорӣ карда наметавонам | ҳа | Не |
| 24. | Шахсони коргурез бояд худро гунаҳкор ҳис кунанд | ҳа | Не |
| 25. | Ҳар касе, ки ман ва аҳли оилаамро дашном медиҳад, ба занозанӣ меафтад | ҳа | Не |
| 26. | Ман ба шӯхиҳои дағалона қодир нестам | ҳа | Не |
| 27. | Вақте маро масхара мекунанд, сахт ба ғазаб меоям | ҳа | Не |
| 28. | Вақте ки дигарон худро сардор вонамуд мекунанд, ман ҳама корро мекунам, то ки онҳо ҳавобаландӣ накунанд | ҳа | Не |
| 29. | Қариб ҳар ҳафта касеро мебинам, ки ба ман маъқул нест | ҳа | Не |
| 30. | Аксари шахсон ба ман ҳасад мебаранд | ҳа | Не |
| 31. | Ман талаб мекунам, ки дигарон маро эҳтиром кунанд | ҳа | Не |
| 32. | Манро ин ҳолат руҳафтода мекунад, ки барои волидонам ба қадри кофӣ хизмат намекунам | ҳа | Не |
| 33. | Шахсоне, ки ҳамеша шуморо озор медиҳанд, арзандаанд, ки “гӯшашонро тоб диҳӣ” | ҳа | Не |
| 34. | Ман ҳеҷ гоҳ аз шиддати қаҳру ғазаб ғамгин намешавам | ҳа | Не |
| 35. | Агар бо ман бадтар аз он рафтор кунанд, ки ба он сазовор ҳастам, хафа намешавам | ҳа | Не |
| 36. | Агар касе маро ба ғазаб овардан хоҳад, ман ба ӯ аҳаммият намедиҳам | ҳа | Не |
| 37. | Гарчанде ман инро нишон намедиҳам, вале баъзан ҳасад мебарам | ҳа | Не |
| 38. | Баъзан ба назарам метобад, ки дигарон ба ҳолам механданд | ҳа | Не |
| 39. | Агар хашмгин бошам ҳам, аз алфози қабеҳ истифода намекунам | ҳа | Не |
| 40. | Мехоҳам, ки гуноҳҳои ман бахшида шаванд | ҳа | Не |
| 41. | Ман дар кам ҳолатҳо ҷавоб мегардонам, ҳатто агар касе маро занад ҳам | ҳа | Не |
| 42. | Вақте кор табъи дилам намешавад, ман баъзан хафа мешавам | Ҳа | Не |
| 43. | Баъзан дигарон танҳо бо ҳузури худ манро хашмгин мекунанд | Ҳа | Не |
| 44. | Ягон нафаре нест, ки ман дар ҳақиқат ба ӯ нафрат дошта бошам | Ҳа | Не |
| 45. | Принсипи ман: «Ҳеҷ гоҳ ба «бегона» бовар накун» | Ҳа | Не |
| 46. | Агар касе маро асабӣ кунад, ман омодаам фикрамро дар бораи ӯ рӯйирост бигӯям | Ҳа | Не |
| 47. | Бисёр корҳое мекунам, ки баъдан пушаймон мешавам | Ҳа | Не |
| 48. | Агар ба ғазаб оям, метавонам ба касе зарба занам | Ҳа | Не |
| 49. | Аз кӯдакӣ ман ҳеҷ гоҳ алангаи хашму ғазабро нишон надодаам | Ҳа | Не |
| 50. | Ман аксар вақт худро мисли чалаки борут ҳис мекунам, ки ба таркидан омода аст | Ҳа | Не |
| 51. | Агар ҳама медонистанд, ки ман чиро ҳис мекунам, маро шахси мураккабу душвор меҳисобиданд | Ҳа | Не |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 52. | Ман ҳамеша доир ба он фикр мекунам, ки кадом сабабҳои пинҳонӣ одамонро барои муносибати хуб кардан бо ман водор мекунанд | Ҳа | Не |
| 53. | Вақте ба тарафи ман дод мезананд, ман ҳам дод зада, ҷавоб мегардонам | Ҳа | Не |
| 54. | Нокомиҳо маро ғамгин мекунанд | Ҳа | Не |
| 55. | Ман аз дигарон камтар ё бештар ҷангара нестам | Ҳа | Не |
| 56. | Ҳолатеро ба хотир оварда метавонам, ки аз шиддати ғазаб чизеро ба даст гирифтаму шикаста партофтам | Ҳа | Не |
| 57. | Баъзан эҳсос мекунам, ки аввал шуда, барои ба занозанӣ шуруъ кардан омодаам | Ҳа | Не |
| 58. | Баъзан ҳис мекунам, ки ҳаёт ба ман беадолатона муносибат мекунад | Ҳа | Не |
| 59. | Пештар фикр мекардам, ки аксари мардум рост мегӯянд, вале акнун ман ба ин бовар надорам | Ҳа | Не |
| 60. | Ман танҳо ҳангоми ба ғазаб омадан дашном медиҳам | Ҳа | Не |
| 61. | Вақте ки нодуруст рафтор мекунам, виҷдонам маро азоб медиҳад | Ҳа | Не |
| 62. | Агар барои ҳифзи ҳуқуқҳоям истифодаи қувваи ҷисмонӣ зарур шавад, онро истифода мебарам | Ҳа | Не |
| 63. | Баъзан ғазаби худро бо он ифода мекунам, ки бо мушт ба рӯйи миз мезанам | Ҳа | Не |
| 64. | Ман метавонам ба шахсони бароям маъқулнабуда муносибати дағал дошта бошам | Ҳа | не |
| 65. | Чунин душманоне надорам, ки ба ман зиён расонидан хоҳанд | Ҳа | Не |
| 66. | Ман дигаронро ҷавобан ҷазо дода наметавонам, агар ӯ ба ин сазовор бошад ҳам | Ҳа | Не |
| 67. | Аксар вақт фикр мекунам, ки нодуруст зиндагӣ кардам | Ҳа | Не |
| 68. | Ман шахсонеро медонам, ки қодиранд, ки маро ба занозанӣ таҳрик (тела) диҳанд | Ҳа | Не |
| 69. | Ба масъалаҳои ғайриҷиддӣ озурда намешавам | Ҳа | Не |
| 70. | Бисёр кам ба фикрам чунин андеша меояд, ки дигарон маро ба ғазаб овардан ё таҳқир кардан мехоҳанд | Ҳа | Не |
| 71. | Ман аксар вақт ба дигарон танҳо таҳдид мекунам, гарчанде мақсади амалӣ намудани ин таҳдидҳоро надорам | Ҳа | Не |
| 72. | Вақтҳои охир ман шахси миҷинг (дилбазан) шудаам | Ҳа | Не |
| 73. | Ҳангоми баҳс аксар вақт овозамро баланд мекунам | Ҳа | Не |
| 74. | Ман одатан кӯшиш мекунам, ки муносибати бади худро нисбат ба дигарон пинҳон кунам | Ҳа | Не |
| 75. | Ман беҳтараш бо чизе розӣ мешавам, нисбат ба он ки баҳс кунам | Ҳа | Не |

**Коркарди натиҷаҳо:**

Индекс (шохис)-и шаклҳои гуногуни вокунишҳои агрессивӣ ва душманона бо ҷамъбасти ҷавобҳои гирифташуда муайян карда мешаванд.

Агрессияи ҷисмонӣ, агрессияи бавосита, асаббоният, агрессияи шифоҳӣ дар якҷоягӣ индекси умумии вокунишҳои агрессивӣ ва кинаву бадгумонӣ индекси душманиро ташкил медиҳанд;

Душманӣ – мавқеи умумии манфӣ ва нобоварӣ ба атрофиён;

Агрессия – вокунишҳои фаъоли берунаи агрессивӣ нисбат ба шахсони мушаххас.

Индекси душманӣ ҷадвалҳои 5 ва 6, индекси агрессивнокӣ бошад (ҳам мустақим ва ҳам маромноккунанда), ҷадвалҳои 1, 3 ва 7-ро дар бар мегирад.

Меъёри агрессивнокӣ бузургии индекси он мебошад, ки ба 21 ҷамъ ё тарҳи 4 баробар аст ва душманӣ бошад – 6 - 5 - 7 ҷамъ ё тарҳи 3.

**Замимаи №7**

***Саволномаи Бек (барои наврасон)***

Нишондод: "Дар ин саволнома гурӯҳи мулоҳизаҳо оварда шудааст. Ҳар як гурӯҳи изҳоротро бодиққат хонед. Сипас дар ҳар гурӯҳ як изҳоротеро, ки бо ҳиссиёти ин ҳафта ва имрӯз аз сар гузаронида, мувофиқат мекунад, интихоб намоед. Дар назди изҳороти интихобнамудаатон ишора гузоред. Агар якчанд изҳорот аз як гурӯҳ ба шумо баробар мувофиқат кунанд, пас дар паҳлуи ҳар яки онҳо ишора гузоред. Пеш аз интихоб, боварӣ ҳосил кунед, ки ҳамаи изҳоротро дар ҳар як гурӯҳ пурра хондаед."

**Матни саволнома.**

0 Ман ғамгин нестам.

1 Ман худро ғамгин ва афсурда ҳис мекунам.

2 Ман ҳамеша ғамгин ва ё афсурда мешавам ва ман бо худ ҳеҷ кор карда наметавонам.

3 Ман чунон ғамгинам ё афсурдаҳолам, ки тоқат карда наметавонам.

0 Ман ба оянда бе ноумедии зиёд назар мекунам.

1 Ман аз оянда ноумед мешавам.

2 Ман ҳис мекунам, ки ман чизе барои интизорӣ надорам.

3 Ман ҳис мекунам, ки аз оянда умеде нест ва ҳеҷ гуна тағйирот барои беҳтар шудан вуҷуд надорад.

0 Ман худро ноком ҳис намекунам.

1 Ман ҳис мекунам, ки ба ман нисбат ба одамони дигар бештар ҳолатҳои нокомӣ рух додаанд.

2 Вақте ки ман ба зиндагии худ назар мекунам, танҳо як занҷири нокомиро мебинам.

3 Ман ҳис мекунам, ки ман ҳамчун шахс (волидон) ноком шудаам.

0 Ман нисбат ба дигарон дида шавқу ҳаваси худро гум накардаам.

1 Ман нисбат ба одамони дигар камтар шавқ дорам.

2 Ман қариб ҳама шавқу рағбатро нисбат ба одамони дигар гум кардаам ва нисбати онҳо қариб ҳеҷ гуна ҳиссиёте надорам.

3 Ба одамони дигар майлу рағбатамро гум кардам ва ба онҳо умуман парвое надорам.

0 Ман мисли пештара ба осонӣ қарор қабул мекунам.

1 Ман кӯшиш мекунам, ки қарорҳои қабулшударо ба таъхир андозам.

2 Қабули қарорҳо барои ман як мушкили бузург аст.

3 Ман дигар умуман қарор қабул карда наметавонам.

0 Ман ҳис намекунам, ки ман аз ҳолати маъмулӣ дида бадтар менамоям.

1 Зебо нанамудан манро ба ташвиш меорад.

2 Ман ҳис мекунам, ки дар намуди зоҳирии ман тағйиротҳои доимӣ ба амал меоянд, ки маро зебо мекунанд.

3 Ман ҳис мекунам, ки ман нафратангез ва нафратовар ба назар мерасам.

0 Ман ягон ноқаноатмандии махсусро хис намекунам.

1 Ҳеҷ чиз маро мисли пештара хушбахт намекунад.

2 Дигар ҳеҷ чиз маро қаноатманд намекунад.

3 Маро ҳама чиз қаноатманд немекунад.

0 Ман ягон гунаҳкориро эҳсос намекунам.

1 Бештари вақт ман худро беарзиш ҳис мекунам.

2 Ман ҳисси гунаҳкории қавӣ дорам.

3 Ман худро хеле бад ва беарзиш ҳис мекунам.

0 Ман мисли пештара кор карда метавонам.

1 Ман бояд барои иҷрои коре кӯшиши иловагӣ ба харҷ диҳам.

3 Ман ҳеҷ кор карда наметавонам.

0 Ман аз худам ноумед намешавам.

1 Ман аз худам ноумед шудаам.

2 Ман аз худам нафрат дорам.

3 Ман худро дидан намехохам.

0 Дар бораи ба худ зарар расондан фикре надорам.

1 Ман ҳис мекунам, ки мурдан беҳтар мебуд.

2 Ман нақшаҳои муайяни худкушӣ дорам.

3 Дар фурсати аввал худкушӣ мекунам.

0 Аз ҳарвақта дида монда нашудаам.

1 Аз пештара дида тезтар хаста мешавам.

2 Аз ҳар гуна фаъолият хаста мешавам.

3 Ман аз дилхоҳ коре хаста мешавам.

0 Иштихои ман аз муқаррарӣ дида бад нест.

1 Иштиҳо ман ба мисли пештара хуб нест.

2 Ҳоло иштиҳои ман хеле бад шудааст.

3 Ман умуман иштиҳо надорам.

***Коркард ва шарҳи натиҷаҳо.***

– то 9 хол – ҳолати эмотсионалии қаноатбахш – 4 хол

– аз 10 то 19 хол – депрессияи сабук – 3 хол

– аз 19 то 22 хол – депрессияи миёна – 2 хол

– аз 23 хол зиёдтар – депрессияи вазнин